**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН**

**БА НОМИ АКАДЕМИК М.С. ОСИМӢ**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ВБД: 338.46: 338.47:338.467**

**САЙФУЛЛОҲЗОДА ОЛУФТА МИРУЛЛО**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика)

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

Ҳамроев Фузайлӣ Маҳмадалиевич

**ДУШАНБЕ – 2026**

МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ........ 3

САРСУХАН ........ 4

БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ШАҲРҲО ........ 13

1.1. НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР СИСТЕМАИ МУСОФИРБАРИИ АҲОЛИИ ШАҲРҲО ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНӢ ........ 13

1.2. АСОСҲОИ МЕТОДӢ ВА ПРИНСИПҲОИ ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ШАҲРҲО ........ 26

1.3. ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ МЕХАНИЗМИ ИДОРА ВА ТАШКИЛИ МУСОФИРБАРИИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ШАҲРҲО ........ 44

БОБИ 2. ҲОЛАТИ КУНУНӢ ВА РУШДИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ........ 58

2.1. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА РУШДИ МУСОФИРБАРӢ БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ........ 58

2.2. ОМИЛҲОИ ТАЪСИРРАСОН БА МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ МУСОФИРБАРӢ БО МИКРОАВТОБУСҲО ........ 79

2.3. БАҲОДИҲИИ СИФАТИ МУСОФИРБАРӢ БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ........ 92

БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ........ 107

3.1. ТАШАККУЛИ СТРАТЕГИЯИ РУШДИ МУСОФИРБАРӢ БО МИКРОАВТОБУСҲО ........ 107

3.2. АМСИЛАИ ИҚТИСОДИЮ РИЁЗИИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ТАЛАБОТ БА ХИЗМАТРАСОНИИ МИКРОАВТОБУСҲО ВА ПЕШГӮИИ ОНҲО ........ 121

3.3. РОҲҲОИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИ ИДОРАИ МУСОФИРБАРӢ БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ........ 128

ХУЛОСА ........ 145

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО ........ 147

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ........ 150

РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДА АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ ........ 168

ЗАМИМА ........ 171

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

СМР – Стратегияи миллии рушд

БДА – Бозрасии давлатии автомобилӣ

БМР – Барномаи миёнамуҳлати рушд

БХН – Бозори хизматрасонии нақлиётӣ

БХНАМ – Бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбар

БҲР – Бехатарии ҳаракат дар роҳ

МНА – Муассисаи нақлиёти автомобилӣ

МНАМ – Муассисаи нақлиёти автомобилии мусофирбар

НАМ – Нақлиёти автомобилии мусофирбар

НМШ – Нақлиёти мусофирбари шаҳр

НАМШ – Нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр

ККВД – Корхонаи коммуналии воҳиди давлатӣ

МНАШ – Муассисаи нақлиёти автомобилии шаҳр

МИҲҶ – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти ҷумҳуриявӣ

МИҲМ – Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ

МНАМШ – Муассисаи нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ

ҲНАШ – Ҳамлу нақли автомобилии шаҳрӣ

ТИМ – Ташкили идоракунии мусофирбарӣ

ҶФО – Ҷумҳурии Федеролии Олмон

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

VV – Verkehrs verbund

ҶСК – Ҷамъияти саҳомии кушода

ҶСП – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

ҲРН – Ҳолатҳои роҳу нақлиётӣ

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

АОНПҶТ – Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## САРСУХАН

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Бо тақвият ёфтани равандҳои иқтисоди бозорӣ, нақши системаҳои нақлиётӣ дар таъмини ниёзҳои аҳолӣ ва суботи иқтисодӣ ба маротиб афзоиш ёфтааст. Хусусан, дар шароити шаҳру деҳот нақлиёти мусофирбарӣ ба яке аз унсурҳои асосии рушди иҷтимоӣ табдил ёфта, ба рушди демографӣ, ташаккули инфрасохтори муосир ва тавсеаи фазои шаҳрсозӣ мусоидат менамояд. Ташкили дурусти кори нақлиёти мусофирбарӣ ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсири мусбӣ расонида, ҳангоми арзёбии равандҳои ташаккули иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳо нақши назаррасро иҷро менамояд. Бо таъмини ҳаракати аҳолӣ ва қонеъ гардонидани талаботи он, нақлиёт ҳамчун инфрасохтори асосии хоҷагии шаҳр маҳсуб ёфта, дар таҳкими иқтидори истеҳсолӣ ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Барои таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳо нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳрӣ ҳангоми муайянсозӣ ва тадбиқи вазифаҳои муосири стратегӣ муҳим буда, иҷрои саривақтӣ ва босифати онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи мусофирон ба ҳамлу нақл равона шудаанд.

Айни замон дар шаҳри Душанбе нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ воситаи асосии мусофирбарӣ дар хатсайрҳои мусофиркашонӣ ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти шаҳрдорӣ ва иҷрои вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоии он нақши муҳимро мебозад. Ин намуди нақлиёт дорои парки техникаи нақлиётӣ мебошад, ки бо назардошти ҳаҷм ва сохтори ҷараёни мусофирбарӣ имкони қонеъ гардонидани талаботи афзояндаи аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётиро фароҳам месозад.

Аз ин рӯ, нақлиёти мусофирбари автомобилии шаҳрӣ барои ба ҷойи зарурӣ расонидани одамон ва таъмини сарфаи вақти онҳо зарур дониста шуда, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодиёти миллӣ имкон медиҳад. Инчунин, ин нақлиёт яке аз воситаи муҳимми амалӣ намудани ҳадафҳои иҷтимоӣ буда, дастрасии мардум ба ташкилоту муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва ғайраро таъмин менамояд. Дар натиҷа, сатҳи қонеъсозии

талаботи иҷтимоии аҳолӣ афзоиш меёбад ва сатҳи некӯаҳволии ҷомеа боло меравад.

Бо вуҷуди нақши калидии нақлиёти мусофирбари автомобилӣ дар таъмини ҳаракати аҳолӣ, як қатор мушкилоти иҷтимою иқтисодӣ фаъолияти он ва рушди инфрасохтори шаҳриро душвор мегардонанд. Аз ҷумла, зиёд шудани нархи роҳкиро ба қобилияти харидории аҳолӣ, беқурбшавии пули миллӣ ва самаранокии фаъолияти нақлиёти шаҳрӣ таъсири манфӣ расонида, монеаҳо нисбат ба рақобати озод, татбиқ нагардидани технологияи рақамӣ ва истифодаи он миёни табақаҳои муайяни аҳолии шаҳр мебошад.

Таҳлили вазъи муосир ва рушди нақлиёти мусофирбари мамлакат ва шаҳри Душанбе, аз он ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо нишон медиҳад, ки нақлиёти ҷамъиятии шаҳр айни замон наметавонад пурра талаботи аҳолиро ба хизматрасониҳои босифати нақлиётӣ таъмин намояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Ҳоло таҳқиқот оид ба системаи нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ идома дошта, мутахассисон аз соҳаҳои мухталифи илмӣ ва амалӣ ба таҳким ва рушди ин низом машғуланд. Бисёре аз олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти нақлиёт таҳқиқоти худро ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии мусофирбарӣ, аз ҷумла нақлиёти ҷамъиятии шаҳр бахшидаанд, ки метавон А.О. Аррак, В.Д. Герами, В.А. Гудков, А.В. Гузенко, Н.В. Капустина, В.А. Кириченко, В.Н. Лившиц, В.А. Персианов, А.В. Паначугин , Г.А. Поберезник, А.Ю. Рыжков, Д.С. Самойлов, Э.А. Сафонов, Б. Симпсон, А.А. Смехов , А.Я. Столов, М.П. Улитский, С.А. Фалин, А.Ж., Якушев ва дигаронро номбар намуд. Аз олимони ватанӣ натиҷаҳои илмии С.Ш. Бегмуродов, О. Бобоев, Ф.С. Гадоева, А.Ҳ. Катаев, Р.К. Раҷабов, З.Ҷ. Раҷабова, А. Рауфӣ, О.К. Сангинов, П.Д. Хоҷаев,  Ф.М. Ҳамроев, С.Ҷ. Файзуллоева, У.Ҷ. Ҷалилов, Ҷ. Ҷумъаев  ва дигаронро низ метавон номбар кард.

Ҳамзамон, таҳқиқоти ҷанбаҳои мухталифи мушкилоти мавриди омӯзиш дар доираи рушди муносибатҳои бозорӣ то ҳанӯз пурра анҷом нашуда, барои такмили амиқ ва фарогир эҳтиёҷи ҷиддӣ дорад.

То имрӯз масъалаҳои рушди системаи нақлиёти шаҳр, аз он ҷумла ташкили идоракунии мусофирбарӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ, омӯзиш, коркард ва муносибгардонии хатсайрҳо, ҳамкории байни намудҳои гуногуни нақлиёт, аз он ҷумла байни мусофиркашонӣ бо истифода аз автобусҳо (миркоавтобусҳо), троллейбусҳо, автомобилҳои сабукрави таксӣ ва ҷустуҷӯю роҳандозии усулҳои самараноки пардохти ҳаққи роҳкиро дар муҳити таҳқиқотӣ, инчунин такмил ва истифодаи низоми танзими давлатии ҳамлу нақли мусофирон ба таври ҳамаҷониба баррасӣ нашудааст.

Илова ба ин, дар шароити кунунӣ масъалаҳои ташаккул ва рушди системаи ташкили идоракунии ҳамлу нақли нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ ба таври зарурӣ омӯхтанашуда ҳисобида мешавад. Тамоми қайдҳои болозикр мубрамияти кори диссертатсионӣ, аҳаммияти илмии назариявӣ ва амалии онро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ.** Таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди кишвар дар давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёт дар ҶТ то соли 2025, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2021-2025» ва Барномаи рушди нақлиёти барқӣ дар ҶТ барои солҳои 2023-2028 алоқаманд буда, дар асоси тадбиқи нақшаҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади диссертатсия** асосноккунии назариявӣ ва пешниҳоди чораҳои амалӣ нисбат ба такмили механизми идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадаф пешниҳод мегардад, ки вазифаҳои зерин иҷро шаванд:

-таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методӣ ҷиҳати муайян кардани нақш, мавқеъ, омӯзиши асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идоракунии ҳамлу

нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шароити рушди инноватсионӣ, арзёбии хусусиятҳои таҷрибаи хориҷии механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳрҳо;

-таҳлили вазъи муосири ҳамлу нақли мусофирон ва раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба ин механизм ва баҳодиҳии сифати кори микроавтобусҳо;

-баррасии стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, коркарди амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе;

- асоснок ва пешниҳод намудани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва роҳҳои такмили ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе.

**Объекти таҳқиқот** мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба шумор меравад.

**Предмети таҳқиқотро** баррасӣ намудани муносибатҳои ташкилӣ-иқтисодие, ки дар раванди ташкили мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва таъмини хизматрасонӣ дар муҳити рақобатнок дар шаҳрҳо ба вуҷуд меоянд, дар бар мегиранд.

**Фарзияи асосии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки таҳлили назариявии идоракунии мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо имкон медиҳад, то механизми ташкили идоракунӣ дуруст арзёбӣ шавад. Дар натиҷа ба муайян кардани самтҳои асосии беҳтарсозии механизми идоракунии мусофирбарӣ, аз ҷумла усулҳои такмили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳрҳо имкон фароҳам меоварад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Давраи иҷрои диссертатсия солҳои 2022-2025-ро дар бар гирифта, дар кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ иҷро шудааст.

**Асосҳои назариявии рисоларо** назарияи иқтисодиёти бозорӣ ташкил

медиҳад, ки дар такмили гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ нақши босазо дорад. Арзёбии ин назария дар корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, инчунин дар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкил ва такмили системаи мусофирбарӣ дар шаҳрҳо ба таври муфассал таъриф шудааст.

**Асосҳои методӣ.** Ҳангоми иҷрои рисола усулҳои дедуктивӣ, индуктивӣ, синтез, муқоисавӣ ва системавӣ, таҳлили оморию иқтисодӣ, амсиласозии коррелятсионию регрессионӣ истифода бурда шудаанд.

**Сарчашмаи маълумоти диссертатсияро** натиҷаи коркардҳои илмӣ, маълумоти омории Ҳукумати шаҳри Душанбе, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ, Агенти омори назди Президенти ҶТ, вазоратҳо, ташкилоти байналмилалӣ, идораҳо, натиҷаҳои таҳқиқоти аз тарафи муаллиф анҷом додашуда дар бар мегиранд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори илмии мазкур дар кафедраи иқтисодиёт ва логистикаи нақлиётии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ  бо истифода аз пойгоҳи моддӣ-техникӣ, инчунин пойгоҳи иттилоттии МД “Душанбенақлиётхадамотрасон” ва МД “Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ” анҷом дода шудааст.

**Навгониҳои илмии диссертатсия** дар таҳқиқот ва коркарди назариявию методӣ оид ба такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва пешниҳоди тавсияҳои илман асоснок дар мавзуи таҳқиқгардида ифода ёфтаанд.

Натиҷаҳои нисбатан муҳимми аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада дар бандҳои зерин пешниҳод шудаанд:

1. Ҷанбаҳои назариявӣ-методии мавқеи мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ таҳлил, принсипҳо ва методи ташкили идоракунии ҳамлу нақли автомобилӣ дар шаҳр ба таври аниқ муайян карда шуда,  таҷрибаи хориҷии ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилиро омӯхта, дар асоси онҳо вазифаҳои асосии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва нақши онҳо дар

беҳтаргардонию дастгирии намуди нақлиёти мазкур дар шаҳри Душанбе аниқ карда шуд;

2. Ҳолати муосир, рушди имкониятҳо ва ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти арзёбии асосҳои консептуалии рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, раванди мусофирбарӣ, таҳлилу муайян кардани омилҳои асосии таъсиррасон ба кори намудҳои гуногуни нақлиёт, аз ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ба таври муфассал ва баҳодиҳии сифати онҳо дар шаҳри Душанбе мавриди омӯзиш қарор гирифт;

3. Стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти омилҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи талаботи мусофирон коркард ва татбиқ карда шуд;

4. Самтҳои асосии ташкили идоракунии ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо дар шаҳр, муносибгардонии шабакаи хатсайрҳо ва системаи идоракунии хизматрасониҳои нақлиётӣ таҳия, механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар ин самт муайян ва пешниҳод карда шуд. Он таъмин намудани шароитро барои рушди интиқол, такмилдиҳии фаъолияти системаи ягонаи автоматонидаи идоракунии нақлиёти шаҳр, рушди системаи муосири пардохти ҳаққи роҳкироро бо назардошти татбиқи рақамикунонии нақлиёт дар давраи то соли 2030 дар шаҳри Душанберо дар бар мегирад.

**Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:**

- дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти илмию соҳавии ватанӣ ва хориҷӣ нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи системаи нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ муайян, принсипҳо ва хусусиятҳои ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳрҳо арзёбӣ шуданд, ки он ба истифодаи самараноки механизми мусофирбарӣ мусоидат мекунанд. Дар асоси натиҷаи муқоисаи таҷрибаҳои кишварҳои хориҷӣ оиди ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилӣ вазифаҳои асосии мақомоти иҷроия ва нақши онҳо

дар беҳтаргардонию дастгирии намуди нақлиёти мазкур дар шаҳри Душанбе муайян карда шуданд;

- дар натиҷаи таҳлили ҳолати муосир ва рушди мусофирбарии автомобилӣ ва баррасии асосҳои консептуалии рушди системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр, тадқиқи анбуҳи мусофирон баҳогузорӣ гардида, сабабҳои асосии таъсиррасон ба фаъолияти намудҳои гуногуни нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр, аз ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ошкор карда шуданд. Сифати хизматрасонӣ бо нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла бо микроавтобусҳо таҳлил ва арзёбӣ гардида, муайян карда шуд;

- ташаккули стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба ташкили мусофирбарӣ бо онҳо ва коркарди амсилаи иқтисодию риёзии талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба сомон расонида шуд;

- тавсияҳо оид ба асоснокнамоии механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва роҳҳои такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микравтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо назардошти рақамикунонии иқтисодиёт ва татбиқи иқтисодиёти сабз таҳия карда шуданд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар васеъгардонии ҷанбаҳои таҳқиқи илмию назариявии самаранокии ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо зоҳир гардида, ҷиҳати татбиқи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва баландбардории самаранокии ташкили идоракунии онҳо метавонад заминаҳои боъэтимод гузорад.

**Аҳаммияти амалии кори диссертатсионӣ** ва натиҷаҳои бадастомада аз ҳалли масъалаҳои иҷрои мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳр иборат аст. Баҳодиҳии сифати кори микроавтобусҳо, омӯзиши селаи мусофирон, амсиласозии иқтисодӣ-риёзии ташаккули талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо ва пешгӯии он аҳаммияти муҳим дорад.

Натиҷаҳои бадастомада дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муассисаҳои

нақлиёти мусофирбари шаҳр бо шаклҳои гуногуни моликият ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар заминаи қабули қарорҳо оид ба рушди системаи нақлиёти мусофирбари шаҳр ва системаи идоракунии хизматрасонии он амалан татбиқ шуданд.

Муқаррароти илмию методии муаллиф дар фанҳои бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ, иқтисодиёти корхонаи нақлиёти автомобилӣ, маркетинг дар нақлиёт, менеҷмент дар нақлиёт, банақшагирӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, логистикаи нақлиётӣ, ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти автомобилӣ, иқтисодиёти соҳа барои донишҷӯёни ихтисосҳои иқтисодӣ татбиқ гардиданд ва ҳамчун асоси муҳим барои омодасозии мутахассисони соҳа истифода шуданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи дуруст ва боэътимоди маълумоти оморӣ ва манбаъҳои эътимоднок, таҳлили амиқ ва коркарди маълумоти таҳқиқотӣ дар самти беҳтар кардани самаранокии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳр натиҷаҳои муассир ва муҳимро ба даст меорад. Ин дар навбати худ ба татбиқи дурусти роҳҳои беҳтар кардани самаранокии мусофирбарӣ мусоидат мекунад. Хулоса ва тавсияҳо аз таҳлили илмии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот асос ёфтаанд.

**Мутобиқати кори диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) мувофиқат мекунанд: “1. Равишҳои назариявӣ ва усулии таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нави амалкарди иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба усулҳо, механизмҳо ва афзорҳои мавҷудбудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт; 2. Мукаммалгардонии ташкил ва идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар шароити бозорӣ; 7. Ташхиси иқтисодии фаъолияти муассиса ва ширкатҳои нақлиётӣ, комплекси нақлиётии мамлакат, минтақаҳои он ва ғ.; 11. Баҳо додан ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётии аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат; 28. Стратегияи

рушди иқтисодии ҳалқаҳои аввалия ва муттаҳидшудаи нақлиёт; 33. Самаранокии ташкилию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт; 34. Механизми баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ; 41. Шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи нақлиёт”.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Кори таҳқиқотии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳқиқоти муаллиф мебошад, ки ҳамаи давраҳо бо иштироки бевоситаи он бо назардошти дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ сурат гирифтааст. Муаллиф мавзуи таҳқиқотро ба таври мустақил интихоб намуда, муҳиммият, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро илман асоснок кардааст ва нақшаи амалиёти таҳқиқотиро тартиб додааст. Унвонҷӯ дар самти ҷамъоварии маводди мавзуи таҳқиқотӣ мустақилият нишон дода, онро коркард ва таркиббандӣ намудааст. Ташаккули стратегияи рушд, инчунин амсиласозии иқтисодию риёзии муайянсозии талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо натиҷаҳои бадастовардаи шахсии муаллиф мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои кор.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмию амалӣ, инчунин конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ (давоми солҳои 2023-2025) мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуъ.** Доир ба мавзуи диссертатсия 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми кор.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳои илмӣ ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми он 171 саҳифаро ташкил дода, аз 28 ҷадвал, 30 расм ва 194 номгӯйи адабиёт иборат аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ ДАР ШАҲРҲО

## 1.1. Нақлиёти автомобилӣ дар системаи мусофирбарии аҳолии шаҳрҳо дар шароити рушди инноватсионӣ

Таҳқиқи гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар шароити муосири рушди кишвар дар асоси омӯхтани хусусияти худтанзимшавӣ гувоҳи он аст, ки модели бозорӣ метавонад фаъолияти хоҷагидориро дар сатҳи нави инноватсионӣ бо истифодаи платформаи рақамӣ ба роҳ монад ва барои рушду таҳкими системаи хизматрасонии иқтисодӣ мусоидат намуда, талаботи мардумро бо сифати баланд ва пуррагӣ қонеъ созад. Аз ин ҷост, ки "бозорро бояд ҳамчун як категорияи иқтисодӣ бо равиши назариявӣ таҳлил намуд, зеро он асоси мубодилаи молу хизматрасониҳоро бо арзиши воқеӣ ва рақобатпазир таъмин мекунад" [181].

Аз арзёбии раванди таҳқиқи бозор бармеояд, ки шарти асосии ташаккул ба он нигаронида шудааст, то истеҳсолкунандагон "бо истифода аз таҷрибаи хеш ва омӯзиши талаботи истеъмолкунандагон молу хизматрасониҳоро истеҳсол намуда, ҳамзамон барои қонеъ намудани талаботи иҷтимоӣ кӯшиш намоянд" [187].

Дар баробари ин рушди муносибатҳои бозорӣ дар асоси ба назар гирифтани манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон роҳандозӣ карда шуда, ҷиҳати истифодаи механизмҳои муосир миёни онҳо, афзоиши ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасонию равандҳои фурӯшро низ дар бар гирифта, асоси ташаккули равандҳои иқтисодии бозориро ташкил диҳад.

Аз махзанҳои илмӣ бармеояд, ки ҳоло хусусиятҳои бозор бо назардошти вазъи номукаммали он тағйир ёфтаанд. Вобаста ба ин П. Самуэлсон қайд мекунад, ки "бозор сохтори бонизомест, ки тавассути он истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони мол (кор, хизмат) нарх ва миқдори мол (кор, хизмат)-ро муайян менамоянд" [157].

Ба ақидаи Файзуллоева С.Ҷ. "...аз тарафи дигар, дар бисёр адабиёт баъзе ҷанбаҳои махсус ва муҳим таъкид мешавад, ки "бозор соҳаи гардиши молу пул

буда, мубодилаи натиҷаҳои меҳнатро таъмин мекунад”” [187]. Вобаста ба ин ду аломати асосии фарққунандаро миёни бозорҳо ҷудо намуд:

1. Омӯхтани хизматрасониҳо пеш аз анҷоми онҳо мушкил буда, сифати хизмат метавонад натиҷаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла даромадро тағйир диҳад ва ин омил ба баҳогузорӣ таъсир мерасонад;

2. Хусусияти асосии хизматрасониҳо номуайян будани онҳо мебошад, ки ин омил гардиши хизматҳоро дар бозор мушкил месозад.

Дар шароити системаи бозорӣ, бозори мол ва бозори хизматрасонӣ ҳамчун ду ҷузъи ҷудогона муайян мешаванд, ки таносуби ҳаҷми истеҳсол ва истеъмоли онҳо, ҳамзамон шаклҳои муносибати байни онҳоро ифода мекунанд. “Нишондиҳандаҳои асосӣ, ба монанди миқдори пешниҳод ва талабот, тавассути механизмҳои нархгузорӣ ё тарофаҳо ба ҳам алоқаманд буда, дар идораи равандҳои бозорӣ нақши муассир мебозанд” [187].

Тағйироти баамалоянда дар байни субъектҳои маҷмуи нақлиётӣ, ки ба истифодаи истилоҳоти «бозори хизматрасонии нақлиётӣ», «бозори нақлиётӣ», «бозори хизматрасонии нақлиёти шаҳр» ва «бозори хизматрасонии нақлиёти деҳот» ба фарқ кардани бозорҳо дар асоси намудҳои гуногуни нақлиёт мусоидат мекунанд.

Гурӯҳи дигар бозори нақлиётиро ҳамчун «низоми мураккаби бисёромилаи иқтисодии мубодила» мебинанд.

Яке аз олимони рус Персианов В.А. қайд намудааст, ки “бозори хизматрасониҳои нақлиётии автомобилӣ дар худ маҷмуи харидорони ҳақиқӣ ва эҳтимолӣ ва фурӯшандагонро доир ба мубодилаи хизматрасониҳои нақлиётии автомобилӣ таҷассум менамояд” [150].

Аз таҳлили махзанҳо бармеояд, ки мафҳуми бозор якчанд тафсирҳоро дар бар гирифтааст. Он метавонад ба маҷмуи ҳамаи муомилаҳои иқтисодӣ, ки дар онҳо молу хизматҳо аз як тараф ба тарафи дигар интиқол дода мешаванд, ишора кунад. Ҳамчунин, бозор чун макон ё муҳити рақобатпазир ва динамикӣ фаҳмида шуда, дар он субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо истифода аз маълумоти дар рафти омӯзиши бозор ба даст оварда ва бо тактикаю

стратегияҳои мухталифи худ барои ҳарчӣ бештар ба даст овардани манфиати иқтисодӣ фаъолият доранд:

1) муҳайё намудани инфрасохтори БХН барои баҳамоии интиқолдиҳандагон ва мусофирон;

2) тадбиқи механизми танзими ташкили идоракунӣ ва иқтисодӣ;

3) ташкил ва танзими раванди мубодилаи хизматрасонӣ;

4) миқдори муайяни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагони мол хизматрасониҳои гуногун ва ғ.

Гурӯҳи дигари олимон бозори хизматрасонии нақлиётиро ҳамчун механизми ташаккулёфта арзёбӣ менамоянд.

Ба ақидаи муаллиф “бозори хизматрасонии нақлиётӣ шомили пешбинии талабот, идоракунӣ ва таъмини он тавассути иҷрои намудҳои молу мусофирбарӣ, корҳои нақлиётию ирсолӣ ва техникӣ мебошад” [187].

Инчунин, дар дигар [98] кори илмӣ мувофиқи муқаррароти муаллиф зикр кардан бамаврид аст, ки “бозори минтақавӣ ҳамон ҷузъу томи маъмурию ҳудудии кишвар аст, ки дар он хусусиятҳои иқтисодию демографӣ, миллию маишӣ ва табиӣ-иқлимӣ мавҷуд буда, натиҷагирии кори нақлиётӣ ҳамчун субъекти муҳим зарур аст”.

Аз тарафи дигар БХН бояд ҳамчун низоми худтанзимкунанда омӯхта шуда, дар он талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ бо назардошти мавқеъ ва нақши давлату истифодаи механизмҳои танзим бояд ба роҳ монда шавад.

Ҳангоми таҳлил чунин фарқиятҳои асосӣ ва хоси муассисаҳои нақлиёти автомобилиро баҳо додан бамаврид аст:

“- мураккабӣ – таркиби мураккаби муассисаю корхонаҳои шакли гуногуни моликият аз унсурҳои зиёде вобаста аст, ки ҳар яке барои самаранокии муносибатҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ вобаста ба намуди моликият мусоидат менамояд;

- мухторият – принсипи мухторият дар фаъолияти муассисаи нақлиёти автомобилӣ дар он зоҳир мешавад, ки роҳбарият ҳуқуқи қабули қарорҳои

мустақилро дорост ва дар назди сохторҳои болоӣ ё шарикон барои оқибатҳои ин қарорҳо пурра масъул мебошад” [181];

- маҳсулнокӣ – фаъолияти кормандони МНА дар он ифода меёбад, ки онҳо ба таъмини ниёзҳои иҷтимоии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт омода буда, барои ба даст овардани самаранокии баланд фаъолият менамоянд;

- ҷамъиятӣ – ҷанбаҳои иҷтимоии фаъолияти МНА дар асоси баҳодиҳии дорои манфиатҳои муайян ва ҳадафҳои равшан, ки омилҳои зиёде самти рушди комплекс ва рафтори умумии системаи нақлиётиро ташаккул медиҳанд;

- ошкорбаёнӣ – принсипи ошкорбаёнӣ дар фаъолияти муассисаи нақлиёти автомобилӣ дар ҳамкории мунтазам бо муҳити берунии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ инъикос меёбад, ки дар доираи он равандҳои ташкилотӣ бо сатҳи баланди шаффофият ва озодии иттилоот татбиқ мегардад.

- фаъолнокӣ ва чандирият – муассиса ба шароити тағйирёбанда мутобиқ мегардад ва раванди нақлиётиро тибқи ҳолатҳо ва талабот тағйир медиҳад.

Ҳамин тавр, БХН системаест, ки бо ёрии он танзимгарони нақлиётӣ тариф ва ҳамчунин дигар шартҳои хизматрасониҳои нақлиётиро дар ҳудуди муайян дақиқ менамоянд.

Вобаста ба ин чунин давраҳои таҳаввулоти бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбарро ҷудо менамоянд:

- гузаронидани таҳлили шаклҳои муносибати иқтисодӣ миёни иштирокчиёни бозор имкон медиҳад, ки механизми муошират ва ҳамкории онҳо дар муҳити тиҷоратӣ равшан гардида, сатҳи таъсири омилҳои ҷудогона муайян карда шавад;

- барномасозӣ ва муттаҳид намудани равандҳои хизматрасонии нақлиётӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти самаранок ва ҳамоҳанггардида ба роҳ монда шавад;

- такмили раванди идораи бозор барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ ба аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

Ба ақидаи Олейкин А.Н. “ноустувории ҳолати бозор ва бесуботии равандҳои худташкилшавӣ ва худтанзимгарӣ”-ро фарқ намуда [77], онро бояд омӯзем. Рушди бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбар (БХНАМ) барои ноил шудан ба дастовардҳои мусбии иқтисодӣ мусоидат менамояд. Инноватсия дар БХНАМ шарти асосии таъмини талаботи пешгӯишаванда мебошад. Инчунин, “дар шароити мушаххаси ҳудуди БХНАМ воситаи ташаккул ва рушди робитаҳои байнивилоятӣ, байниминтақавӣ ва байналмилалӣ аст” [54].

Вобаста ба ин, дар самти рушди инновастионӣ арзёбии тамоюлҳо ва хусусиятҳои БХН барои муайянсозии нишондиҳандаҳои самаранокии истифодабарии иқтидорҳои мавҷуда,  махсусан дар БХНАМ-и шаҳр бениҳоят муҳим мебошад.

Барои муайян намудани бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр (БХНАМШ) гузаронидани таҳлилҳо бо мақсади ошкор намудани натиҷаҳои бадастомадаи самтҳо барои идоракунии системаи нақлиётӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Муаллиф “таҳлил ва лоиҳакашии системаи нақлиётиро чунин мебинад:

- гузаронидани таҳлили системаи нақлиёти шаҳр;

- созмон додани сохтори идораи муосири системаи нақлиётии илман асосноккардашуда” [24];

- таҳияи механизми самараноку устувор ҳангоми хизматрасонӣ.

Аз тарафи дигар зарур аст, ки вазъи иқтисодӣ ва рушд дар миқёсӣ кишвар, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо муайян карда шавад. БХНАМ метавонад барои рушди иқтисодиёти маҳаллӣ кумак кунад ва ба рушди соҳаҳои дигар низ мусоидат намояд.

Коркарди нишондиҳандаҳои БХН-и минтақавӣ, ба монанди сегментҳои асосӣ, ҷиҳати беҳтар кардани хизматрасонии нақлиётӣ, рақобат, истифодаи инноватсияҳо ва кластерҳои нақлиётӣ равона мешавад.

Ҷорӣ намудани механизми танзими давлатӣ дар бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳр (БХНАМШ) бояд чунин шароитҳои мусоид ва мувофиқ ба рушди инноватсиониро фароҳам орад:

-барои ташаккул ва рушди инноватсионии БХНАМШ;

-муносибгардонии таркиби БХНАМШ ба талаботи мусофирон;

-механизми дурусти ташкили назорат ва танзими фаъолияти нақлиётӣ;

-таҳлили ҳаматарафа ва доимии фаъолияти қисматҳои БХНАМШ ва имкони рушди он;

-системаи ягонаи иттилоотӣ ва коркарди маълумот дар асоси рақамикуннонии фаъолияти нақлиётӣ;

-фароҳам овардани муҳити рақобат ва дастгирии молиявии субъектҳо ва дигарҳо.

Танзими бозори хизматрасонии нақлиётӣ ба мукаммалсозии хизматрасонӣ бо сифати баланд ва истифодаи оқилонаи захираҳо ва технологияи муосири рақамӣ ба роҳ монда мешавад.

Бо назардошти ин се аломати системаи нақлиёти автомобилӣ дар самти мусофирбарии шаҳрӣ муайян карда шудааст (расми 1).

Аз таҷриба дар самти идоракунию танзими нақлиёти автомобили мусофирбар (НАМ) бармеояд, ки барои ташкили самараноки фаъолият имконият мавҷуд аст.




**Расми 1 – Аломатҳои системаи нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ бо микроавтобусҳо**

Бо мақсади ҳамаҷониба арзёбии мавқеъ ва тавсифи ҳамлу нақли шаҳрии мусофирон бо микроавтобусҳо дар расми 2 нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи системаи нақлиёти автомобилии мусофирбарии шаҳрӣ бо микроавтобусҳоро муайян кардем.




**Расми 2 – Нишондиҳандаҳои асосии нақлиёти автомобилӣ барои мусофирбарӣ дар Тоҷикистон бо микроавтобусҳо**

Нишондиҳандаи муҳим дар системаи нақлиёти мусофирбар минтақаи он аст, ки на танҳо ба интихоби намуди нақлиёт ва шакли хизматрасонӣ, балки ба иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақа таъсиргузор аст. Минтақа барои танзими нобаробари иҷтимоӣ ва мавсимии мусофирон таъсиргузор буда, дар он нақши калидиро мебозад.

Олими ватанӣ Сангинов О.Қ. [98] минтақаро нисбат ба системаи нақлиёти автомобилии мусофирбар ҳамчун омили беруна ҳисобидааст, ки ин тасдиқот такмилро талаб мекунад. Аз ин лиҳоз, минтақаро ҳамчун омили муҳимми ташаккулдиҳандаи села бояд ҳисобид.

Ба ақидаи муаллифи кори дигар [66] омӯхтани мушкилоти рушди ба ҳам алоқаманди хизматрасонии ҳудудӣ, шабака ва ҷойгиронии аҳолӣ мақсаднок аст. Дар ин ҷо низ масъалаи мазкур пурра омӯхта нашудааст. Ҳамчунин,

тадқиқи роҳҳои беҳтарин барои ташаккул ёфтани системаи ҳудудӣ ва хоҷагидорӣ, ки наклиёт дар маркази он диққатталаб аст.

Мувофиқи Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009 таҳти №696 тасдиқ (дар таҳрир аз 02.10.2010 таҳти №527, аз 31.10.2014 таҳти №702, аз 29.03.2029 таҳти №143) гардидааст, "Таксиҳои хатсайрӣ (микроавтобусҳо) – автобусҳои ғунҷоишашон хурд, инчунин автомобилҳои сабукрав бо шумораи ҷои нишасти на зиёда аз 8 одам ътиоф карда мешавад, ки барои ҳамлу нақли мусофирон ва боғоҷ дар хатсайрҳои тасдиқгардида истифода бурда мешавад " [14]. Инчунин, дар ҳуҷҷати мазкур омадааст, ки "Ҳамлу нақли автомобилии мусофирон, бори дастӣ ва боғоҷ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо автобусҳо, микроавтобусҳо ва автомобилҳои сабукрави таксӣ иҷро карда шуда, ба шаҳрӣ, наздишаҳрӣ, байнишаҳрӣ (дохиливилоятӣ, байнивилоятӣ) ва байналмилалӣ ҷудо мешаванд" [14].

Ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро (таксиҳои хатсайрӣ) Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ба расмият дароварда аст: "Ҳамлу нақл бо таксиҳои хатсайрӣ – ҳамлу нақли мусофирон ва боғоҷи онҳо бо таксиҳои хатсайрӣ дар хатсайри муқарраршуда, ки саворкунӣ ва фаровардани мусофирон дар истгоҳҳо, инчунин бо хоҳиши онҳо дар ҳама нуқтаҳои хатсайрро, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳ манъ накардааст, пешбинӣ менамояд".

Ҳамлу нақли мусофирон мунтазам ва номунтазам мешванд, ки ҳамлу нақли мунтазам дар хатсайрҳои пешакӣ тарҳрезӣ ва тасдиқгардида иҷро карда мешаванд. Дар хатсайри мунтазами шаҳрӣ автобусҳои шаҳрии дараҷаи 1, ки на кам аз ду дар дошта бошанд, ҳамчунин автобусҳои дараҷаи 2 истифода мешаванд [7] .

Воситаҳои нақлиёти автобусие, ки мувофиқи Қоидаҳои қабулнамудаи Комиссияи иқтисодии Аврупоии Созмони миллали муттаҳид N56 (ГОСТ Р 41.36—2004 (Қоидаҳои КИА СММ № 36)) ба категорияи М2 ва М3 ва синфи А ва В ворид гардида, то 22 нафар ғунҷоиш доранд ва на зиёда аз 5 тонна вазни

максималӣ доранд, метавон ба воситаҳои нақлиёти микроавтобусӣ шомил намуд. Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки мувофиқи Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба ташкил ва амалӣ намудани ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 20 апрели соли 2023, №67 "аз ҷиҳати ташкилӣ ҳамлу нақли мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ ба мунтазам ва номунтазам тақсим мешавад" [7]. Аз ин нуқтаи назар ҳамлу нақли шаҳрии мусофирон бо микроавтобусҳо (таксиҳаи хатсайрӣ) ҳамлу нақли мунтазам ба ҳисоб меравад. Фарқ аз ҳамлу нақли мусофирон бо автобусҳои синфи I, II ва III, ки мусофирғунҷоишашон аз 22 нафар боло ҳаст (ГОСТ Р 41.36—2004 (Қоидаҳои КИА СММ № 36)) мусофиркашонӣ бо микроавтобусҳо дар хатсайри пешакӣ муайянгардида ба анҷом расонида мешавад, вале мусофиргирӣ ва мусофирфарорӣ на танҳо дар истгоҳҳои муайян, балки бо хоҳиши мусофирон (мизоҷон) иҷро карда мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои дар боло овардашуда, бо назардошти [7,14] (Оинномаи нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009 таҳти №696 тасдиқ (дар таҳрир аз 02.10.2010 таҳти №527, аз 31.10.2014 таҳти №702, аз 29.03.2029 таҳти №143), Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба ташкил ва амалӣ намудани ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2023, №67), инчунин дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии байналмилалии танзимкунанда хулоса кардан мумкин аст, ки микроавтобуси (таксиҳои хатсайрӣ) мусофиркаш воситаи нақлиётие мебошад, ки барои ҳамлу нақли мусофирон ва боғоҷи онҳо пешбинӣ шуда, ғунҷоишаш аз 8 то 22 нафар мусофир мебошад. Ин намуди воситаи нақлиётӣ дар байни автомобилҳои сабукрав ва автобусҳои калонҳаҷм мавқеи махсусро ишғол намуда, кузови навъи вагон дорад. Ба мақсадҳои гуногун, аз нақлиёти хусусӣ то нақлиёти тиҷоратӣ ва ҳамчун нақлиёти махсус низ истифода мешавад.

Ба ақидаи мо "ҳамлу нақли мунтазами мусофирон бо микроавтобус дар шаҳр – ҳамлу нақли мусофирон бо воситаҳои нақлиёти механикии микроавтобусӣ дар хатсайрҳои шаҳрии пешаки тарҳрезӣ ва тасдиқгардида

мебошад, ки дар раванди он мусофиргирӣ ва мусофирфарорӣ дар исттгоҳҳо ва маконҳое, ки қоидаҳои ҳаракат дар роҳ иҷозат медиҳанд бо дархости мусофирон анҷом дода мешавад".

Вобаста ба қоидаи дар боло овардашуда асоснокнамоии зарурияти истифодабарии микроавтобусҳо барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо пеш меояд. Зарурияти истифодабарии миркоавтобусҳоро бо пешзаминаҳои объективӣ ва субъективӣ асоснок намудан зарур аст.

Пешзаминаи объективии истифодабарии микроавтобусҳо аввалан, ин аз лиҳози иҷтисодӣ мақсаднок будани онҳо мебошад, зеро онҳо аз ҷиҳати истифодабарӣ ва хизматрасонӣ назар ба автобусҳое, ки андозаашон калон арзонтар мебошанд. Дуввум, чандирии хатсайрии онҳо, яъне андозаи хурди онҳо имкон медиҳад онҳоро дар кӯчаҳои танг ва хатсайрҳое, ки истифодаи нақлиёти калонандоза номумкин аст, истифода бурд. Сеюм, ин суръати нисбатан баланди онҳо дар масофаи миёна ва кӯтоҳ вобаста ба расонидани мусофирон аз ҳисоби истифодаи ҳаракати чапғалат (манёвр) ҳангоми ба миён омадани ҳолати роҳбандӣ ва танбавшавӣ мебошад.

Ба пешзаминаҳои субъективии истифодабарии микроавтобусҳо дар мусофирбарии шаҳрӣ интизориҳои мусофирон ба монанди бароҳатӣ дар воситаи нақлиётӣ, имконияти зуд расидан ба нуқтаи таъйинот ва чандирӣ дар ҷадвали ҳаракатро метавон дохил намуд.

Илова ба ин, истифодаи микроавтобусҳо ҳангоми мусофирбарии махсус, ба монанди мусофиркашонии корпоративӣ ва сайёҳӣ хеле аз манфиат холи нест, зеро бо микроавтобусҳо қобилияти ҳамлу нақли гурӯҳи хурди одамонро мустақиман ба мавзеи таъйинотро доранд.

Дар умум хулоса намудан мумкин аст, ки ҳам аз ҷиҳатӣ техникию технологӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ истифодаи микроавтобусҳо ҳамчун воситаи ҳамлу нақли мусофирон дар хатсайрҳои шаҳрӣ асоси илмӣ ва амалии худро доранд ва истифодаи онҳо аз манфиат холӣ намебошанд.

Ҳангоми ташкили идора кардани рушди низоми хизматрасонии аҳолии шаҳр интихоби шаклҳои оқилонаи хизматрасонии онҳо бо нақлиёти автомобилии мусофирбар афзалиятнок ҳисобида мешавад.

Дар ин раванд диққати асосӣ бояд ба рушди шабакаи нақлиётӣ дода шавад, вале масъалаҳои марбут ба ташкили нақлиёти мусофирбар ҳанӯз пурра таҳқиқ нагардидааст. Дар асосии арзёбии фаъолияти НМШ ва баҳодиҳии таъсири омилҳои муҳити беруна ба он дар расми 3 амсилаи фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳр пешниҳод гардидааст..

Дар асосии амсилаи пешниҳодгардидаи фаъолияти нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ мақсади асосӣ дар самти рушди нақлиёти мусофирбари шаҳрҳо бояд ин таъмини бехатарии иштирокунандагони ҳаракат дар роҳ, пеш аз ҳама мусофирон ва пиёдагардон, сарфаи вақти сафар, таъмини бароҳатии ронандагон ва мусофирон, ташкили ҷойҳои кори нав, такмили фаъолияти танзимгарони хатсайри дар нақлиёти автомоблии шаҳр, инчунин афзоиши қобилияти рақобатпазирии МНА бошад.




*Эзоҳ:-таҳияи муаллиф*

**Расми 3 – Амсилаи фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳрҳо**

Зарур аст, ки имкониятҳои иқтисодӣ ва рушди нақлиёти мусофирбар бо назардошти талабот ва такмили ҳамкории байни намудҳои гуногуни нақлиёт омӯхта шуда, диққати асосӣ ба рушди бозори хизматрасонии мусофирбар дода шавад.

Дар бозори мазкур низоми муосири муносибати байни мусофирон ва интиқолдиҳандагон бояд ба инобат гирифта шавад, ки таҳти таъсири омилҳои муҳити гуногун, яъне аз сатҳи маҳаллӣ (микро), минтақавӣ (мезо) ва умумиҷаҳонӣ (макро) қарор дорад. Ин маънои онро дорад, ки натиҷаҳои фаъолияти бозор на танҳо аз интихоб ва талаботи мусофирон вобаста аст, балки аз сиёсати иқтисодӣ, танзими давлатӣ ва шароити муҳити атроф низ таъсир мегирад. Аз ин рӯ, омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ метавонанд таъсири амиқ ба равандҳои таҳаввулот ва рушди бозори хизматрасонии нақлиёти автомобилии мусофирбар дошта бошанд.

Муносибатҳои мутақобила дар хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо нишон медиҳанд, ки як қатор мушкилот ва камбудиҳо вуҷуд доранд. Барои ҳал кардани онҳо лозим аст, ки роҳҳои нав ва манбаъҳои молиявии кофӣ пайдо ва истифода шаванд.

Бо вуҷуди ин, истифодаи пурраи манбаъҳои мавҷуда ва беҳтар кардани самаранокии онҳо дар бозори хизматрасонии нақлиётӣ аҳамияти калон дорад. Самаранокии фаъолияти МНАМШ ва баландбардории сифати хизматрасониҳои онҳоро метавон бо истифода аз тависяҳои олимон ва гузаронидани таҳқиқоти фаъолияти муассисаҳо ва бартарафсозии камбудиҳои ҷойдошта бартараф намуд. Барои беҳтар кардани фаъолияти танзимгарони нақлиёти мусофирбар ва ҷалби сифати баландтарини хизматрасониҳо ба аҳолӣ лозим аст, ки таҳқиқоти амиқ ва тавсияҳои олимон истифода шаванд. Ин тадбирҳо кумак мекунанд, ки мушкилоти мавҷударо дуруст муаррифӣ карда, роҳҳои ҳалли самаранок ва таъсирбахш пешниҳод кунем ва дар натиҷа соҳа ба рушд ва устувории дарозмуддат ноил шавад.

Вобаста ба тамоми андешаҳои болозикр ба таҳқиқи асосҳои методии ташкили идоракунии намудҳои гуногуни мусофирбарии автомобилии шаҳр мегузарем.

## 1.2. Асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идоракунии нақлиёти автомобилӣ дар шаҳрҳо

Дар раванди идоракунии нақлиётӣ автомобилӣ ва такмили механизми он яке аз масъалаи муҳим - таҳияи усулҳо ва роҳҳои рушди ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеа дар асоси арзёбӣ ва пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва дар амалия татбиқ намудани онҳо дониста мешавад, ки рушди устуворро таъмин менамоянд. Ин усулҳо ва роҳҳо барои ба вуҷуд овардани муносибатҳои дуруст ва самарабахш дар байни падидаҳои асосии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ сохта мешаванд. Бо усулҳои илмӣ метавон стратегияҳои рушди иҷтимову иқтисодиро дар амал тадбиқ намуд, ки барои ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандон ва рушди устувори ҷомеаи шаҳрвандӣ манфиатовар мебошад.

Дар ҳамин замина, бо назардошти он ки аз рушди фаъолияти нақлиётӣ бахши иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият вобаста аст, шеваи дурусти татбиқи он бо роҳи таҳияи як системаи мукаммал ва самаранок лозим аст. Мо меҳисобем, ки “системаи нақлиётӣ маҷмуи қоидаҳо, усулҳо ва принсипҳоест, ки ташкил ва истифодаи нақлиётро дар шароити бозорӣ муайян мекунад ва нақши хизматрасонии нақлиётиро дар ҳаёти иҷтимоӣ” таъкид менамояд. Таҳияи чунин системаи нақлиётӣ на танҳо барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, балки барои беҳбудии сифати зиндагии шаҳрвандон ва муҳити зист муҳим аст.

Усулҳои муосир ҳангоми баҳодиҳии фаъолияти нақлиётӣ дар минтақаҳои муайян ва татбиқи онҳо бояд барои ҳалли мушкилоти воқеӣ қонеъ гардонидани талабот равона карда шавад. Аз тарафи дигар, бо истифода аз натиҷаҳои бадастомада, тавсияҳо вобаста ба такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо мироавтобусҳо коркард ва таҳия карда мешаванд, ки дар амал татбиқ намудани онҳо аз тарафи мақомоти иҷроияи

маҳаллӣ ва нақлиётӣ ба роҳ монда мешавад. Ин тавсияҳо барои беҳтар кардани самаранокии хизматрасониҳо, таъмини рушди устувор ва ба талаботи ҷорӣ ҷавобгӯи соҳа кумак мекунанд. Онҳо дар раванди танзими муносибатҳои нақлиётӣ ва беҳбудии фаъолияти нақлиётӣ дар кишвар нақши муҳим мебозанд.

Дар Тоҷикистон принсипҳои нақлиётӣ барои танзими муносибатҳо дар соҳаи мусофирбарӣ истифода мешаванд. Ин принсипҳо ба рушди соҳаи нақлиёт ва таъсири он ба иқтисодиёти кишвар, ҳамчунин ҷиҳати танзими муносибатҳо байни корхонаҳои давлативу хусусӣ сафарбар мешаванд. Аҳаммияти махсус ба ташкилот ва махсусгардонии муассисаҳои нақлиётӣ дода мешавад, ки барои интиқоли мусофирон, ба монанди мусофирбарӣ бо автобусҳо ва таксиҳои хатсайрӣ хизмат мерасонанд. Ҳадафи асосии ин муассисаҳо беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо, таъсиси шароити беҳтари интиқол ва фароҳам овардани имкониятҳои мусофирбарии кишвар мебошад.

Рушди муассисаҳои нақлиётӣ, ки барои беҳтар кардани хизматрасониҳои мусофирбарӣ дар кишвар кумак мекунанд, аҳаммияти калон доранд. Инчунин, мусоидат ба инкишофи инфрасохтор ва навовариҳо, истифодаи технологиҳои муосир барои беҳтар кардани равандҳои нақлиётӣ дар давлат самти муҳим мебошад. Бо такя ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва омодасозии стратегияҳои ҳамаҷониба Тоҷикистон имкон дорад, ки соҳаи нақлиёти мусофирбарро ба таври устувор рушд диҳад. Ин иқдом ба баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пойдории иқтисоди миллӣ замина мегузорад.

Нақлиётро бо технологияи идоракунӣ ба намудҳои гуногун, масалан, мусофирбарии автомобилӣ ҷудо мекунанд. Мусофирбарии автомобилӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки ба фаъолияти самараноки интиқоли мусофирон кумак мекунад. Аз ин рӯ, нақлиёти мусофирбарии автомобилиро вобаста ба тобеият ва истифодаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мекунанд: нақлиёти истифодаи умум ва нақлиёти истифодаи ғайриумумӣ [7]. Нақлиёти истифодаи умум барои хизматрасонӣ ба ҳамаи одамон ва ташкилот хизмат мекунад, ки метавонад дар шакли автобусҳо, таксиҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт амалӣ

шавад. Ин нақлиёт имкон медиҳад, ки хароҷот барои мусофирбарӣ кам шавад ва барои коҳиш ёфтани душвориҳо кумак намояд. Нақлиёти идоравӣ ва шахсӣ асосан ба шахсон ё ташкилоти алоҳида хизмат мерасонад. Оне ки ба нақлиёти ғайриумум, яъне нақлиёти идоравӣ ва шахсӣ тааллуқ дорад, он мусофирбарии инфиродӣ ё идориро иҷро менамояд, ки аз интихоби воситаи нақлиёти автомобилии мусофирбар вобаста аст. Дар баробари ин, самтҳои калидии рушди соҳаи нақлиёт пеш аз ҳама таъмини амният дар роҳҳо, беҳдошти муҳити зист, таъмини сифати хизматрасонӣ, инчунин сарфаи хароҷот барои ҳамлу нақл ба ҳисоб мераванд. Ин қадамҳо барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт ва мусофирбарӣ мусоидат мекунанд, ки барои ҷомеа ва иқтисодиёт манфиатнок буда, истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд сатҳи амниятро таъмин намуда, ба ҳифзи муҳити зист мусоидат ва бехатарии ҳаракатро дар роҳҳои шаҳр ва байнишаҳрӣ амалӣ гардонад.

Аз тарафи дигар, зарур аст, ки аҳаммияти иҷтимоии соҳаи мусофирбарӣ дар рушди кишвар ба зимаи давлат вогузор шавад. Давлат на танҳо барномаҳо ва чорабиниҳои дастгирии нақлиёти мусофирбарро таҳия мекунад, балки ба хизматрасонии беҳтар, дастрас ва арзон низ диққат медиҳад. Татбиқи чунин барномаҳо шароит фароҳам меорад, ки аҳолӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳо аз имкониятҳои нақлиётӣ бо роҳати бештар ва дастрасии баландтар истифода баранд, ки дар натиҷа сатҳи некӯаҳволии иҷтимоии ҷомеа беҳтар мегардад.

Дар мамалакат Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 аз 1 апрели соли 2011, №165 амал мекунад, ки мақсади асосии он дар асоси беҳтар кардани меъёрҳо, ҷалби сармоягузорӣ, инчунин ҳалли мушкилоти мавҷуда дар сати ҳамлу нақл рушди соҳаи нақлиёт мебошад. Инчунин, ин барномаҳо барои тарҳрезии инфрасохтори муосир, беҳтар кардани роҳҳои мусофирбарӣ, инчунин кумак ба рушди ҷустуҷӯҳои техникӣ ва инноватсия дар соҳа нақши муҳим мебозанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нақлиёти автомобилӣ ба андозаи ҳаракатнокии он ҳамчун воситаи ягонаи қобили таъмини робитаҳои тамоми нуқтаҳои аҳолинишин байни ҳамдигар дониста мешавад. Дар ин ҳолат аҳаммияти хос ба амалисозӣ ва рушди мусофирбарӣ дар маҳалли деҳот ва

минтақаҳои кӯҳӣ низ дода мешавад. Ин бо таъмини рушди роҳҳои автомобилгард ва афзоиши истифодаи автомобилҳо аз ҷониби аҳолӣ амалӣ мешавад. Барои ин зарур аст, ки инфрасохтори роҳҳо ва системаи нақлиётӣ барои ҷавобгӯӣ ба талаботи афзояндаи нақлиёт ва мусофирон беҳтар карда шавад. Инчунин, бояд диққати махсус ба бехатарии роҳҳо, роҳҳои гардиш ва таъминоти муҳити зист дода шавад. Таҷдид ва азнавсозии шабакаи роҳҳои автомобилгард ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои нақлиётӣ ба баланд гардидани сатҳи зиндагии онҳо ва бартарафсозии чолишҳои мавҷудаи ба ҳамлу нақл вобаста мегарданд.

Дар Тоҷикистон ва шаҳрҳои он нақлиёти мусофирбарии шаҳр таҳти назорати мақомоти маҳаллӣ қарор дошта, "бо истифода аз хатсайрҳо ва тарифҳои иҷтимоӣ тавассути маблағҳои буҷетӣ анҷом дода шуда, мақсад аз он таъмин кардани дастрасӣ ва арзон шудани хизматрасонӣ барои аҳолӣ мебошад. Ҳамчунин, мусофирбарии шаҳрӣ дар хатсайрҳои тиҷоратӣ, ки аз ҷониби танзимгари нақлиёти автомобилӣ ташкил мешавад, ки ин ба рақобат ва беҳтар кардани сифат кумак мекунад" [187].

Давлат операторон нақлиётиро бо дастгирии молиявӣ ва муҳити ҳуқуқии мувофиқ таъмин мекунад. Ҳамзамон, инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла автовокзалҳо ва таваққуфгоҳҳои такси навсозӣ ва муҷаҳҳаз карда мешаванд, системаҳои автоматии идоракунӣ ҷорӣ мегарданд ва тибқи кодекси граждани ҳуқуқи мусофирон ҳифз ва эътимоднокии система таъмин мешавад.

Танзими мусофирбарии автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби зерсохторҳои давлатии нақлиётӣ ба роҳ монда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими мусофирбарӣ бо "Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба ташкил ва амалӣ намудани ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ бо нақлиёти автомобилӣ" (таҳрири Фармоиш аз 20.04.2023, №67) [7] анҷом дода мешавад. Ин қоидаҳо барои таъмини бехатарии мусофирон, самаранокии нақлиёт ва мусофирбарии умумӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳо бо мақсади нигоҳ доштани тартиби дуруст ва мунтазам амалӣ мешаванд.

Таҳлили қонунҳо ва таҷрибаи идоракунии нақлиётии мусофирон дар шаҳрҳо бо риояи принсипҳои мухталиф иҷро мешавад (ҷадвали 1.1). Ба ин

мақсад мақомот мунтазам назорат ба фаъолияти танзимгарони нақлиётӣ ва нақлиёти мусофиронро гузаронида, омодагӣ ба беҳтар кардани инфрасохтор ва хизматрасониро дар асоси талаботи вақти имрӯза ба роҳ мемонад. Ин раванд барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ, зиёд кардани имкониятҳои нақлиётӣ ва таъмини бехатарии мусофирон дар роҳҳо муҳим аст. Нақлиёти автомобилӣ барои ҳар як хатсайр мувофиқ аст. Ин маънои онро дорад, ки автобусҳо, такси ва микроавтобусҳо барои ҳар як хатсайр истифода мешаванд. Ҳар як воситаи нақлиёт барои анҷом додани вазифаҳои муайян, масалан, мусофирбарии ҳаррӯза ё хадамоти махсус тартиб дода мешавад

Инчунин, парки нақлиётии шаҳрҳо барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ва кам кардани вақти интизории мусофирон бояд ба таври дуруст ва муассир идора карда шавад.

Принсипи технологии хатсайрӣ, пеш аз ҳама, манфиатҳои шумораи зиёди мусофиронро ба ҳисоб мегирад ва имкони ташкили интиқоли автобусии мунтазамро бо хатсайрҳои муқарраргардидаи муайян медиҳад.

**Ҷадвали 1.1 - Принсипҳои бунёдӣ барои ташкил ва идоракунии мусофирбарӣ дар муҳити шаҳр**

| № б/т | Принсипҳои бунёдӣ | Мазмун ва мундариҷаи он |
|---|---|---|
| 1. | Қонуниятҳои идоракунӣ | Иҷрои ҳатмии қоидаҳо ва талаботи ҳуқуқӣ. |
| 2. | Ҳифзи ҳаёт ва саломатӣ | Ҳангоми хизматрасонии мусофирбарӣ бояд бехатарии муҳити зист, манфиатҳои ҷомеа ва давлат кафолат дода шавад. Ҳамзамон, зарур аст, чораҳои такмилдиҳии қонунҳои шаҳрвандӣ мавриди омӯзиш қарор гиранд. |
| 3. | Адолат | Барои он ки манфиатҳои ҷамъиятӣ (яъне аҳолӣ, шаҳр ва ҷомеа) бо хоҳишу манфиатҳои шахсӣ (мисли соҳибони мошинҳо ё ронандагон) ҳамоҳанг бошад, бояд танзимоти дақиқ ва мувозинатнок вуҷуд дошта бошад. Дар ин замина, дар нақлиёти хатсайрикунонидаи шаҳр хатҳои ҳаракати алоҳида (яъне роҳҳои махсус барои автобусҳо ё нақлиёти ҷамъиятӣ) ташкил шудаанд, то ҳаракат зуд ва бидуни монеа сурат гирад. Ҳамзамон, дар маҳалли истгоҳҳои нақлиётӣ маҳдудиятҳо барои таваққуф ҷорӣ карда мешавад, то роҳ ва ҷой барои ҳаракати нақлиёти ҷамъиятӣ холӣ нигоҳ дошта шавад, то ки мошинҳои хусусӣ роҳро банд накунанд. |
| 4. | Пояи илмӣ | Муносибатҳои соҳаи нақлиёт бо асоси натиҷаҳои илмии бунёдӣ ва таҷрибавӣ, ки тавассути таҳқиқот ва таҷрибаандозӣ таҳким ёфта, бо муқаррароти назариявӣ ва амалӣ такмилу ташаккул мeёбанд ва ба самаранокии идора ва рушди устувори системаи нақлиётӣ мусоидат мекунанд. |
| 5. | Оммавият | Принсип он вақт татбиқ мешавад, ки мусофирон дар истифодаи нақлиёт ва истгоҳҳо манфиатҳои якдигарро эҳтиром карда, ҳамкорӣ мекунанд ва ин ҳам барои ҳалли ихтилофот ва ҳам барои таъмини бехатарию ҳифзи муҳити зист муҳим мебошад. Таъмини ин гуна ҳамоҳангӣ кумак мекунад, ки ҳам |

| № б/т | Принсипҳои бунёдӣ | Мазмун ва мундариҷаи он |
|---|---|---|
| | | манфиатҳои шахсони алоҳида ва ҳам манфиатҳои ҷамъият ба таври мутавозин ва мувофиқ ҳал карда шаванд. |
| 6. | Имконпазирӣ | Барои ташкил намудани мусофирбарӣ имкониятҳо ва захираҳои интиқолдиҳандагон ва ниёзҳои ҷамъият бояд ба назар гирифта шаванд. |
| 7. | Амалӣ сохтани таҷриба | Ин тартиб имкон медиҳад, ки таҷрибаҳои беҳтарини истеҳсолӣ омӯзиш ёбанд, мубодила шаванд ва дар фаъолияти ташкилкунандагони интиқол самаранок истифода гарданд. |
| 8. | Танзими муносибат | Ҳама ҷанбаҳо ва соҳаҳои эҳтимолии танзими муносибатҳои нақлиётӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ, технологӣ, кадрӣ ва идоракунӣ дар амал татбиқ мешаванд. |
| 9. | Натиҷабахшии фаъолияти нақлиёт | Қарорҳои идоракунии қабулшуда ҳангоми ташкил ва идоракунии мусофирбарии автомобилӣ нақши калидӣ доранд ва ба таври муассир ба беҳтаргардонии самаранокии равандҳо ва рушди устувори фаъолияти системаи нақлиётӣ мусоидат мекунанд, ки дар навбати худ ба беҳбудии хизматрасонӣ ва қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа оварда мерасонад. |
| 10 | Назорат | Назоратро бояд ҳамчун функсияи ҳатмии танзими давлатии комплекси нақлиётӣ, ки робитаҳои баръакси пайвасткунандаро дар муносибатҳои нақлиётӣ дида баромад. |
| 11. | Масъулият | Масъулияти шахсони мушаххас ба уҳдадориҳои ба онҳо додашаванда таъмин гардидааст. Чунин тасвияти меъёрҳо иҷозат дода намешавад. |
| 12. | Мутобиқат | Муқарраргардонии робитаи мутақобилаи ҳуқуқу уҳдадориҳо. Мувофиқи ин принсип ба ҳуқуқи яке аз субъектҳои муносибатҳои нақлиётӣ мувофиқи уҳдадории дигар субъект гузошта шудааст. Ҳуқуқҳо наметавонанд эътироф шаванд, агар онҳо ба уҳдадориҳои иҷрои амалиёт, ки барои таъмини ҳуқуқ ва тартибот зарур мебошанд, вобаста набошанд. |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф дар асоси Спирин И.В. Организация и управление пассажирскими автомобильными перевозками / И. В. Спирин. - 5-е изд., перераб. - М.: Издательский центр «Академия», 2010. - 400 с. тартиб дода шудааст.

Хизматҳо талаботи мусофиронро бо тарофаҳои мувофиқ қонеъ мекунанд, ки барои ҳар як мусофир эҳтиёҷот ва манфиатҳои шахсиро ба назар мегиранд. Принсипи инфиродӣ кӯшиш мекунад, ки ҳар мусофир бо роҳатии зиёд ва бо таваҷҷуҳ ба бароҳатии худ сафар кунад. Дар ин ҳолат, интиқол бо хатсайри махсус ва принсипи "аз дар то дар", ки мусофирро аз оғоз то анҷом дар ҳама ҳолатҳо таъмин мекунад, амалӣ мешавад.

Барои татбиқи ин принсип, нақлиёти таксомоторӣ истифода мешавад, ки барои мусофирон бароҳатӣ ва имкони интихоби хатсайрҳои мувофиқро фароҳам меорад. Ширкатҳо ё шахсони ҳуқуқӣ мошинҳои худ ё иҷорашударо истифода мебаранд, ки ин имкон медиҳад, манфиатҳои шахсӣ ва умумии ҷамъиятӣ дар хизматрасонии нақлиёти мусофирбарӣ ҳамоҳанг карда шаванд. Танҳо таксии хатсайрӣ метавонад ин мувофиқати манфиатҳои шахсӣ ва

ҷамъиятиро дар як вақт таъмин кунад, ки дар он ҳар як мусофир метавонад ба таври осон ва бехатар ба мақсади худ расад.

Ғайр аз принсипҳои хатсайрӣ ва инфиродӣ, дар шароити шаҳр якҷояшавии ин принсипҳо низ истифода мешавад, ки он ба амалишавии нақлиёти мусофирбарӣ дар реҷаи микроавтобусҳо кумак мекунад. Ин усул ба беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва бароҳатии мусофирон мусоидат менамояд. Ҳоло ин роҳ дар шаҳрҳои Тоҷикистон бомуваффақият амалӣ шуда, ба тамоюли рушд дар оянда нигарон аст. Бо ин роҳ, мусофирон имкони интихоби хатсайрҳо ва интиқоли осонро бо бароҳатии бештар пайдо мекунанд.

Таҷрибаи дарёфти мақсади таҳия ва иҷрои нақшаҳои нақлиётӣ нишон медиҳад, ки тағйирот дар соҳаи нақлиёт дар асоси консепсияҳои таҳияшуда ва лоиҳаҳои муайян ба амал меоянд. Ин тағйирот барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, кам кардани вақт ва захираҳо барои мусофирон ва инчунин ба назар гирифтани муҳити зист мусоидат мекунад. Маҳз ҳамин омилҳо боз ҳам мусоидат мекунанд, ки ташкилоти нақлиёт дар шаҳрҳо бо назардошти манфиатҳои гуногун рушд кунад.

БХН дар соҳаи хизматрасониҳои мамалакат нақши муҳимро бозида, барои таҳкими робитаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва географии минтақаҳои он саҳми калидӣ дорад. Ин соҳа ба таври назаррас дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва беҳтар кардани пайвастшавии минтақаҳо нақш мебозад. Рушди нақлиёти автомобилӣ боиси афзоиши рақобат дар бозор гардида, сифати хизматрасонӣ ва қаноатмандии мусофиронро беҳтар месозад ва ба рушди устувори нақлиёт ва беҳдошти зиндагӣ оварда мерасонад.

Вазифаи асосии нақлиёти мусофирбар қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ ба хизматрасонии босифат ва саривақтӣ мебошад. Инчунин, рушди устуворро дар миқёси кишвар таъмин бояд намоянд.

Сифати хизматрасонии нақлиётӣ ва бехатарии ҳаракат дар роҳҳо бояд таъмин шавад, ки ин боиси пешгирии садамаҳо ва таъсир ба саломатии мусофирон мусоидат мекунад. Идоракунии нақлиёт бояд дуруст ва самаранок

бошад, бо истифода аз технологияи муосир, ки имкон медиҳад, то қарорҳои дуруст ва саривақтӣ гирифта шавад.

Ҳамчунин, татбиқи системаҳои пардохти роҳкиро ва рақамикунонӣ метавонад равандҳои кориро осонтар ва зудтар кунад, ки ин ба мусофирон кумак мерасонад ва вақти зиёд сарф нашавад. Мунтазам ҳаракат кардани автобусҳо низ барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва кам кардани вақти интизорӣ муҳим аст. Ин ҳама тадбирҳо ба афзоиши қаноатмандии аҳолӣ ва самаранокии нақлиёти мусофирбари шаҳр мусоидат мекунанд.

Ба ақидаи мо, беҳтар намудани самаранокии идоракунии нақлиёти мусофирбариро дар шаҳр тавасусти чунин амалҳо бояд табқиқи намуд:

-хизматрасонии ба талаботи муосир мувофиқ ва босифати мусофирон қонеъгардонии талаботи пурраи онҳо;

-ба низом даровардани ҳамлу нақли мусофирон дар хатсайрҳо ва иҷрои ҳатмии меъёрҳои амалкунанда;

-афзоиши самаранокии фаъолияти нақлиёт ва  паст кардани арзиши аслии ҳамлу нақл ва ғ.

Ҳар як вазифа бояд ба талабот ва ниёзҳои муосири шаҳрҳо мутобиқ карда шавад. Барои идораи бехатари нақлиёт зарур аст, таҳқиқот ҷиҳати тартиби ҳаракат, имкониятҳои инфрасохтор ва истифодаи технологияҳои рақамӣ гузаронида шавад. Дар ин асос сифат ва дастрасии хизматрасонӣ беҳтар мегардад ва шаҳрвандон метавонанд истифодаи нақлиётро бо осонӣ ва бехатар анҷом диҳанд.

Таъмини сатҳи баландтари бехатарӣ дар тасвири нақлиёт аз аҳаммияти махсус бархӯрдор аст. Ин на танҳо ба мусофирон, балки ба муҳити зист низ таъсири мусбат мерасонад. Истифодаи нақлиёти замонавӣ ва ташкили парки нақлиёти экологӣ, инчунин таъмини хизматрасониҳои пайваста дар ҳама ҳолатҳо барои сокинон муҳим аст.

Ҳолати муосири нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр нишон медиҳад, ки дар ин соҳа мушкилот ва камбудиҳои зиёде мавҷуд аст. Пеш аз ҳама, камбудӣ дар манбаъҳои молиявӣ, инфрасохтор ҷой дошта, дар онҳо

таҷҳизоти кӯҳна мавҷуд буда, дар натиҷа, сифати хизматрасонӣ паст мебошад. Аз тарафи дигар, зиёд шудани нақлиёти хусусӣ, ки бо нақлиёти ҷамъиятӣ рақобат дорад, меафзояд ва ба таҳдид барои соҳа табдил ёфтааст.

Дар шаҳри Душанбе рушди нақлиёти автомобилӣ ва нақлиёти барқӣ вобаста ба тағйироти бозорӣ ва эҳтиёҷоти аҳолӣ ба назар мерасад. Бо назардошти ин, субъектҳои бозор ва корхонаҳо ба самти беҳтар кардани хизматрасонӣ ва диверсификатсияи намудҳои нақлиёт таваҷҷуҳ доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки хизматрасониҳоро ба талаботи гуногуни аҳолӣ мутобиқ кунанд ва ин барои баланд бардоштани самаранокии кор ва рақобатпазирии нақлиёти мусофирбари шаҳр муҳим аст.

Бо назардошти ин, барои беҳтар кардани вазъият ва барои қонеъ намудани талаботи аҳолӣ ҷавобгӯ будан зарур аст, ки соҳаи нақлиёти мусофирбари шаҳр аз технологияҳои муосир, аз ҷумла нақлиёти барқӣ ва автоматонида навсозӣ шавад. Ин тадбирҳо на танҳо сифати хизматрасониро баланд мебардоранд, балки ба ҳифзи муҳити зист ва кам кардани сатҳи алоқа бо нақлиёти хусусӣ мусоидат мекунанд. Тавсеаи инфрасохтор ва сармоягузорӣ ба соҳа низ барои рушди самаранок ва рақобатпазирии он зарур мебошад.

Тӯли солҳои истиқлолият дар низоми идораи нақлиёти мусофирбари автомобилӣ таҳаввулоти муҳим ба амал омад ва идоракунии нақлиёти ҷамъиятӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ вогузор гардида, дар баробари нақлиёти давлатӣ нақлиёти хусусӣ низ имконияти ба аҳоли расонидани хизматҳоро дастрас шуд, ки ин бевосита ба рушди бахши мусофирбарӣ дар шаҳр мусоидат намуд.

Барои он ки паркҳои нақлиёти давлатӣ бояд хуб эҳё шаванд, манбаъҳои молиявӣ кофӣ нестанд. Барои иҷрои самараноки хизматрасонӣ ва нигоҳдории инфрасохтор ташкили ҳамкориҳои дуруст байни ташкилот ва танзимгарони нақлиёти шаҳрӣ зарур аст.

Имрӯз беҳтар кардани ҳамкориҳо байни ширкатҳои нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе дар бозори хизматрасониҳо муҳим аст. Амсилаи ҳамкории субъектҳои бозори нақлиёт дар расми 4 нишон дода шудааст. Дар

асоси амсилаи пешниҳодгардида муассисаҳои нақлиётии давлатӣ ва хусусӣ бояд ҳамкориҳои худро барои бозҳам баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ ва самаранокии фаъолияти худ тақвият бахшанд. Ҳамкории муштараки субъектҳои фаъолияти нақлиётӣ дар самти мусофирбарӣ асоси муваффақият дар самти расидан ба ҳадафҳои гузошташуда мебошад.




**Расми 4 – Амсилаи ҳамкории субъектҳои бозори нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ**

Арзёбии фаъолияти нақлиётӣ дар самти ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳр муайян намуд, ки як қатор мушкилот мавҷуданд:

-аз сабаби маҳдуд будани буҷети шаҳр маблағ барои навсозии воситаҳои нақлиётӣ камӣ мекунад. Дар бисёр шаҳрҳо ҳанӯз ҳам автобусҳои фарсуда ва кӯҳна истифода мешаванд, ки боиси паст шудани сифати хизматрасонӣ ва зиёд шудани нокомиҳои техникӣ мегардад. Навсозии парки нақлиётӣ на танҳо хизматрасониро беҳтар мекунад, балки хароҷоти таъмирро низ кам мекунад.

Воситаҳои нақлиёти кӯҳна хароҷоти зиёд дар таъмир доранд ва вақти интизори мусофиронро зиёд мекунанд. Ин ба пастшавии қаноатмандии мусофирон боис мегардад. Воситаҳои нақлиёти кӯҳна метавонанд ба муҳити зист ва ҳаво таъсири манфӣ расонанд. Барои коҳиш додани ин таъсир истифодаи автобусҳои экологии замонавӣ, ки газҳои зарароварро кам ихроҷ мекунанд, лозиманд. Дар бисёр шаҳрҳо низоми нигоҳдорӣ ва таъмири нақлиёт дуруст фаъолият намекунанд. Таъмири саривақтӣ ва қисмҳои эҳтиётии дуруст метавонанд ба коҳиш ёфтани ҳодисаҳои ногаҳонӣ кумак намояд. Агар инфрасохтори нақлиёт (истгоҳҳо, роҳҳо ва дигар таҷҳизот) ба талабот ҷавобгӯ набошад, самаранокии хизматрасонии системаи нақлиётӣ коҳиш меёбад. Барои ҳалли масъалаи ҷойдошта зарур аст, ки:

-таҷдид ва азнавсозии инфрасохтори нақлиёти мусофирбарӣ, омодакунӣ ва такмилдиҳии ихтисоси кадрҳои соҳа дуруст таъмин карда шавад. Аз ин рӯ, дастгирии мақомоти давлатӣ дар самти идора, рушд ва маблағгузорӣ тақвият дода шавад;

-бо назардошти зиёд будани селаи мусофирон ва нарасидани воситаҳои нақлиёт автобусҳо пур мешаванд ва наметавонанд тамоми мусофиронро интиқол диҳанд. Ин ба зиёд шудани вақтҳои интизорӣ ва паст шудани сифати хизматрасонӣ меорад. Ҷиҳати бартараф кардани ин мушкил зарур аст, ки шумораи нақлиёти мусофирбар зиёд ва харидории воситаҳои нав ва кори низоми фаъолият беҳтар гардад. Ҳамзамон, ба кор андохтани нақлиёти экологии замонавӣ ва такмили инфрасохтор зарур аст;

-камбудиҳо ҷиҳати вазъи молиявӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии ҷалби сармояҳои хусусӣ барои рушди нақлиёти автомобилии мусофирбар вуҷуд надоранд. Бо истифода аз меъёрҳо ва қонунгузориҳои амалкунадаи мусоидаткунанда ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳои дохила ва хориҷа барои рушди соҳа чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Таҳқиқот дар самти идоракунии нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ нишон медиҳад, ки дар муносибатҳои иқтисодии субъектҳои БХНМ камбудиҳои

вобаста ба бахши ҳуқуқӣ ҷой доранд, ки ихтилофҳои гуногунро ба миён меорад:

-мақомоти дахлдори нақлиётӣ тафриқаҳои амиқро дар сатҳҳои гуногуни ташкили идоракунӣ ватадбиқи фаъолияти нақлиётӣ истифода намекунад, ки ҳангоми ба миён омадани саволҳо масъалаи вобастагӣ ва масъулият ба сатҳҳои идоракунӣ мушкилӣ эҷод мекунад. Ҷиҳати бартараф намудани ин мушкилӣ, зарур аст уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ аниқ карда шаванд ва инро метавон бо қабули қонуни ҷудогона амалӣ намуд;

-механизми дастгирӣ бо истифода аз имтиёзҳо пурра коркард нашудааст, ки ин боиси камбуди маблағгузорӣ барои пардохти роҳкирои имтиёзноки гурӯҳҳои махсуси шаҳрвандон, аз ҷумла маъюбон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ мешавад. Аз ин рӯ, имкон барои баргардондани пурра ва саривақтии имтиёзҳо дар нақлиёти мусофирбари шаҳр маҳдуд мешавад, ки ҳалли масъала бояд сари вақт бартараф карда шавад ва имтиёзҳо на танҳо дар ҳамлу нақли мусофирон бо автобусҳо ва троллейбусҳо, балки барои ҳамлу нақл бо микроавтобусҳо низ ҷорӣ карда шавад. Ин на танҳо барои таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон, балки барои дастгирии хатсайрҳои мусофирбари иҷтимоӣ ва арзон кардани хизматрасонӣ барои қишрҳои ҷудогонаи ҷомеа низ муҳим мебошад;

-дар фаъолияти молиявии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ имкон барои ташкили мусофирбарӣ ҷой дорад ва ин боиси сари вақт маблағгузорӣ намудан ва мушкилоти назорат дар соҳаи мусофирбарӣ мегардад. Дар натиҷа, МНА натавонистаанд фаъолиятҳои худро бо талабот мувофиқ сохта, риояи меъёрҳои асосии ҳуқуқиро дар идоракунӣ ва ташкили кор аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ кафолат диҳанд. Барои ҳалли ин мушкилӣ лозим аст, ки барои ҳар як ташкилот салоҳиятҳои равшан ва барномарезишуда муқаррар карда шаванд ва имкони ҷудо кардани маблағҳо ва назорати фаъолияти муассисаҳо дар соҳаи мусофирбариро фароҳам орад;

-шаклҳои мавҷудаи дастгирии давлатӣ барои соҳаи нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ муқаррар нашудаанд. Дар ҳолати мавҷудияти сиёсати дастгирии номуайян таъсири мусбии он дар соҳаи нақлиёти мусофирбар паст

мешавад ва рушди ин соҳа ба монеаҳо дучор мегардад. Барои беҳтар кардани вазъ зарур аст, ки шакл ва самтҳои дақиқи дастгирии давлатӣ муқаррар шаванд. Ҳамчунин, барои таъмини рушди устувор ва пешниҳоди хизматрасонии самаранок зарур аст, механизмҳои мукаммали дастгирии молиявӣ ва ҳуқуқӣ барои нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ татбиқ шаванд;

-хароҷоти МНАМ барои хизматрасонии мусофирон дар хатсайрҳо аз рӯйи тарофаҳои танзимнашаванда талофӣ намегардад. Маблағгузории ин хатсайрҳо асосан аз ҳисоби маблағҳои худи муассисаҳои мусофирбар сурат мегирад, ки ин метавонад боиси камбуди маблағгузорӣ ва пастшавии сифати хизматрасонӣ гардад. Барои рафъи ин мушкилӣ лозим аст, ки тарзи коркарди хароҷоти талофии мусофирбарӣ, инчунин шароити имконпазир барои таҳияи манбаъҳои молиявии иловагӣ дар як ҷараёни мутаносиб таҳия карда шавад. “Таъмини маблағгузории саривақтӣ ва дуруст барои хатсайрҳо, ки аз манбаъҳои дигар, ба мисли маблағҳои буҷетӣ ва ё сармоягузории хусусӣ гирифта мешавад, метавонанд на танҳо хизматрасониро беҳтар кунанд, балки таъсири манфии иқтисодиро бартараф намоянд” [181];

-муносибатҳои умумии асоснок дар раванди ташкил ва амалӣ намудани мусофирбари автомобилӣ мавҷуд нест. Ташкил ва амалӣ намудани мусофирбариҳои автомобилӣ дар шаҳр бе як низоми муттаҳид ва мувофиқ хеле душвор аст. Дар ин самт тақсими салоҳиятҳои возеҳ барои мақомоти маҳаллӣ ва муассисаҳои нақлиётӣ, аниқ кардани вазифаҳои ҳар як муассиса ва ҷудо кардани функсияҳои масъулият барои коркард ва татбиқ кардани қарорҳои идоракунӣ, тамоми раванди фаъолияти мусофирбариҳоро самараноктар ва равшантар хоҳад кард;

-дар системаи хизматрасонии нақлиёти мусофирбари автомобилӣ дар шаҳр мафҳуми идоракунӣ “маънои қабули маҷмуи қарорҳои техникӣ, технологию иқтисодӣ, кадрӣ ва ташкилӣ, ки бо асоси илмӣ қабул шудаанд, дорад. Ҳангоми иҷрои ин вазифа сохтори истеҳсолӣ ва ташкилии идоракунӣ бояд равшан ва фарққунанда бошад ва талаботи аҳолӣ нисбат ба мусофирбарӣ

ва дигар хизматрасониҳо муайян карда шуда, шаклҳои муосири қонеъ гардонидани онҳо интихоб карда шавад" [187];

-зарур аст, ки парки воситаҳои нақлиёт ва низоми хатсайрӣ такмил ва навсозӣ карда шавад;

-сиёсати тарофавӣ бо назардошти манфиатҳои аҳолӣ ва устувории иқтисодии хизматрасонӣ муайян карда шавад.

Аз амалия бармеояд, ки қарорҳои идора дар соҳаи нақлиёт ба самтҳои зерин равона мешавад:

1. Такмили раванди ташкил ва идораи мусофирбарӣ;

2. Таъминоти ташкилоту корхонаҳои мусофирбар бо манбаъҳои зарурии истеҳсолӣ ва техникӣ ва маблағгузории саривақтӣ;

3. Додани кафолатҳои иҷтимоӣ ба кормандони муассисаҳои нақлиётӣ;

4. Таъмини бехатар ва сифати баланди хизматрасонӣ ба аҳолӣ ва ғ.

Амалӣ кардани ин қарорҳо бо мақсади таъмини сифати баланди хизматрасонӣ ва рушди устувори соҳаи нақлиёти мусофирбари автомобилӣ зарур аст. Бо ин роҳ вазъият дар соҳа беҳтар шуда, эҳтиёҷот ва талаботи мусофирон пурра қонеъ хоҳад шуд.

Файзуллоева С.Ҷ. чунин мешуморад, ки "баррасии функсияҳои асосиро дар асоси принсипҳои "ташкили фаъолият, муайян кардани ҳадафҳои мақсаднок, пешбурди назорат, танзим, ҳисоботдиҳӣ ва таҳлили фаъолияти соҳа" бояд ба роҳ монда шавад" [187].

Идоракунии мусофирбариҳои автомобилӣ бо ёрии маҷмуи усулҳои гуногун амалӣ мешавад, ки ин усулҳо метавонанд мустақим ё ғайримустақим бошанд. Аз ҷумла, усули маъмуригардонӣ ба унвони усули мустақими идоракунӣ баромад мекунад. Дар ин раванд муқаррар кардани меъёрҳо, нархгузорӣ, таҳлили фаъолияти истеҳсолӣ ва молиявӣ, ҳамчунин ташкили системаи хизматрасонии нақлиётӣ истифода мешавад.

"Субъектҳои асосии идоракунии мусофирбарии автомобилӣ метавонанд шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бошанд, ки ба фаъолияти

мусофирбарӣ машғуланд ва ҳамзамон хизматрасонии ҳамсафарии мусофиронро таъмин мекунанд” [187].

Ин субъектҳо метавонанд дар шаклҳои гуногун, ҳам ба таври ҷамъиятӣ, ҳам хусусӣ ва дар асоси қонунҳои дахлдор фаъолият кунанд. Барои тамаркузи самаранок ва танзими дурусти фаъолияти соҳа муҳим аст, ки ҳар як субъект дар самти худ нақши ҷудогона ва мувофиқ дошта бошад.

Ҳамзамон, якҷоя кардани ҳамаи ин субъектҳои ҷудогона бо таваҷҷуҳ ба манфиатҳои мусофирон ва хизматрасонӣ муваффақияти умумии соҳаи мусофирбарихоро таъмин мекунад.

Дар доираи субъектҳои идоракунӣ муассисаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ба таври алоҳида ҷудо карда мешаванд. Ин муассисаҳо, ки корхонаҳои коммуналӣ ва воҳидҳои давлатӣ мебошанд, дар соҳаи нақлиёти мусофирбарии автомобилӣ фаъолият мекунанд. Ғайр аз ин, “ҷамъиятҳои саҳомӣ, масъулияти маҳдуд ва дигар шаклҳои ташкилоти ҳуқуқӣ, ки ба соҳаи нақлиёти автомобилӣ шомил мешаванд ва ҳамчун ташкилоти нақлиёти автомобилӣ ё танзимгарони нақлиётӣ шиносоӣ мешаванд.

Гурӯҳи субъектҳои идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар асоси шаклҳои гуногуни ташкилӣ ва ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд, ки ба онҳо имкон медиҳад, то дар раванди идоракунӣ ва хизматрасонӣ мувофиқа ва ҳамоҳангии дурустро таъмин намоянд” [187]. Ин муносибатҳо ва ҳамкорӣ бо мақсади беҳтар намудани самаранокии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва қонеъ кардани талабот ва ниёзҳои мусофирон ба роҳ монда мешаванд.

Барои рушди самаранок ва ташкил кардани фаъолияти мусофирбарӣ дар шаҳрҳо муҳим аст, ки хусусиятҳои хоси раванди идоракунӣ ба инобат гирифта шаванд (расми 5).

Дар ин замина, ҳамоҳангсозии идоракунии кормандони ташкилоти нақлиёти автомобилӣ ва ташаккулдиҳии сохтори ташкилии идоракунӣ аҳамияти зиёд дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки барои идоракунии самаранок ба мувофиқгардонии хаттӣ-функсионалӣ ва хаттӣ-ситодӣ (пӯшида) сохтмони сохтори идоракунӣ зарур аст. Мувофиқгардонии ин сохтор бо

мақсади таҳияи барномаҳои амиқи хоҷагидорӣ идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун амалӣ мегардад.

Сатҳи давлатӣ ҳамчун яке аз пояҳои идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт нақши муҳим дорад ва масъули танзим ва назорати фаъолияти ин соҳа мебошад. Дар маҷмуъ, равандҳои идоракунӣ бояд ба талабот ва ниёзҳои шаҳрвандон ва мусофирон барномарезӣ ва амалӣ карда шуда, барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва таъсири мусбӣ ба иқтисодиёт муҳим аст.

Ғайр аз ин, сатҳи муассисаи нақлиётии алоҳида аз шакли моликияти он мустақил аст. Дар ҳар сатҳи идоравӣ хусусиятҳои хос, аз ҷумла мақсад, шаклҳои ташкилии махсус ва усулҳо дида мешаванд, ки барои идора ва ташкили интиқол истифода мегарданд.

Яке аз масъалаи мушкиле, ки дар назди субъектҳои нақлиётии мусофирбар меистад, дучор шудан ба мушкилоти маблағгузорӣ мебошад. Агар барои муассисаҳои нақлиётии давлатӣ ин мушкилот аз ҷониби МИҲД шаҳр ҳалли худро ёбад, барои муассисаҳои хусусӣ мушкилоти ҳалнашавандае боқӣ мемонад. Дар баробари ин, новобаста аз шакли моликият барои рушди босуботи муассисаҳои нақлиётӣ ва устувории молиявии онҳо ҳалли ин масъала хеле муҳим мебошад, ки ҳалли онро дарچораҳои зерин мебинем:

-Тарофа: Мувофиқи қонуни арза ва тақозо аълум аст, ки баланд шудани тарофаҳо метавонад талаботи истеъмокунандагоро ба ин ё он намуди хизматрасониҳои нақлиётӣ коҳиш диҳад, ки ин ба манфиати муассисаҳои нақлиётӣ намебошад.. Дар баробари ин, агар тарофа низ паст шаванд, муассисаҳо ба мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Барои бартараф кардани ин зарур аст, ки танзими дурусти нархҳо ва меъёрҳои давлатӣ ҷорӣ карда шаванд;

-Корҳои кондукторон: Агар кондукторон ва назоратчиён корҳои худро дуруст иҷро накунанд, мусофирон метавонанд ҳаққи роҳкиро напардозанд. Ин боиси талафоти молиявии муассиса мегардад. Барои беҳтар кардани вазъ усулҳои самаранок барои назорат ва такмили кори кондукторон бояд ҷорӣ шаванд ва ё пурра дар нақлиёт низоми пардохти ғайринақдӣ ҷорӣ карда шавад;

**Хусусиятҳои ташкили идора ва рушди мусофирбарии автомобилӣ дар шаҳрҳо**

Хизматрасонии мусофирон берун аз муассиса амалӣ шуда, ба афзоиши талабот бо истифодаи воситаҳои муосири алоқа ба вуҷуд меояд. Бо ин мақсад, истифодаи технологияҳои нав дар соҳаи алоқа барои беҳтар кардани назорати ҳаракати воситаҳои нақлиёт ва таъмин намудани сифати хидматрасонӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Ин равандҳо на танҳо ба таъмини амнияти мусофирон, балки ба роҳандозии системаи идоракунии самаранок ва мутобиқ ба талаботи замони муосир мусоидат мекунанд.

Аҳаммияти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии раванди нақлиётӣ.

Талаботи мизоҷон ба ҳамлу нақл дар ҳисоботҳои оморӣ зоҳир гардида, зери таъсири омилҳои гуногун тағйир ёфта, дар ин замина нақш ва аҳаммияти ташкили идоракунии хизматрасонии танзимгариро дар таъмини талабот тақвият

Хизматрасониҳои мусофирбарӣ пешакӣ ҷамъ карда намешаванд, балки дар вақти расонидани хидмат истеъмол мешаванд, ки ин талаботро ба идоракунии сифати ин хизматрасониҳо баланд мекунад.

Интиқоли автобусии шаҳрӣ бо маблағгузории буҷетӣ дастгирӣ мешавад, ки аксари мусофирон аз имтиёзҳои сафар бархӯрдор мебошанд. Ин вазъият талаб мекунад, ки реҷаи махсуси маблағгузорӣ барои муассиса ва назорати дақиқи хароҷот таъмин шавад.

Воситаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар чун манбаи хатарҳои ҷиддӣ шинохта шуда, таъмини амнияти интиқол на танҳо зарур аст, балки барои ҳифзи манфиатҳои иқтисодии интиқолдиҳандагон низ хеле муҳим мебошад.

Мусофирбарӣ бо дигар соҳаҳои истеҳсолот фарқ мекунад, талаботи он дар давраҳои муайян тағйир меёбад. Аз ин рӯ, барои маркетинг ва идоракунии самараноки хизматрасонӣ бояд ба ин хусусиятҳои мавсимӣ ва шабонарӯзӣ диққат дод.

Дар шароити фаъолияти муассисаҳое, ки хусусияти монополияи табиӣ доранд, зарур аст, механизми идоракунии махсус татбиқ шавад ва бо имкониятҳои рақобат дар бозор мувофиқ бошад. Ин амал барои идора ва беҳтар кардани фаъолияти он муҳим аст.

Нақлиёти мусофирбар дар самти таъмини омодагии сафарбарӣ ва анҷоми корҳои наҷотдиҳӣ дар ҳолатҳои фавқулодда нақши муҳим ва асосӣ дорад.

**Расми 5 – Хусусиятҳои ташкили идора ва пешбурди рушди нақлиёти мусофирбари автомобилӣ дар шаҳрҳо**

-Маблағгузорӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ: МИҲД наметавонад тамоми хароҷоти МНА-ро пӯшонад ва ин ба пастшавии даромад ва заиф шудани сифати хизматрасонӣ оварда мерасонад. Дар баробари ин, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ метавонад бо роҳи ҷорӣ намудани имтиёзҳо, бартарафсозии монеаҳо дар самти иҷозатгирӣ, сертификатсиякунонӣ, ҷалби сармоя ва ғ. ба муассисаҳо кумак намояд;

-Одатан, дар мавсими тобистон селаи мусофирон дар хатсайрҳо кам мегардад ва ин ба муассисаҳое, ки дар хатсайрҳои дорои аҳамияти иҷтимоидошта фаъолият менамоянд мушкилӣ ба миён меорад. Аз ин рӯ, давлат бояд барои пӯшонидани хароҷоти онҳо барои нигоҳдорӣ ва хизматрасонӣ кумак кунад;

-Низоми дурусти назорат ва баҳодиҳӣ барои пӯшонидани зарарҳои молиявӣ вуҷуд надорад. Барои ҳамин, як низоми мукаммали назорат ва баҳодиҳӣ барои муайян кардани зарарҳо ва беҳтар кардани вазъ зарур аст;

-Рӯйпӯшкунии зарарҳо: Барои кумак расондан ба муассисаҳо дар рӯйпӯш кардани зарарҳо ва пӯшидани хароҷот усулҳои дуруст ва муассир бояд ҷорӣ шаванд, ки кумак расонанд дар ҳоле ки имтиёздорон аз буҷет маблағ мегиранд.

Тағйироти зарурӣ дар идоракунии нақлиёти мусофирбари шаҳр то ҳол амалӣ нашудааст. Мақомоте, ки масъули ин соҳа мебошанд, байни якдигар ҳамкорӣ намекунанд ва ҳудудҳои аниқ ва масъулиятҳои дуруст барои ҳар як мақом таъйин нашудаанд. Ин боиси нофаҳмӣ ва мушкилот дар идоракунӣ мегардад, ки дар натиҷа самаранокии фаъолияти нақлиёти мусофирбарӣ коҳиш меёбад. Барои беҳтар кардани вазъ зарур аст, ки як низоми мувофиқ ва ҳамоҳангшудаи идоракунӣ ва тақсими масъулиятҳо ҷорӣ карда шавад.

Инчунин мо муайян кардем, ки имрӯз низоми идораи нақлиёти мусофирбар бештар бар асоси шартномаҳо амалӣ мешавад ва масъалаҳои ҳалнашуда дар ин самт низ бисёранд.

Дар маҷмуъ барои беҳтар кардани хизматрасониҳои нақлиёти мусофирбари шаҳр бояд тағйирот ва такмилоти зарурӣ ворид карда шаванд.

Низоми мукаммали нақлиётӣ имкон медиҳад, ки соҳаи истеҳсолӣ ва иқтисодӣ дар кишвар рушд кунад, корхонаҳо ва ширкатҳои хусусӣ фаъол бошанд, сатҳи зиндагии мардум баланд равад ва кишвар дар сатҳи байналмилалӣ рақобатпазир шавад. Тағйирот дар соҳаи нақлиёт на танҳо ба ин мусоидат мекунад, балки барои беҳтар кардани сифати хизматрасонӣ ва самаранокии иқтисодӣ кумак мерасонад.

Дар умум, хусусиятҳои ошкоргардида ва бартараф намудани мушкилоти ошкоршуда барои амалисозӣ ва рушди самараноки нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр бо истифодаи таҷрибаи хориҷӣ аҳаммияти бузург доранд.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии механизми идора ва ташкили мусофирбарии автомобилӣ дар шаҳрҳо

Арзёбии таҷрибаи байналмилалии ташкили идоракунии нақлиёти мусофирбарии автомобилӣ дар шаҳрҳо нишон медиҳад, ки ин раванд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, хело самаранок фаъолият менамояд. Дар кишварҳо намудҳои гуногуни нақлиёт дар доираи низоми марказонидашуда муттаҳид шудаанд, ки барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ва ҳамоҳангсозии ҳаракат дар шаҳрҳо мусоидат мекунад.

“Идораи нақлиёти ҷамъиятии шаҳрии Росток (Олмон) корро ҳам чун нақлиёти ҷамъиятӣ (роҳи оҳан, трамвай, автобусҳо) ва ҳам чун нақлиёти идорӣ (автобусӣ) дар самти ихтисори такроршавии кори онҳо дар хатсайрҳои мутавозӣ (параллел) ҳамоҳанг менамояд. Дар натиҷаи чорабиниҳои татбиқгардида шумораи хоҷагиҳои автобусии идорӣ дар шаҳр ихтисор гардида, ҳиссаи иштироки автобусҳои идорӣ дар кори хатсайрҳои истифодаи ҷамъиятии шаҳр афзоиш ёфтааст” [48].

“Дар Олмон бо мақсади содагардонии сохтори идоракунии нақлиёти автомобилии мусофирбар ва алоқамандсозии банақшагирии марказонида ва ҳудудӣ тамоми намудҳои хизматрасонии нақлиётӣ ба комбинатҳо тобеъ гардонида шуда буданд. Ин комбинатҳо дар 15 округи Олмон созмон дода

шудаaанд. Дар ин комбинатҳо қисми асосии ҳамаи намудҳои таркиби ҳаракаткунанда тамаркуз менамояд. Комбинатҳо корҳои илмӣ-тадқиқотиро пешбинӣ мекунад, ки ба мушкилоти амалисозӣ ва рушди нақлиёт дахл доранд, самаранокии раванди кашонишро баҳо дода, мусофирбарии нақлиёти автомобилии маҳаллиро баҳо медиҳад, фаъолияти намудҳои гуногуни нақлиётро назорат карда, инчунин таъмири таркиби ҳаракаткунандаро таъмин месозад. Дар бахши нақлиёти ҷамъиятӣ мушкилоти муҳим рақобат миёни нақлиёти давлатӣ ва хусусӣ вуҷуд дошта, ҳиссаи қиёсии он дар хизматрасониҳои нақлиётӣ ба 75,0% мерасад” [103].

Муаллифон дар он ақидаанд, ки “дар кишварҳои хориҷӣ, чун Испания, Ҷумҳурии федералии Олмон (ҶФО), Фаронса, Нидерландия, Белгия ва дигар кишварҳои Аврупо нақши муҳимро дар таъмини самаранокии ташкили идоракунии нақлиёти автомобилии мусофирбар ҳукуматҳои мунитсипалӣ мебозанд. Дар ин маврид, ҳукуматҳои мунитсипалӣ ҳиссаи бештари нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрро соҳибанд. Дар ҶФО кооператсияи намудҳои гуногуни нақлиёти мусофирбар дар намуди иттиҳодияҳои тарофавӣ ва истифодабарии VV (Verkehrs verbund) рӯй медиҳад. Дар шаҳрҳои бузург ва агломератсияҳо иттиҳодияҳои ташкилӣ-тарофавӣ амал мекунанд. Дар ин иттиҳодияҳо мақомоти умумии роҳбарикунанда ташаккул меёбад. Онҳо корҳои зеринро иҷро менамоянд:

-чораҳои ҳамоҳангсозии кори намудҳои гуногуни нақлиёти шаҳр;

-коркарди схемаҳои маҷмуавии рушди шабакаи тарофаҳои умумӣ;

-мувофиқагардонии ҷадвалҳо;

-лоиҳакашии хатҳо, тугунҳо ва иншоот, фаъолияти иқтисодӣ.

Таҳлили таҷрибаҳои татбиқи VV нишон медиҳад, ки дар ҳудуди хизматрасонандаи он тарофаи ягонаи минтақавӣ бурда мешавад. Ҳангоми тарофаи ягонаи минтақавӣ пардохт на дар сафари алоҳида, балки дар тамоми сафари мусофир бо истифодаи намудҳои гуногуни нақлиёти мусофирбар ва ҳар гуна шумораи азнавсаворшавӣ амалӣ мегардад. Дар агломератсияи Ҳамбург VV аз соли 1967 амал менамояд. Он ҳудуди тақрибан 3000 км.кв.-ро

бо 139 шаҳр ва нуқтаҳои аҳолинишин дар бар гирифта, инчунин 7 танзимгари нақлиётиро муттаҳид мегардонад. Чунин VV-ҳо дар агломератсияҳои Франкфурт, Штутгарт ва Рейн-Рур созмон дода шудаанд. Ғайр аз ин, чунин низоми VV дар як қатор кишварҳои дигари Иттиҳоди Аврупо паҳн гардидаанд. Ба иттиҳодияҳо муассисаҳои нақлиётии метрополитен, трамвайҳои босуръат ва муқаррарӣ, автобусҳо ва як қатор муассисаҳои нақлиёти автомобилии наздишаҳрӣ дохил гардидаанд. Дар ин ҳудудҳо тарофаи ягонаи минтақавӣ ва чиптаҳои яккарата ҷорӣ карда шудааст. Чиптаҳои яккарата ба мусофирон ҳуқуқ медиҳад, ки мусофирбарӣ бо ҳама гуна шумораи сафарҳо ва бо ҳама намуди нақлиёт бо ҳамаи шумораҳои азнавсаворшавӣ амалӣ карда шавад" [104].

Муассисаҳои нақлиёти автомобилии давлатӣ низ метавонанд дар шакли ҷамъиятҳои саҳомии кушода (ҶСК) ва пӯшида (ҶСП) бо ҳиссаи давлат фаъолият кунанд. Ҳиссаи давлат дар молияҷудокунии муассисаҳои нақлиётӣ метавонад гуногун бошад, яъне аз 10% то 100%. Барои беҳтар кардани фаъолияти нақлиёти ҷамъиятӣ зарур аст, ки низоми муттаҳидшудаи идоракунӣ амалӣ гардад, монанди таҷрибаи кишварҳои пешрафта, мисли Италия. Дар он ҷо вазоратҳои нақлиёт ва роҳи оҳан бо ҳам ҳамкорӣ мекунанд. Тоҷикистон низ метавонад бо истифода аз таҷрибаи чунин шаҳрҳо, мисли Милан, Турин, Генуя ва Рим низоми ҳамкории МД ва хусусиро дар соҳаи нақлиёт тақвият диҳад.

Ба ақидаи муаллифон "дар Шветсия қоидаҳои ташкили нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ ва минтақавӣ тасдиқ гардида буданд. Азбаски шароитҳои нақлиётӣ ба таври назаррас тағйир ёфтаанд, дар алоқамандӣ бо автомобиликунонии аҳолӣ ин иттиҳодияҳоро зарур омад, то нақлиёти мусофирбари ҷамъиятии шаҳрӣ ва минтақавиро аз нав ташкил намоянд: автобусҳо ва нақлиёти роҳи оҳани наздишаҳриро ҳамоҳанг карда, мутавозияти хатсайрҳоро бартараф гардонида, тарофаи ягона ҷорӣ намоянд. Дар Стокголм муассисаи Storstockholms Lokal traffic дар ҳудуди минтақа метрополитенҳо, трамвайҳо ва автобусҳоро идора менамояд" [104].

“Дар Фаронса аз ҷониби Шурои вазирон қонун дар бораи додани вазифаҳои идоракунии нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ ба уҳдаи минтақаҳо ва департаментҳо қабул ва татбиқ мегардад. Мақсади ин ташаббус дар баланд бардоштани нақши нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ дар воҳидҳои ҳудудӣ ва созмон додани шароити ҳамоҳангсозии амалигардонии хадамот ва мусссисаҳои нақлиётии алоҳидае, ки дар амалисозӣ ва рушди нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ дар минтақа шариканд. Ин ба минтақаҳо дар ҳалли мушкилоти нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ мустақилият дод. Ба сифати мисол метавон муассисаи нақлиётии SYTRAL-ро овард, ки дар агломератсияи Лиони Фаронса амал менамояд. Парки таркиби ҳаракаткунандаи муассисаи мазкур беш аз 1000 автобус, бештар аз 200 троллейбус ва 50 қатораи метрополитен дорад. Дар Марсел идораи мусофирбарии ҷамъиятиро муассисаи нақлиётии RTM амалӣ мегардонад. Шабакаи нақлиётии RTM 84 хатҳои автобусӣ ва 2 хатти метрополитенро дар бар мегирад. Дар ин шаҳр низоми ягонаи тарофа амал менамояд, ки ба мусофирон имкони ба намудҳои гуногуни нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ савор шуданро медиҳад. Ғайр аз ин, дар Фаронса шакли нави ташкили нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ татбиқ карда шудааст. Ин муассисаҳои нақлиётӣ агломератсияҳои миёнаи дорои на камтар аз 50 ҳаз. нафар аҳолиро хизмат мерасонанд. Чунин шакли ташкилӣ аввалин маротиба дар округи Артуа ҷорӣ карда шуд, ки 30 коммунро бо аҳолии 140 ҳаз. нафар муттаҳид мегардонад” [103].

Дар Тоҷикистон, ки дар шаҳрҳо роҳи оҳан вуҷуд надорад, нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ асосан тавассути автобусҳо, микроавтобусҳо ва таксиҳо ба роҳ монда мешавад. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи кишварҳое, ки дар онҳо роҳи оҳан барои нақлиёти мусофирон мавҷуд аст, метавонанд барои беҳтар кардани ташкил ва идоракунии нақлиёт дар Тоҷикистон мусоидат кунанд. Дар шаҳрҳое, ки роҳи оҳан вуҷуд дорад, низоми муттаҳидшудаи нақлиёти ҷамъиятӣ таъсис меёбад, ки дар он ҳамкории муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ тақвият меёбад.

Дар ИМА корхонаҳои гуногуни нақлиёти автомобилӣ фаъолият мекунанд. Механизми ташкили идоракунии фаъолияти нақлиёт дар шаҳри Чикагои ИМА гарчанде тағйир ёфтааст, вале аз ҷониби ҳумати маҳаллӣ дастгирии молиявӣ ва субсидияҳо ҳифз карда шудааст. Бисёре аз шаҳрҳои ИМА ташкили идоракунии нақлиёти ҷамъиятиро дар байни муассисаҳои давлатӣ ва хусусӣ тақсим намудаанд ва ҳар кадоме нақши муайян ва масъулиятҳои муайянро дар ин самт доранд.

Аз ин таҷрибаҳо бармеояд, ки барои самаранокии нақлиёти ҷамъиятӣ, ҳамкорӣ ва низоми муттаҳидшудаи нақлиёт дар шаҳрҳо ва коркардҳои дуруст зарур аст. Аз тарафи дигар, ин раванд ба сатҳи қонеъгардонии талаботи аҳолӣ нисбат ба хизматрасонии нақлиётии мусофирон таъсири манфӣ мерасонад. Барои самаранок кор кардани муассисаҳои нақлиётӣ зарур аст, ки таъминоти иттилоотӣ такмил дода шавад, шабакаи хатсайрҳо беҳтар шавад ва ҷадвали ҳаракат байни онҳо мувофиқа гардад. Ин чораҳо барои ҳамоҳангсозии фаъолияти нақлиёт ва беҳтар шудани хизматрасонӣ муҳим мебошанд.

Мавқеи мақомоти дахлдори нақлиётӣ дар идораи фаъолияти нақлиётӣ рӯз аз рӯз афзуда, самти фаъолияти онҳо таҷдид, сохтмон ва таъмиру нигоҳдории роҳҳо, назорати риояи қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо, додани иҷозатномаҳо ба муасисаҳои нақлиёти автомобилӣ барои ташкили хатсайрҳои нақлиётӣ ва муносибатҳои шартномавиро дар бар мегирад. Ин фаъолиятҳо барои танзими системаи нақлиёт дар маҳалҳо муҳим мебошанд.

Дар Шветсия мақомоти маҳаллӣ тавассути татбиқи механизми соҳибимтиёзгардонӣ барои ширкатҳои нақлиётӣ шароити рақобати солим ва озодро фароҳам меоранд, ки ин амал ба беҳтаргардонии сифати хизматрасонӣ ва самаранокии системаи нақлиётии шаҳрӣ мусоидат мекунад.

Дар Финландия беш аз 60% шаҳрвандон автобусро ҳамчун воситаи асосӣ истифода мебаранд. Дар мамлакати Мексика бошад, нақши калидиро дар самти фаъолияти нақлиёти мусофирбарӣ ширкатҳои нақлиётии хусусӣ ба уҳда доранд ва онҳо дар як сол беш аз ду миллиард талаботи мусофиронро қонеъ мегардонанд.

“Дар Британия Кабир ширкатҳо фармоиши давлатиро барои сохтмони роҳҳои автомобилгард, хатсайрҳо қабул менамоянд, пас ин қитъа ба иҷора, лизинг ё соҳибимтиёзӣ ба ҳамон муассиса дода мешавад. Дар ин маврид дар Лондон, ки 76%-и интиқоли автобусӣ дар асоси шартнома, 24%-аш бошад, аз ҷониби ширкатҳои хусусӣ амалӣ мегардад, беш аз миллион нафар нафақахӯрон ҳуқуқи сафари ройгон доранд, мусофирони асосии автобусҳо бошад, аҳолии таъминоташон ночиз, маъюбон, хонандагон мебошанд” [103].

Хусусигардонии соҳаҳо дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Амрико нисбат ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил пештар оғоз ёфтааст. Гузариш ба низоми тиҷорат, пеш аз ҳама, ҷудокунии фоида аз хизматрасонии мусофирбарӣ ҳангоми идоракунии босаводонаи онҳоро тахмин намуд. Дар шаҳрҳои Иттиҳоди Аврупо нақлиёти ҷамъиятӣ асосан аз метрополитен, автобусҳо ва трамвайҳо иборат мебошад, ки ин намудҳои нақлиёт барои таъмин намудани ҳаракати мусофирон дар муҳити шаҳрӣ муҳиманд.

Нақлиёти тиҷоратӣ, ки аввалин шуда дар Британияи Кабир ҷорӣ шуд ва он дар асоси механизми таҳкими ҳамкории байни бахши давлатӣ ва хусусӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати хизматрасонии нақлиётӣ рушд ёфт боис ба рушди рақобатпазирӣ гардида, дар натиҷа сарбории молиявӣ аз буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ кам ва ҳаҷми субсидияҳо коҳиш ёфт. Ин тағйирот ба беҳтаршавии хизматрасонӣ ва дар навбати худ, ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат карданд. Ташкили шарикӣ байни давлат ва бахши хусусӣ имкон медиҳад, ки ҳам имкониятҳои молиявӣ беҳтар шаванд, ҳам сифати хизматрасонӣ ба мусофирон баландтар гардад.

Дар Иттиҳоди Аврупо нақлиёти ҷамъиятӣ асосан тавассути муассисаҳои давлатӣ идора мешавад, хусусан агар он барои давлат манфиатовар бошад. Дар баробари ин, мақомоти давлатӣ фаъолияти ширкатҳои хусусиро тариқи додани иҷозатномаҳо танзим ва назорат мекунад, то хизматрасонии онҳо ба талаботи мусофирон ва манфиатҳои ҷамъиятии давлат мувофиқат намояд. Дар кишварҳое, ба монанди Шветсия ва Дания, аксари муассисаҳои нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ маҳаллӣ ҳастанд. Воқеан, ин намуди назорат ва

ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ ба рушди самараноки соҳаи нақлиёт кумак мерасонад.

Дар шаҳрҳои Иттиҳоди Аврупо, мисли Париж, Лондон, Копенгаген ва Стокголм, танзими қатъии нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ тавассути давлат амалӣ мешавад. Ин шахсони масъулро водор мекунад, ки ҳамеша барои беҳтар кардани хизматрасонӣ ба мусофирон чораҳои муассир андешанд. Дар ин шаҳрҳо, нақлиёти ҷамъиятӣ бо роҳҳои гуногуни танзимшаванда ва кумакҳои давлатӣ, ба монанди субсидияҳо барои аҳолӣ дастрас ва мувофиқ аст.

“Дар Фаронса, ғайр аз шаҳри Париж ва атрофи он, системае фаъол аст, ки оғози он аллакай дар мобайни соҳои 70-уми асри XX гузошта шудааст ва дар асоси он чораҳои молиявии ба манфиат пешбинишуда гузошта шудааст: маблағгузории хос (versment-transport): бо роҳи ҷорӣ намудани андози махсуси шаҳрӣ, ки даромади он ба эҳтиёҷоти нақлиёти ҷамъиятии шаҳр меравад. Он аз корфармоён ҳангоми пардохти музди меҳнати шумораи нуҳ нафар ва бештари кормандон дар ноҳияи бо аҳолии беш аз 20 ҳаз. нафар истиқоматкунанда ситонида мешавад. Суммаи он тақрибан 40%-и тамоми хароҷоти нақлиёти мусофирбари шаҳрро мепӯшонад; ҷудонамоии дақиқи вазифаҳо дар байни шарикон: соли 1982 қонуни нақлиётии Фаронса ҷудокуниро дар байни ташкилоти хизматрасони ҳокимияти идоракунанда гузаронид, яъне аз ҷониби давлат ва пешниҳоди хизматҳо аз тарафи як ё якчанд операторон; шартномабандӣ: қонун шарти амалисозии нақлиёти ҷамъиятиро ҳангоми низоми чандири шартномаҳо муайян намуд; танзими пурқуввати давлатӣ ва рақобати назоратшаванда; дастгирии сиёсӣ ва молиявӣ аз ҷониби давлат бо сармоягузорӣ (инвеститсия)-ҳо барои нақлиёти ҷамъиятии шаҳр; шаффофӣ: қоидаҳои рақобат ва чораҳои мубориза бо коррупсия муайян шуданд; ғамхорӣ нисбат ба муҳити атроф: “Қонун дар бораи ҳаво” (соли 1997) самти беҳтаргардонии нақлиёти ҷамъиятиро муфассал муайян менамояд; хизматҳои нақлиётӣ ба танзимгарони махсусгардонидашуда дастрас мегардад, соҳа дараҷаи баланди консентратсия дорад, берун аз ҳудуди пойтахт 75%-и бозор дар ихтиёри филиалҳои се ширкати нақлиётии бузург қарор доранд. Давлат

маблағгузориро маҳдуд мекунад ва бояд қайд намуд, ки тарифи мусофирбарӣ танҳо 50% хароҷотро мепӯшонад, ки сабаби коҳиши истифодаи нақлиёти шахсӣ гардидааст” [33].

“Рушди рақобатнокӣ дар бозори нақлиёти ҷамъиятии шаҳр дар баъзе аз шаҳрҳои Аврупо имкон дод, ки як қатор мушкилоти бо амалисозии сектори нақлиёти ҷамъиятӣ вобаста ҳал карда шавад ва дар ниҳоят самаранокии амалисозии нақлиёти ҷамъиятӣ баланд бардошта шавад. Баъд аз ҷорӣ намудани ин чорабинӣ хароҷоти истифодабарии нақлиёт дар Стокголм ба андозаи 23% дар давраи солҳои 1989-1999, дар Копенгаген ба андозаи 24% дар давраи солҳои 1990-1998, дар Лондон ба андозаи 46% дар давраи солҳои 1986-1998 ихтисор гардид. Захираҳои ташаккулёфта ба самти беҳтаргардонии сифати хизматрасониҳо ва афзоиш додани ҳаҷми интиқол равона карда шуд” [33].

Дар шаҳри Ҳамбурги Олмон бошад фаъолияти нақлиёти мусофирбар бештар ба ширкатҳои хусусӣ вогузор карда шуда, дар баробари ин имтиёзҳои гуногун ба онҳо пешниҳод карда мешавад. Дар шаҳрҳои гуногун усулҳои идоракунии нақлиёт фарқ мекунанд ва ҳам давлат ва ҳам бахши хусусӣ метавонанд нақши муҳимме бозанд. Ҳоло аксари ширкатҳо дар ин бахш бо сармоягузориҳои худ фаъолият мекунанд.

Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо нақшаи пардохти ҳаққи роҳкиро чунин аст:

1. Чипта аз рӯйи соат.
2. Чипта ба як сафар.
3. Чипта ба як рӯз.
4. Чипта барои гурӯҳ (то 5 нафар).
5. Чипта барои ҳафта.

“Дар баъзе аз шаҳрҳои бузурги ИМА системаи нақлиёти ҷамъиятии махсусан сершоха, барандаи сарбории калони ҳамарӯза, ки тариқи намудҳои гуногун пешниҳод мегардад, вуҷуд дорад. Робитаҳои троллейбусӣ танҳо дар панҷ шаҳр мавҷуд аст: Кембриҷ, Филаделфия, Сан-Франсиско, Сиэтл ва

Детон. Автобусҳо ва троллейбусҳо ҳамдигаривазкунандаанд – ин воситаи ягонаи нақлиётӣ метавонад ҳам ба монанди автобус ва ҳам мисли троллейбус ҳаракат намояд. Илова бар ин, аз оғоз омодасозии мошин ҳамчун воситаи нақлиёти универсалӣ лоиҳакашӣ мешавад. Дар нимаи дуюми асри XX дар бисёр шаҳрҳои бузург ҳаракати трамвай ва дар сатҳи камтар ҳаракати троллейбусӣ вуҷуд дошт. Аммо дар давоми солҳои 1950 ва 1960 хатҳои троллейбусӣ ва трамвай дар бештари шаҳрҳо барҳам дода шуданд. Танҳо баъзе шаҳрҳо – Бостон, Филаделфия, Сан-Франсиско истисно буданд. Дар як қатор шаҳрҳо эҳёшавии ҳаракати трамвай мушоҳида мегардад, аммо трамвайҳои нав аз пешин ба таври назаррас фарқ доранд. Хатти трамвайҳои муосири босуръат сабукрелс номида мешаванд. Хатҳои нисбатан ҷавонтари сабукрелс дар Денвер ва Миннеаполис ҷойгиранд. Дар нақлиёти рӯйизаминӣ арзиши роҳкиро аз вақти шабонарӯз ва макони пардохт вобаста буда, аз 1,5 то 2 долларро вобаста аз иёлот ташкил медиҳад ва дар ҳар як ҳолат аз ҷониби мунитсипалитети маҳаллӣ тасдиқ карда мешавад. Сафар дар автобусҳои экспресс 3 доллар арзиш дошта, ҳангоми мавҷудияти чиптаи сафар 1 доллару 75 сент мегардад. Чунин автобусҳо то макони таъйинот ҳамагӣ бо ду-се истгоҳ аз рӯйи хатсайри ҳаракат мераванд. Дар робитаҳои наздишаҳрӣ ҳам ширкатҳои мунитсипалӣ ва ҳам хусусӣ кор мекунанд. Ширкатҳои хусусӣ дар самтҳои муайян интиқолро иҷро менамоянд” [138].

Назорати пардохти роҳкиро ҳангоми ба нақлиёт ворид шудан, аз тарафи ронанда сурат мегирад. Вақте ки корт хонда мешавад, маълумоти мусофир сабт ва ҳисобаш муайян карда мешавад. Ин барои таҳлил ва назорати дурустии пардохт ва сафар кумак мекунад.

“Арзиши роҳкиро дар метрополитен аз масофа ва вақт вобаста аст. Сафар ба масофаи камтарин 1,35 доллар, дар масофаи бештарин 2,35 доллар арзиш дорад. Чиптаҳо ҳангоми саворшавӣ ва фаромадан тафтиш карда мешаванд. Хусусиятҳои хоси нақлиёти ИМА низоми трансферӣ аст. Ҳамроҳи чипта ё бар ивази пардохти иловагии на чандон зиёд transfer ticket ном имкониятро ба даст овардан мумкин аст. Бо он азнавсаворшавиро доир

намуда, то ҷойи лозима дигар чиптаи нав нахарида, рафтан мумкин аст. Дар ҳолатҳои алоҳида хатсайрҳои ройгон байни истгоҳи метрополитен ва хатҳои роҳи оҳани электриконидашуда мавҷуд аст, ки он ҷо азнавсаворшавии мусофирон ба амал меояд. Ҳангоми азнавсаворшавӣ аз метрополитен ба автобус мусофир 35 сент мепардозад ва ба ронанда чиптаи азнавсаворшавиро медиҳад. Ғайр аз ин, метавон чиптаи шабонарӯзӣ гирифт, ки 3 доллар арзиш дошта, дар тамоми хатсайрҳои ҳамаи ширкатҳо амал менамояд. Дар баъзе аз шаҳрҳои ИМА низоми бемаҳдуди азнавсаворшавӣ дар давоми вақти нишон додашуда мавҷуд аст ва дар тӯли он бо як чипта метавон то ба охир сафар намуд; дигараш маҳдудият дорад (масалан, танҳо барои дигар хатсайр). Якчанд намуди чиптаҳои сафар вуҷуд доранд: ягона – барои ду-се намуди нақлиёт, барои намудҳои алоҳидаи нақлиёт. Чиптаҳои сафар аз қалбакӣ тайёр кардан хеле хуб ҳифз гардидаанд. Дар ИМА нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ дар ҳудудҳои гуногун аз ҷониби мақомоти марказӣ ё як ташкилоти махсуси давлатӣ идора карда шуда, ташкили кор барои ҳамоҳангӣ ва самаранокии хизматрасонӣ таъмин гардида, кумаки амалӣ расонида мешавад” [47].

“Департаменти нақлиёти Амрико аз бештар аз 50 кумитаҳо, идораҳо ва шуъбаҳо бо роҳбарии котиби департамент ва ҷонишини он иборат аст. Идоракунии фаврии идораро котиботи департамент амалӣ мегардонад, ки ба он 39 хадамот ва шуъбаҳо дохил мешаванд. Дар байни онҳо шурои генералӣ, инчунин шуъбаҳои иҷроияи котиб, инспектори генералӣ, сиёсати нақлиётӣ, доир ба буҷет ва банақшагирӣ, доир ба бизнеси хурд ва рушдёбанда муҳимтарин ба шумор меравад. Дар байни кумита ва идораҳо метавон қайд намуд: маъмурияти бехатарии нақлиётӣ, идораи федералии интиқоли транзитӣ, идораи миллии бехатарӣ дар шоҳроҳҳои автомобилгарди босуръат, идораи тадқиқотӣ ва барномаҳои махсус, хадамоти федералии бехатарӣ дар нақлиёти автомобилӣ ва ғ. Нақлиёти мусофирбари шаҳр аз рӯйи баҳодиҳии American Public Transit аз кӯчаҳои шаҳр ҳудуди 54 млн. автомобилҳоро мегирад ва талафотро аз ҳисоби танбашавӣ дар роҳҳо кам карда, шумораи ҳодисаҳои роҳу нақлиётро паст менамояд. Ғайр аз ин, нақлиёти ҷамъиятӣ

аҳаммияти муҳимми экологӣ дорад. Афзудани инвеститсияҳо дар ин соҳа ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд меорад” [138].

Дар шаҳрҳои ИМА, маблағгузории нақлиёти мусофирбар барои муддати ҳар панҷ сол аз ҷониби ҳукумати федералӣ муайян ва тасдиқ карда мешавад. Буҷети муайянгардида вобаста ба тамоюлҳои иқтисодиву молиявӣ метавонад тағйир дода шавад. Ин маблағгузорӣ барои таъмини устувории системаи нақлиёти ҷамъиятӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ муҳим аст. Ҳамчунин, харидории воситаҳои нақлиёт бо истифода аз буҷет амалӣ мешавад. Ин маблағҳо барои навсозӣ (модернизатсия), нигоҳдорӣ ва такмили инфрасохтори нақлиёти ҷамъиятӣ, инчунин барои коҳиш додани гармии ҷаҳонӣ ва паст кардани сатҳи ифлосшавӣ дар шаҳрҳо сарф мегарданд.

“Ҳар як сол субсидияи нақлиёти мусофирбарро тақрибан 2% афзоиш медиҳад. Агар ягон иёлот дар гузориши худ нишон диҳад, ки пул барои мусофирбарӣ бештар лозим аст, экспертиза таъйин карда мешавад, ки он сабаби афзоиши хароҷотро беш аз 2% муайян менамояд ва тавсияҳои мувофиқ медиҳад. Дар шаҳрҳои бузург низоми таъмини дастгоҳҳои афзалиятноки танзими чароғаки роҳнамо барои автобуси наздикшаванда амал менамояд. Инчунин маҷмуи истгоҳҳо бо лавҳаҳои баркӣ муҷаҳҳаз гардонида шудаанд, ки дар онҳо ахборот доир ба автобусҳои гузашта раванда ва наздикшаванда инъикос мегарданд. Ҳамин тариқ, мусофирон доир ба графики ҳаракати нақлиёти рӯйизаминии шаҳрӣ иттилоотонида мешаванд ва банақшагирии сафар дар нақлиёти ҷамъиятӣ бештар пешбинишаванда мегардад. Бо мақсади маъруфият пайдо намудани нақлиёти мусофирбари шаҳр аз рӯйи қонунҳои амрикоӣ андозбандии максималии суммаи моҳона ба автобус ё метрополитен сарфшаванда, ки дар он метавон андоз напардохт, аз соли 2002 ба 100 доллар баробар аст. Пешниҳоди тахфифҳо барои чиптаҳои сафар дар микроавтобусҳое, ки аз истгоҳи метрополитен то ҷойи кор равон аст, пешбинӣ гардидааст” [138].

Яке аз хусусиятҳои ташкили пардохти ҳаққи роҳкиро дар ИМА ин дастгирии пардохти ҳаққи роҳкиро аз тарафи ҷои кории мусофирон мебошад

ва асосан ин дастгирӣ барои истифодаи нақлиёти ҷамъиятӣ карда мешавад, ки то 1,5 ҳазор долларро ташкил медиҳад.

“Дар Амрико ва ҳам дар Иттиҳоди Аврупо як қатор роҳҳо ва низоми ба қисми марказии шаҳрҳо воридшавии пулакӣ вуҷуд доранд. Чораҳои мазкур имкони ихтисори шумораи нақлиёти автомобилии шахсиро дода, шиддатнокии ҳаракатро дар дохили минтақа ва роҳҳои пулакӣ паст мегардонад, вақти сафарро ба андозаи 14% ихтисор намуда, маблағи иловагӣ ҷамъ меорад, ки метавонад ба самти рушди ояндаи системаи нақлиётии шаҳр ва инфрасохтори нақлиётии шаҳр равона гардад. Қайд кардан зарур аст, ки пурсишҳои сотсиологӣ дар марҳилаи татбиқ муносибати манфии якбораро ба чораҳои мазкури маҳдуд сохтани ҳаракати нақлиёти автомобилии шахсӣ нишон доданд, аммо дар марҳилаи татбиқ пас аз ним соли кори система дастгирии васеи ҷамъиятиро соҳиб гардид” [47].

Дастгирии қишри осебпазири ҷомеа дар бисёре аз мамлакатҳо ва шаҳрҳои аз ҷиҳати иҷтисодӣ пешрафта маъмул мебошад. Барои мисол дар шаҳри Стокголми Шветсия мусофиркашонӣ ба маъюбон ва нафақурон бо истифода аз микроавтобусҳои махсус бе сарфи ҳаққи роҳкиро ва дар шаҳри Бирмингеми ИМА бошад тамоми шаҳрвандони нафақагир ва маъюб бо истифода аз автобусҳо ба тариқи ройгон роҳандозӣ мешавад. Дар шаҳри Бордои Фаронса хатсайрҳои микроавтобусӣ бо мақсади хизматрасонӣ ба пиронсолон ва маъюбон ташкил гардидаанд. Ин намунаи дастгирии иҷтимоӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нақлиётӣ барои гурӯҳҳои ниёзманд мебошанд. Чунин ташаббусҳо дар кишварҳои мухталиф барои беҳтар намудани дастрасӣ ва шароити нақлиёти ҷамъиятӣ барои гурӯҳҳои осебпазир, ба вижа одамони солхӯрда ва маъюб амалӣ гардидаанд ва кумак мекунанд, ки онҳо дар ҳар рӯз ҳангоми сафар эҳсоси озодӣ ва баробарӣ дошта бошанд.

“Таркибдиҳандаи дигари асосии ташкили мусофирбарӣ маблағгузорӣ аст. Дар Шветсия, Англия, ИМА, Ҷопон маблағгузорӣ тавассути низоми инвеститсияҳои мустақим ва қисман тавассути андоз амалӣ гардонида

мешавад. Шакли “дастрасии мустақим” бештар манфиатовар аст. Масалан, дар Ҷопон, Канада, Австралия, ИМА, Олмон барои таъмини дастрасии мустақим маблағгузории интиқоли автобусӣ ба сохторҳои тиҷоратии бузург иҷозат дода шудааст. Дар ИМА (ш. Лос-Анҷелос) андозбандии ташкилот, офисҳо, биноҳо ва иншооти тиҷоратӣ, ҷорӣ карда шудааст, ки дар наздикии то 800 метр аз стансияи сохташавандаи метрополитен қарор доранд ва ба низоми дар Канада, Италия, Испания буда монандӣ доранд” [103].

Яке аз роҳҳои дастгирии молиявии муассисаҳои нақлиётӣ новобаста аз шакли моликияташон ин пӯшонидани норасоиҳои моливӣ аз ҷониби давлат мебошад, ки бо роҳи субсидияҳои давлатӣ ба роҳ монда мешавад. Муассисаҳои нақлиётӣ танҳо аз ҳисоби даромадашон 23-76%-и хароҷоти амалиётии нақлиётии худро таъмин менамоянд. Ин равиш барои нигоҳ доштани дастрасӣ ва сифати хизматрасонӣ зарур аст.

Дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия бошад хатсайрҳои мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ташкил карда шудаанд, ки фаъолият дар ин хатсайрҳо бо роҳи гузаронидани музояда дар байни ширкатҳои нақлиётӣ тақсим карда мешавад. Пеш аз гузаронидани музояда арзиши аслии ҳамлу нақл барои ҳар кадом хатсайр муайян карда шуда, дар асоси он ғолибе, ки тарофаи камтарин ва воситаҳои нақлиёте, ки ба талабот ҷавобгуй мебошад муайян карда мешавад. Ин таҷриба аз соли 2015 тадбиқ карда мешавад.

Бо истифода аз натиҷаи таҳлили низоми идораи нақлиёти мусофирбар дар хориҷа ва шаҳрҳои Тоҷикистон бармеояд, ки вазифаҳо ва масъулиятҳои мақомоти давлатӣ дуруст баҳо дода шуда, равшан карда шавад (расми 6).

Таҳқиқоти ташкили идоракунии фаъолияти нақлиётӣ дар самти мусофиркашонӣ дар шаҳрҳои хориҷа гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки дар бештари шаҳрҳо масъулият дар ин самт ба зимаи мақомоти маҳаллии давлатӣ вогузор аст. Ин амалкунӣ ба беҳтар намудани танзим ва мувофиқсозии хизматрасонӣ бо ниёзҳои маҳаллӣ мусоидат мекунад.

**Вазифаҳои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия ва муассисаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар**

- Дастгирии хатсайрҳои аҳаммияти иҷтимоӣ, ки ба одамони солхӯрда, маъюбон ва минтақаҳои камташкилшуда хизмат мекунанд, хеле муҳим аст.
- Таъмини ҳамоҳангии намудҳои гуногуни интиқоли мусофирон
- Созмон ва рушди инфрасохтори нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр
- Иҷозатномадиҳӣ ва назорати фаъолияти интиқолдиҳандагон, аз он ҷумла фаъолияти вобаста ба танзим ва мониторинги корҳои таъмирию васлгарӣ
- Таъмини амнияти экологии нақлиёти мусофирбар дар шаҳрҳо барои ҳифзи муҳити зист ва саломатии шаҳрвандон
- Ташкили хатсайрҳои махсус барои кумак ба солхӯрдагон ва маъюбон
- Таъмини имконият барои тамоми гурӯҳҳои мусофирон, аз ҷумла афроди маъюб, солхӯрда ва дигар гурӯҳҳои ниёзманд
- Ташкил ва тарҳрезии шабакаи хатсайрҳои нақлиётии афзалиятнок
- Мувозина ва танзими миқдори муассисаҳои нақлиётӣ ва хизматрасонӣ дар шаҳр

**Расми 6 – Вазифаҳои мақомот ва МНА дар идораи нақлиёти мусофирбари шаҳр**

Хулоса, рушди фаъолияти инноватсионии нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳри Душанбе бояд дар асоси принсипҳои рақобатпазирӣ, баландбардории самаранокии фаъолияти муассисаҳои нақлиётӣ новобаста аз шакли моликият, такмили механизми ташкили идоракунии инноватсионӣ ба роҳ монда шавад.

# БОБИ 2. ҲОЛАТИ КУНУНӢ ВА РУШДИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

## 2.1. Таҳлили вазъи муосир ва рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе

Дар шароити муосир, бо назардошти зиёдшавии шумораи аҳолӣ дар шаҳрҳо бо сабаби афзоиши таваллуд ва муҳоҷирати дохилии мамлакат аз деҳот ба шаҳр ва дар ин замина афзоиши талабот ба ҳамлу нақли мусофирон, қонеъсозии талаботи аҳолӣ ба мусофирбарӣ пеш аз ҳама такмили ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофиронро бо назардошти рақамикунонии соҳа, баланд бардоштани сатҳи таъмини бехатарии ҳамлу нақл, инчунин аз ҷиҳати экологӣ ба шаҳри сабз табдил додани шаҳрҳоро талаб менамояд.

Дар ин раванд, инчунин мавқеи калидиро бояд ба баланд бардоштани сифати мусофирбарӣ, кам намудани дараҷаи ҲРН, заиф намудани сатҳи хатарҳои экологӣ ва беҳтарсозии амнияти истифодаи  микроавтобусҳо бояд дод.

Пеш аз оне ки ҳолати кунунӣ ва рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе таҳлил ва баҳогузорӣ карда шавад, зарур мешоморем, ки вазъи муосири ҳамлу нақли мусофирон дар мамлакат бо тамоми намудҳои маъмули нақлиёт таҳлил ва арзёбӣ карда шавад. Дар Тоҷикистон тамоюли мусбии рушди ҳаҷми мусофирбарӣ тавассути тамоми намудҳои нақлиёт тӯли солҳои 2019-2023 дида мешавад (ҷадвали 2.1 ва расми 7).

Таҳлили ҷадвали 2.1 ва расми 7.  гувоҳӣ аз он медиҳад, ки ҳаҷми мусофирбарӣ бо тамоми намуди нақлиёт соли 2023 нисбат ба соли 2018 36,7% афзуда, дар баробари он ҳаҷми мусофирбарӣ бо нақлиётӣ автомобилӣ дар ин давра ба 36,7% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2.1-Тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ бо тамоми намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. мусофир)**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт – ҳамагӣ | 658,1 | 653,7 | 746,8 | 853,7 | 899,3 | 136,7 |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| автомобилӣ | 635,4 | 633,8 | 726,8 | 832,2 | 876,7 | 138,0 |
| Баркӣ | 21,4 | 19,2 | 19,2 | 20,5 | 21,4 | 100 |
| роҳи оҳан | 0,6 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 83,3 |
| Ҳавоӣ | 0,7 | 0,3 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 71,4 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. – Душанбе, АОНПҶТ, 2024.-33с.-С.17.*




**Расми 7 – Тасвири графикии тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ бо тамоми намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. мусофир)**

Таҳлил нишон медиҳад, ки рушди гардиши мусофирон аз рӯйи тамоми намудҳои нақлиёт (ҷадвали 2.2, расми 8), гардиши мусофирон бо нақлиёти автомобилӣ (бе назардошти нақлиёти сабукрави таксомоторӣ) (ҷадвали 2.3), шумораи миёнаи сафари мусофирон аз рӯйи ҳисоби як нафар одам бо намудҳои нақлиёт (ҷадвали 2.4) ва масофаи миёнаи интиқоли як нафар мусофир бо намудҳои нақлиёт (ҷадвали 2.5) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 мушоҳида мешавад.

**Ҷадвали 2.2-Тағйирёбии гардиши мусофирон бо тамоми намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. мусофир-километр)**

| Номгӯй | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт – ҳамагӣ | 9264,6 | 8244,7 | 9079,9 | 10361,9 | 11625,8 | 125,5 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| автомобилӣ | 7110,3 | 7155,1 | 7871,6 | 8478,3 | 9115,9 | 128,2 |
| таксомотори сабукрав | 133,6 | 195,8 | 272,5 | 332,2 | 398,9 | 298,6 |
| Барқӣ | 79,2 | 71,0 | 71,1 | 76,5 | 80,3 | 101,4 |
| роҳи оҳан | 28,1 | 21,4 | 20.6 | 21,3 | 23,3 | 83,0 |
| ҳавоӣ | 1913,4 | 801,4 | 844,1 | 1453,6 | 2007,4 | 105,0 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст. – Душанбе, АОНПҶТ, 2024.-33с.-С.20.*

Таҳлили ҷадвали 2.2 ва расми 8 нишон медиҳад, ки дар умум гардиши мусофирон бо тамоми намуди нақлиёт дар мамлакат дар соли 2023 нисбат ба соли 2019-ум 25,5%, аз он ҷумла бо нақлиёти автомобилӣ 28,2%, таксомотори сабукрав 198,6%, барқӣ 1,4% ва ҳавоӣ 5,% боло рафта, танҳо дар нақлиёти роҳи оҳан ба 17% коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии коҳиши мусофирбарӣ бо нақлиёти роҳи оҳан ин истифодаи бештари мусофирон аз хизматрасониҳои нақлиёти ҳавоӣ ва нақлиёти автомобилӣ дар ҳамлу нақли байналмилалӣ мебошад.




**Расми 8 – Тасвири графикии тағйирёбии гардиши мусофирон бо тамоми намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. мусофир-километр)**

Натиҷаи таҳлили гардиши мусофирон дар мамлакат бо нақлиёти автомобилӣ нишон медиҳад, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 дар умум 28,2% афзоиш ёфта (ҷадвали 2.3), афзоиши он бештар дар вилоятҳои Хатлон, ВМКБ ва Суғд, мутаносибан ба 69,4%, 64,0% ва 35,6% дар давраи таҳлилӣ мушоҳида мешавад. Афзоиши гардиши мусофирон дар ин минтақаҳо бештар ба ҳамлу нақли байнишаҳрӣ ва беруназшаҳрӣ вобастагии зиёд дорад.

## Ҷадвали 2.3 - Тағйирёбии гардиши мусофирон тавассути нақлиёти автомобилӣ (бе назардошти автомобилҳои сабукрави таксомоторӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. мус.-км)

| Минтақаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 7110,3 | 7155,1 | 7871,6 | 8478,3 | 9115,9 | 128,2 |
| ВМКБ | 150,0 | 141,1 | 155,5 | 212,8 | 246,0 | 164,0 |
| Вилояти Суғд | 2433,0 | 2429,0 | 2600,4 | 2894,8 | 3300,1 | 135,6 |
| Вилояти Хатлон | 1529,0 | 1762,2 | 2196,3 | 2437,9 | 2593,9 | 169,4 |
| ш. Душанбе | 1604,3 | 1565,1 | 1764,0 | 1609,7 | 1861,3 | 116,0 |
| НТҶ | 1394,0 | 1257,8 | 1155,4 | 1323,1 | 1513,6 | 108,6 |

*Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон– Душанбе: АОНПҶТ, 2024.-33с.-С.20 ҳисоб карда шудааст.*

## Ҷадвали 2.4-Тағйирёбии шумораи миёнаи сафари мусофирон аз рӯйи ҳисоб ба як нафар мусофир дар намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023

| Намудҳои нақлиёт | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт – ҳамагӣ | 70,7 | 69,5 | 76,2 | 85,5 | 88,5 | 125,2 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| автомобилӣ | 66,5 | 65,3 | 71,7 | 80,7 | 86,3 | 130,0 |
| таксомотори сабукрав | 1,7 | 2,0 | 2,4 | 2,6 | 3,2 | 188,2 |
| барқӣ | 2,5 | 2,0 | 2,0 | 2.1 | 2,1 | 84,0 |
| роҳи оҳан | 0,06 | 0,04 | 0,04 | 0,05 | 0,5 | 8,3 мар. |
| ҳавоӣ | 0,1 | 0,03 | 0,04 | 0,05 | 0,7 | 7,0 мар. |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, АОНПҶТ, 2024.-33с.-С.19 ҳисоб карда шудааст.*

## Ҷадвали 2.5-Тағйирёбии масофаи миёнаи интиқоли як нафар мусофир бо намудҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 2019-2023 (километр)

| Намудҳои нақлиёт | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Нақлиёт – ҳамагӣ | 14,1 | 12,6 | 12,2 | 12,1 | 12,9 | 91,5 |
| Аз он ҷумула | | | | | | |
| автомобилӣ | 11,5 | 11,6 | 11,2 | 9,9 | 10.9 | 94,8 |
| таксомотори сабукрав | 8,2 | 10,2 | 11,5 | 12,7 | 12,4 | 151,2 |
| барқӣ | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,7 | 3,8 | 102,7 |
| роҳи оҳан | 46,8 | 48,2 | 46,4 | 42,6 | 51,1 | 109,2 |
| ҳавоӣ | 2733,4 | 2500,0 | 2221,3 | 2907,2 | 2566,7 | 94,0 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори Нақлиёт ва алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, АОНПҶТ, 2024.-33с.-С.20 ҳисоб карда шудааст.*

Маҷмуан, таҳлили гузаронидашуда, ки дар ҷадвалҳои 2.2, 2.3, 2.4 ва 2.5 оварда шудааст далели онанд, ки афзоиши гардиши мусофирон дар тамоми намудҳои нақлиёт дар мамлакат дар давоми солҳои 2019-2023 дида мешавад ва ин аз беҳтар гардидани хизматрасонии нақлиётӣ гувоҳ мебошад. Илова ба ин, таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки дар самти мусофиркашонӣ дар миқёси мамлакат мавқеи назаррас ва калидиро нақлиёти автомобилӣ ишғол менамояд. Пас аз таҳлил ва баррасии нақлиёти мусофирбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузарем ба арзёбии мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе, аз он ҷумла мусофиркашонӣ бо яке аз намудҳои нақлиёти автомобилӣ, яъне ҳамлу нақли мусофирон тариқи микроавтобусҳо.

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда ва мушоҳидаҳо маълум гардид, ки ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳри Душанбе бо истифода аз воситаҳои нақлиётии автобусӣ (микроавтобусҳо) нақлиёти барқӣ ва инчунин автомобилҳои сабукрави таксомоторӣ амалӣ карда мешавад.

Зиёдшавии ҳаҷми ҳамлу нақли мусофирон пеш аз ҳама аз зиёшавии шумораи аҳолии шаҳри Душанбе ва талабот ба хизматрасониҳои нақлиётӣ вобастагӣ дорад. Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки аҳолии шаҳри Душанбе дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 наздик ба 44% ё баробар ба 379200 нафар зиёд гардидааст. (ҷадвали 2.6) [75].

**Ҷадвали 2.6-Тамоюли афзоиши аҳолӣ дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2015-2023**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Шумораи аҳолӣ, ҳаз. нафар | 863,4 | 1185,4 | 1201,8 | 1221,1 | 1242,6 |
| Тамоюли мутлақ | 17,0 | 322 | 16,4 | 19,3 | 21,5 |
| Коэффитсиенти рушд | 1,020 | 1,37 | 1,014 | 1,016 | 1,018 |

Дар рисола бо мақсади арзёбии ҳолат тағйирёбии индекси нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе тӯли солҳои 2019-2023 омӯхта шуд (ҷадвали 2.7).

Натиҷаҳои таҳлили тағйирёбии рушди ҳаҷми мусофирбарӣ бо тамоми намудҳои нақлиёт дар ш. Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023 дар ҷадвали

2.8 овардашуда нишон медиҳад, ки ҳаҷми мусофирбарӣ дар маҷмуъ дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 дар шаҳри Душанбе 121,5% ташкил додааст.

**Ҷадвали 2.7-Индекси нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳри Душанбе (бо фоиз нисбат ба соли гузашта)**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ дар охири сол | 102,0 | 102,0 | 101,4 | 101,6 | 101,8 |
| Афзоиши табиии аҳолӣ | 108,8 | 103,5 | 107,4 | 117,6 | 119,4 |
| Шумораи миёнаи солонаи бо иқтисодиёт машғулбуда | 102,5 | 101,9 | 102,2 | 118,5 | 101,8 |
| Даромади пулии аҳолӣ | 136,5 | 136,6 | 129,9 | 127,0 | 149,5 |
| Музди миёнаи маоши як нафар корманд | 105,4 | 102,0 | 109,7 | 112,7 | 110,3 |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ | 107,2 | 104,0 | 121,4 | 119,1 | 117,3 |
| Маҳсулоти саноат | 103,3 | 104,1 | 119,2 | 105,9 | 120,7 |
| Ба истифода додани майдони умумии хонаҳои истиқоматӣ | 1,8 бор | 114,3 | 111,8 | 84,7 | 126,7 |
| Гардиши чаканаи мол аз рӯйи ҳамаи каналҳои фурӯш | 125,1 | 125,6 | 125,7 | 117,0 | 144,4 |
| Хизматҳои пулакӣ ба аҳолӣ | 103,3 | 91,0 | 110,4 | 103,7 | 130,9 |
| Гардиши савдои беруна | 115,5 | 115,6 | 118,0 | 2,1 бор | 81,4 |
| Содирот | 105,8 | 106,1 | 105,9 | 128.8 | 53,3 |
| Воридот | 116,0. | 116,3 | 119,2 | 2,2 бор | 81,9 |
| Индекси нархи истеъмолӣ | 109,6 | 109,0 | 118,4 | 104,2 | 103,6 |

Ҳаҷми мусофирбарӣ бо нақлиёти рӯйизаминӣ дар соли 2023 (ҷадвали 2.8) нисбат ба соли 2019 ба 21,5%, бо нақлиёти автомобилӣ ба 23,2% ва бо нақлиёти ҳавоӣ ба 16,7% афзун гардида бошад ҳам, дар нақлиёти роҳи оҳан ва баркӣ мутаносибан ба 20% ва 0,5% кам гардидааст.

**Ҷадвали 2.8-Тағйирёбии мусофирбарӣ бо намудҳои нақлиёт дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Мусофирбарӣ-ҳамагӣ | 311,7 | 279,2 | 351,7 | 366,9 | 378,6 | 121,5 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Нақлиёти рӯйизаминӣ | 311,1 | 278,9 | 351,4 | 366,4 | 377,9 | 121,5 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Автомобилӣ | 289,2 | 259,3 | 331,8 | 345,5 | 356,2 | 123,2 |
| Баркӣ | 21,4 | 19,2 | 19,2 | 20,5 | 21,3 | 99,5 |
| Роҳи оҳан | 0,5 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 80,0 |
| Ҳавоӣ | 0,6 | 0,3 | 0,3 | 0,5 | 0,7 | 116,7 |

*Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси Омори солонаи шаҳри Душанбе. – Душанбе: Саридораи АОНПҶТ, 2024.-447с. ҳисоб карда шудааст [75]*

Нишондиҳандаи гардиши мусофирон бо тамоми намуди нақлиёт (ҷадвали 2.9) нисбат ба соли 2019 дар соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба андозаи 11,3% зиёд гарда бошад ҳам ин нишондиҳанда дар нақлиёти роҳи оҳан ба андозаи 15,7% коҳиш ёфтааст.

**Ҷадвали 2.9-Тағйирёбии гардиши мусофирон бо намудҳои нақлиёт дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023 (млн. мус.-км)**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Гардиши мусофирон – ҳамагӣ | 3269,5 | 2377,8 | 2606,3 | 2981,0 | 3637.9 | 111,3 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Нақлиёти рӯйизаминӣ | 1758,3 | 1650,9 | 1998,6 | 1701,8 | 1957,7 | 118,3 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Автомобилӣ | 1660,0 | 1565,1 | 1912,6 | 1609,7 | 1861,3 | 121,1 |
| Барқӣ | 79,2 | 71,0 | 71,1 | 76,4 | 80,3 | 101,4 |
| Роҳи оҳан | 19,1 | 14,8 | 14,9 | 15,7 | 16,1 | 84,3 |
| Ҳавоӣ | 1511,2 | 726,9 | 607,7 | 1279,2 | 1680,2 | 111,2 |

*Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси Омори солонаи шаҳри Душанбе. – Душанбе: Саридораи АОНПҶТ, 2024.-447с. ҳисоб карда шудааст [75].*

Сатҳи иқтисодии аҳолии мамлакат, аз он ҷумла аҳолии шаҳрҳоро метавон дар баробари дигар нишондиҳандаҳо ба воситаи нишондиҳандаи таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ баҳогузорӣ намуд. Таҳлили ин нишондиҳанда дар ш. Душанбе дар ҷадвали 2.10 ва расми 9 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.10-Тағйирёбии таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023 (бо ҳисоби ба 1000 нафар аҳолии доимӣ, адад)**

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **ш. Душанбе** | 68 | 80 | 61 | 82 | 88 | 129,4 |
| **Аз он ҷумла** | | | | | | |
| н.Шоҳмансур | 62 | 79 | 40 | 81 | 86 | 138,7 |
| н.И.Сомонӣ | 58 | 59 | 55 | 76 | 84 | 144,8 |
| н.Фирдавсӣ | 63 | 88 | 62 | 73 | 78 | 123,8 |
| н. Сино | 78 | 84 | 62 | 90 | 97 | 124,4 |

*Сарчашма: аз тарафи муаллиф дар асоси Омори солонаи шаҳри Душанбе. – Душанбе: Саридораи АОНПҶТ, 2024.-447с. ҳисоб карда шудааст [75].*

Таҳлили ҷадвали 2.10 ва расми 9 нишон медиҳад, ки таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави инфиродӣ дар ш. Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023 (бо ҳисоби ба 1000 наф. аҳолӣ, адад) ба 29,4% афзуда, дар ноҳияҳои

Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Сино мутаносибан дар солҳои 2019-2023 ба андозаи 38,7%, 44,8%, 23,8% ва 24,4% афзудааст.




**Расми 9 – Тасвири графикии тағйирёбии таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023 (бо ҳисоби ба 1000 нафар аҳолии доимӣ, адад)**

Натиҷаҳои таҳлили ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он нишон медиҳад, ки тадқиқи ҳиссаи хоси намудҳои гуногуни нақлиёти мусофирбари ҷамъиятии шаҳр дар ҳаҷми умумии мусофирбарӣ ва гардиши мусофирон муҳим аст. Дар ҷадвали 2.11 натиҷаҳои таҳлили гузаронидашудаи ҳиссаи намудҳои гуногуни нақлиёт дар шаҳри Душанбе оварда шудааст.

**Ҷадвали2.11-Тавсифоти ҳиссаи намудҳои гуногуни нақлиёт дар ҳаҷми умумии мусофирбарӣ ва гардиши мусофирони ш. Душанбе (ба ҳолати 01.01.2024)**

| № | Намуди нақлиёт | Ҳаҷми мусофирбарӣ, млн. мус. | Ҳиссаи хос, % | Гардиши мусофирон, ҳаз. мус.-км | Ҳиссаи хос, % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Нақлиёти автомобилии истифодаи умум | 169,47 | 45,0 | 2326,78 | 63,96 |
| 2 | Нақлиёти автомобилии идорӣ | 28,99 | 7,7 | 267,02 | 7,34 |
| 3 | Нақлиёти автомобилии шахсӣ | 178,14 | 47,3 | 1044,1 | 28,7 |
| | Ҳамагӣ | **376,6** | 100,00 | **3637,9** | 100,00 |

*Сарчашма: ҳисоби муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ.*

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 2.11 дар ҳаҷми умумии мусофирбарӣ ҳиссаи нақлиёти автомобилии истифодаи умум 45,0%, нақлиёти автомобилии идорӣ 7,7% ва нақлиёти автомобилии шахсӣ 47,3%-ро ташкил медиҳад, дар ҳаҷми умумӣ гардиши мусофирон бошад, мутаносибан ҳиссаи хоси онҳо 63,96%, 7,34% ва 28,7%-ро ташкил медиҳад.

Вобаста ба нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе ҳаминро низ бояд қайд намуд, ки мувофиқи маълумоти омории дастрасгардида ба аҳолии шаҳри Душанбе соли 2023 дар маҷмуъ 2111 адад воситаҳои нақлиёти мусофирбар, аз он ҷумла 732 адад автобус ва 98 адад микроавтобус дар сектори коммуналӣ ва 1281 адад микроавтобус дар сектори хусусӣ хизмат расонидаанд, ки ин тамоюл давом дорад.

Пас аз таҳлил ва баррасии фаъолияти мусофирбарӣ ба таври маҷмуавӣ ба арзёбии фаъолияти нақлиёти мусофиркашонии микроавтобусӣ дар шаҳри Душанбе мегузарем.

Дар ҷадвали 2.12. ва расми 10 тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ ва гардиши мусофирон бо микроавтобусҳо, инчунин ҳиссаи микроавтобусҳо дар ҳаҷми умумии мусофирбарӣ ва гардиши мусофирон тариқи автомобилҳо дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2019-2023 оварда шудааст.

Аз натиҷаи таҳлилҳои дар ҷадвали 2.12 ва расми 10 овардашуда хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки соли 2025 нисбат ба соли 2019 мусофирбарӣ бо ҳама намуди нақлиёт 121,5%, аз он ҷумла бо нақлиёти автомобилӣ 123,2%-ро ташкил дода, дар баробари ин мусофрбарӣ тавассути микроавтобусҳо низ 10,8% зиёд гардидааст. Таҳлили гардиши мусофирон бошад, нишон дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 мутаносибан дар ҳама намуди нақлиёт 11,3, нақлиёти автомобилӣ 12,1, аз он ҷумла бо микроавтобусҳо 1,0% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали2.12-Тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ ва гардиши мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Соли 2023 нисбат ба соли 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Мусофирбарӣ – ҳамагӣ, млн.нафар** | 311,7 | 279,2 | 351,7 | 366,9 | 378,6 | 121,5 |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| Автомобилӣ | 289,2 | 259,3 | 331,8 | 345,5 | 356,2 | 123,2 |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| Микроавтобусҳо | 220,4 | 203,7 | 216,3 | 234,3 | 244,2 | 110,8 |
| **Гардиши мусофирон – ҳамагӣ, млн. мус.км** | 3269,5 | 2377,8 | 2606,3 | 2981,0 | 3637.9 | 111,3 |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| Автомобилӣ | 1660,0 | 1565,1 | 1912,6 | 1609,7 | 1861,3 | 112,1 |
| аз он ҷумла | | | | | | |
| Микроавтобусҳо | 1262,9 | 961,5 | 1245,9 | 1089,5 | 1274,7 | 101,0 |
| Ҳиссаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо аз ҳаҷми умумӣ, % | 70,71 | 72,96 | 61,50 | 63,86 | 64,50 | |
| Ҳиссаи микроавтобусҳо аз мусофирбарӣ бо автомобилҳо, % | 76,21 | 78,56 | 65,19 | 67,81 | 68,56 | |
| Ҳиссаи гардиши мусофи-рон бо микроавтобусҳо аз ҳаҷми умумӣ, % | 38,63 | 40,44 | 47,80 | 36,55 | 35,04 | |
| Ҳиссаи гардиши мусофи-рон бо микроавтобусҳо аз ҳаҷми умумӣ, % | 76,08 | 61,43 | 65,14 | 67,68 | 68,48 | |

*Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси Маҷмуаи омори солонаи шаҳри Душанбе, Саридораи АОНПҶТ дар ш. Душанбе, 2021.-527с.-С.455 ва маълумоти МД “Душанбенақлиётхадамотрасон”*

Таҳлили ҳиссаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо (2.12) нишон дод, ки ба ҳисоби миёна дар панҷ соли таҳлилӣ он зиёда аз 70% мусофирбарӣ аз ҳаҷми умумӣ ва зиёда аз 65% мусофирбарӣ бо автомобилҳоро ташкил медиҳад ва он дар шароити шаҳр хеле зиёд мебошад.




**Расми 10 – Тасвири графикии тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ ва гардиши мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2019-2023**

Дар баробари ин дар ҷадвали 2.13 ва расми 11 тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар корхонаҳои давлатӣ ва хусусӣ оварда шудааст.




**Расми 11 – Тасвири графикии тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар корхонаҳои давлатӣ ва хусусии шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2023**

Агар дар маҷмуъ ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо нисбат ба соли 2019 дар соли 2023 10,8% зиёд гардида бошад, пас дар корхонаҳои давлатӣ он ба 47,5% зиёд шуда, дар корхонаҳои хусусӣ, баръакс 16,4% кам гардидааст. Аз

ҳаҷми умумии мусофирбарӣ дар соли 2023-юм 56,8% ба корхонаҳои давлатӣ ва 43,2% ба корхонаҳои хусусӣ рост меояд.

**Ҷадвали2.13 - Тағйирёбии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар корхонаҳои мусофирбарии шаҳри Душанбе дар солҳои 2019-2023 (ҳаз. мусофир)**

| № | Номгӯйи муассисаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/ 2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми мусофирбарӣ дар корхонаҳои воҳиди давлатӣ (ҳаз. мусофир) | | | | | | | |
| 1. | ККВД “Автобус-3” | 35556 | 35748,6 | 38333,4 | 42347,99 | 44903,18 | 126,29 |
| 2. | ККВД “Автобус-1” | 58476,6 | 53537 | 76446,9 | 91836,2 | 93753,8 | 160,33 |
| Ҷамъ | | 94032,6 | 89285,6 | 114780,3 | 134184,19 | 138656,98 | 147,5 |
| Ҳаҷми мусофирбарӣ дар муассисаҳои мусофирбари хусусӣ (ҳаз. мусофир) | | | | | | | |
| 1. | ҶДММ “Маҳин” | 5666 | 5220 | 6531 | 3044 | 6234 | 110,02 |
| 2. | ҶСШК “Автоколонна 2927” | 22250,8 | 20026,9 | 7064 | 1332,9 | 4235,3 | 19,03 |
| 3. | ҶСШК “Сайёр-1” | 5257,1 | 6194,9 | 5085,47 | 4905,1 | 1545,39 | 29,40 |
| 6. | ҶСШК “Нақлиёт” | 11661 | 11251,6 | 10850,3 | 11175,81 | 11399,32 | 97,76 |
| 7. | ҶСП “Мехколонна-50” | 10896 | 9257,2 | 9284,46 | 9363 | 9671 | 88,76 |
| 8. | ҶДММ “Сомонтранс” | 3364,1 | 3424,3 | 3651,3 | 3911,7 | 3967,6 | 117,94 |
| 9. | ҶДММ “Муҳаммад-ҷон+Д” | 7862,8 | 8722,7 | 9668 | 10100 | 10251,5 | 130,38 |
| 10. | ҶДММ “Корвонсарой” | 10715,96 | 7812 | 8386,3 | 9513,4 | 9656,1 | 90,11 |
| 11. | ҶДММ “Бехрӯз-15” | 12266,9 | 6735,9 | 5399 | 6680 | 6810 | 55,52 |
| 12. | ҶДММ “Нақлиётгаз-2004” | 3530,6 | 3680,5 | 4124,7 | 4250,4 | 4354,8 | 123,34 |
| 13. | ҶДММ “Сорбон-14” | 18124 | 13641,2 | 13958,5 | 15153,4 | 15911,07 | 87,79 |
| 14. | ҶДММ “Ориён” | 2010,5 | 1302,1 | 2111,7 | 3412,2 | 3582,8 | 178,20 |
| 15. | ҶДММ “Корвон Нақлиётхизматрасон” | 10088,4 | 11454 | 11487 | 12041 | 12643 | 125,32 |
| 16. | ҶДММ “Ният” | 2637,1 | 2644,9 | 2650,2 | 2661 | 2664,3 | 101,03 |
| 17. | ҶДММ “Акиа Авесто Автомат” | 0 | 1171,3 | 1218 | 681,3 | 681,87 | 58,2 нис-бат ба 2000 |
| 18. | ҶДММ “Нури Истиқлол” | 0 | 1866,5 | 0 | 1939 | 1970,7 | 105,6 нисбат ба 2000 |
| **Ҷамъ** | | 126331,26 | 114406 | 101469,93 | 100164,21 | 105578,75 | 83,6 |
| **Ҳамагӣ** | | 220363,86 | 203691,6 | 216250,23 | 234348,4 | 244235,73 | 110,8 |

*Сарчашма: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти МД “Душанбенақлиётхадамотрасон”*

Дар асоси гуфтаҳои боло ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар замони муосир нақлиёти мусофирбари шаҳр яке аз соҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми фаъолияти шаҳрдорӣ ба ҳисоб меравад.

Кори нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолии шаҳр бо нақлиёти ҷамъиятӣ равона карда шудааст.

Мувофиқи мушоҳида ва таҳлилҳо намудҳои асосии нақлиёти мусофирбари шаҳр, ки имрӯз ба аҳолии шаҳри Душанбе хизмат мерасонанд, троллейбусҳо, автобусҳо, микроавтобусҳо ва автомобилҳои сабукрави таксомоторӣ мебошанд. Нақлиёти мусофирбари автобус қобилияти мусофирғунҷоишӣ ва ҳаракати чолоконаи калон дорад, вале аз ҷиҳати экологӣ муҳити атрофро хеле ифлос мекунад. Аз як автобус ба атмосфера партови моддаҳои зарарнок 5-6 баробар, дараҷаи садои он назар ба суръати автомобили сабукрав 1,5-2 баробар зиёд аст. Нақлиёти троллейбус аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, иқтидори зиёди борбардорӣ дорад ва энергияи арзонро истифода мебарад. Микроавтобус иқтидори ғунҷоишиками мусофирон, аммо суръати баландтар ва ҳаракати чолоконаи бештар дорад [149].

Мушоҳида ва таҳлилҳо, инчунин омӯзиши ҳамаҷонибаи фикру андешаҳои олимони ва мутахассисони гуногуни соҳа дар бораи нақш ва мақоми нақлиёти ҷамъиятии шаҳрӣ, аз он ҷумла нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе ба хулоса омадан мумкин аст, ки фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳр қариб тамоми табақаҳои аҳолии шаҳрҳо ва мамлакатро фаро мегирад. Новобаста аз он ки солҳои охир шумораи автомобилҳои шахсӣ тамоюли баланди афзоиш дорад, "қисми зиёди аҳолии мамлакат барои фаъолияти ҳамарӯза аз нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ истифода мебарад. Аксари мусофироне, ки аз хизматрасонии нақлиёти мусофирбари ҷамъиятӣ бархӯрдоранд, аз фаъолияти он бо сабаби аз ҳад зиёд серодамӣ дар воситаҳои нақлиёт, фосилаҳои тӯлонии ҳаракати онҳо ва риоя нагардидани ҷадвали ҳаракати онҳо дар масири ҳаракат норозианд" [187].

Ҷиҳати таъмини фаъолияти самараноки системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе ва такмили он имрӯз фаъолияте, ки дар асоси муносибатҳои логистикӣ асос ёфтааст, бояд ҷорӣ карда шавад.

"Аз сабаби он ки объекти асосии ташкили низоми логистикии нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳр хатсайр ба ҳисоб рафта, мусофирбарӣ тавассути воситаҳои

нақлиёт аз рӯйи он ки қаблан тарҳрезӣ ва банақшагирӣ карда шудаанд” [187], роҳандозӣ мешаванд, бояд тамоми ташкили ҳаракати нақлиёт дар шаҳр ба таъмини мунтазамӣ ва хизматрасонии бефосилаи нақлиёт ба аҳолӣ дар хатсайрҳо ва муайянсозии босалоҳияти низоми хатсайрҳои шаҳрӣ равона карда шавад.

*“Низоми хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятии шаҳр* маҷмуи хатсайрҳои аз ҷиҳати ҳудудӣ ва фосилавӣ (вақтӣ) ба ҳам пайвасти ҳама намуди нақлиёт ва намудҳои алоҳида нақлиёт, ки ба мусофирбарии шаҳрӣ дар дохили як шабакаи нақлиётии додашуда машғул аст, мебошад. Ҳамзамон, зери *пайвасти ҳудудии низоми хатсайрҳо* дар нақшаи шаҳр ҷойгир кардани хатсайрҳои як намуди нақлиёт ё намудҳои гуногуни нақлиёти мусофирбари шаҳр, истгоҳҳои ниҳоии онҳо, истгоҳҳо ва дигар иншооти хаттӣ, ки ба мусофирбарӣ мувофиқанд ва зери *пайвасти фосилавӣ (вақтӣ)* – мувофиққунонии реҷаҳои кори хатсайрҳо дар вақт ва ҷадвали ҳаракати воситаҳои нақлиёте, ки ба хатсайрҳои гуногун хизмат мерасонанд, фаҳмида мешавад” [187].

Дар бозори мусофирбарӣ тавассути микроавтобусҳо вазифаи асосии логистика, ин ҳадди имкон мутобиқсозии имкониятҳои БХНМ ба талаботи мусофирон бо роҳи ташкили оқилонаи дастраси ба иттилоот, хизматрасонӣ ва ғайра мебошад. Аз таҳқиқ бармеояд, ки мусофирон аз истеҳсолкунандагони хизматрасониҳо чунин талаботро дархост менамоянд:

-тарофаи дастрас;

-эътимоднокӣ ва давомнокии вақти сафар;

-мунтазамӣ ва риояи ҷадвали ҳаракати автобусҳо;

-амният ва таъмини бароҳатии сафар;

-дастрасӣ ба шамлу нақли коммуналӣ ва тиҷоратӣ ғ.

Бозори хизматрасонии нақлиётии шаҳри Душанберо таҳлил намуда, чунин бартариҳо ва камбудиҳои кори системаи нақлиётӣ муайян карда шуданд:

*Бартариҳои системаи нақлиёти ҷамъиятӣ:*

1. Нақлиёти ҷамъиятӣ аз рӯйи харитаи хатсайрҳои тасдиқшудаи шаҳр амал мекунад.

2. Доштани ғунҷоиши хуби таркиби ҳаракаткунандаи воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ (автобусҳо ва троллейбусҳо), ки ҳаҷми муътадили селаи мусофиронро таъмин мекунад. Дар дохили воситаҳои нақлиёт ҳатто дар соатҳои серодамӣ “пик” беҳад серодам нест, ки ин бароҳатии мусофирбариро зиёд мекунад.

3. Боэътимодии интиқол, солим ба ҷойи зарурӣ расондани мусофирон.

4. Арзиши қобили қабули мусофирбарӣ. Арзиши сафар дар шаҳри Душанбе (барои сафар бо автобус – 1,8 сомонӣ пардохт бо корт, 2,5 сомонӣ пардохти нақдина; троллейбус – 1,5 сомонӣ пардохт бо корт, 2 сомонӣ нақдина; микроавтобусҳо – 2,5 сомонӣ; таксӣ – 3 сомонӣ ба 1 км гашт) нобобаста аз маркази ҷумҳурӣ будан ва талабот ба мусофирбарӣ зиёд будан нисбат ба дигар минтақаҳо арзонтар аст.

5. Имкони пардохти ғайринақдии роҳкиро аз тарафи ҳама сатҳи аҳолӣ (мактаббачагон, донишҷӯён, нафақахӯрон) бо истифода аз корти нақлиётӣ (ғайр аз мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва автомобилҳои сабукрави таксӣ).

6. Амалӣ намудани истифодаи системаи сафари имтиёзнок дар нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе барои мусофирон, аз он ҷумла нафақахӯрон, донишҷӯён, мактаббачагон ва ғайра (ғайр аз мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва автомобилҳои сабукрави таксомоторӣ).

7. Мавҷудият ва истифодаи нақлиёти барқӣ, яъне ба истилоҳ троллейбусҳо дар шаҳри Душанбе, ки аз ҷиҳати экологӣ тоза буда, комилан партовҳои зарароварро ба атмосфера ихроҷ наменамоянд, сатҳи пасти садо, хавфи пасти сӯхтор ва таркиш ҳангоми фалокатро доро мебошанд.

*Камбудиҳои ҷойдошта дар системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе:*

1. Харитаи ягонаи хатсайрҳои шаҳри Душанбе то кунун пурра бо назардошти хатсайрҳои амалкунанда ва нав ба таври зарурӣ тартиб дода нашудааст.

2. Дар хатсайрҳо истифодаи маҷмуавии навъҳои гуногуни воситаҳои нақлиётӣ вуҷуд надорад.

3. Мавқудияти номунтазамии ҳаракати воситаҳои нақлиёти мусофирбар ва дуру дароз интизорӣ кашидани мусофирон дар истгоҳҳо.

4. Аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе риоя нагардидани ҷадвали тасдиқгардидаи ҳаракат ва зуд зуд берун аз истгоҳҳо таваққуф намудани нақлиёт.

5. Миқдори нокифояи воситаҳои нақлиёти мусофирбар дар баъзе аз хатсайрҳо, махсусан дар соатҳои “пик”.

6. Аз сабаби кӯҳна гардидани хатҳои таъмини барқ барои троллейбусҳо эҳтимоли ба миён омадани таъмири онҳо ва ба ҷойи зарурӣ нарасидани мусофирон бо як намуди муайяни нақлиёт вуҷуд дорад.

7. Ҳангоми корҳои таъмирӣ дар минтақаҳои алоҳидаи роҳҳо автомобилгард, ҲРН ва ё таваққуфи ғайриичозатии воситаҳои нақлиёти истифодаи ғайриумум ҳолатҳои паст гардидани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ба миён меояд, ки ин ба зиёд гардидани вақти сафари мусофирон оварда мерасонад.

8. Дар вақти воқеӣ мусофирон дастрасӣ ба маълумот оид ба ҳаракати воситаҳои нақлиёти дар хатсайрҳо ва тағйирот оид ба фаъолияти нақлиёти ҷамъиятиро надоранд, ҳарчанд мақомоти дахлдор бо истифода аз воситаҳои ахборӣ (радио, телевизион, интернет) маълумотро мувофиқи имкон ба самъи мусофирон мерасонанд.

Вобаста ба камбудиҳои овардашуда бояд зикр намуд, ки интизории зиёди воситаҳои нақлиёт аз тарафи мусофирон асосонок нест, зеро «вақт ин пул аст». Дар ҳолати ҷой доштани онҳо эҳтимоли ба ҷойи таъиншуда ба таъхир афтодан ё дер мондани мусофирон зиёд аст.

Арзёбии фаъолияти нақлиёти ҷамъиятии шаҳрҳо ва давлатҳои гуногун гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки асосан он зиёновар буда, неъмати аз ҷиҳати ичтимоӣ хеле зарурӣ ва дар баробари ин аз ҷиҳати иқтисодӣ гаронарзиш ба ҳисоб меравад, зеро сатҳҳои имтиёздори аҳолӣ ҳастанд, ки танҳо як қисми арзиши

чиптаи сафарро пардохт ва қисми дуюм аз ҳисоби буҷаи шаҳр ҷуброн карда мешавад. Дар замони муосир буҷаи аксари шаҳрҳо ин масрафро пурра ҷуброн карда наметавонад ва вобаста ба ин нақлиёти ҷамъиятии мазкур дар аксари шаҳрҳо зиён дида истодааст [116, 192].

Мувофиқи маълумоти МД “Душанбенақлиётхадамотрасон” соли 2023 ба аҳолии шаҳри Душанбе 2111 (732 адад автобус ва 98 адад микроавтобус дар сектори коммуналӣ ва 1281 адад микроавтобус дар сектори хусусӣ) ба хизмат расониданд. Аз таҳлилҳо маълум мешавад, ки гарчанде сол аз сол ҳаҷми мусофирбарӣ дар шаҳр зиёд гардида истодааст, шумораи воситаҳои нақлиёт кам гардидааст. Сабаби асосии ин тамоюл аз тарафи шаҳрдорӣ харидорӣ намудани воситаҳои нақлиёти ҷамъиятии ғунҷоишашон зиёд, яъне автобусҳо ва зиёд намудани хатсайрҳо барои ҳаракати автобусҳо ва манъ намудани ҳаракати микроавтобусҳо мебошад.

Айни замон, афзоиши босуръати шумораи корхонаҳои мустақил дар шакли корхонаҳои хурду миёна, муштарак ва корхонаҳои иҷора ба вуҷуд меоянд, мушоҳида мегарданд (соли 2019-ум 17 адад ва соли 2023-юм 19 адад). Имрӯз тарифи як микроавтобус (2,5 сомонӣ) наздик ва ё баробар ба тарифи нақлиёти ҷамъиятии классикии шаҳр баробар аст. Ҷиҳати ба танзим даровардани кори нақлиёти ҷамъиятии шаҳр шаҳрдорӣ чораҳои мушаххасро тавассути харидории воситаҳои нақлиёти муосир, ғунҷоишашон калон (автобусҳо) ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, зиёд намудани хатсайрҳои автобусҳо ва троллейбусро аз ҳисоби қамтар намудани хатсайри микроавтобусҳо роҳандозӣ намудааст. Аз истифодаи микроавтобусҳо бармеояд, ки бартарии истифодаи суръати баланди ҳаракати онҳо, аз он ҷумла дар соатҳои “пик” имкон медиҳад, мусофирон вақти худро барои сафар сарфа намоянд. Инчунин, шумораи зиёди воҳидҳои нақлиётии микроавтобусҳо дар аксари хатсайрҳо истифода мешаванд.

Сабаби асосӣ ё яке аз сабабҳои асосии ғайрисамаранок татбиқ гардидани бисёре аз барномаҳои мутааллиқ ба фаъолияти нақлиётӣ дар шаҳр ва кӯшишҳои фаъолсозии фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе

дуруст истифода набурдани методология, стратегия ва тактикаи муносибатҳои логистикӣ дар амал мебошад.

Барои беҳтарсозии фаъолияти нақлиётӣ ва қонеъ гардондани талаботи мусофирон ба мусофирбарии ҳаррӯза аз тарафи мо самтҳои асосии баландбардории самаранокии фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе аз лиҳози логистикӣ пешниҳод карда шуданд, аз ҷумла:

1. Таҳқиқи дуруст ва асосноки селаи мусофирон дар хатсайрҳо бо назардошти соатҳои "пик" ва зиёд намудани шумораи воҳидҳои нақлиётие, ки дар хатсайрҳо фаъолият мекунанд. Бо мақсади нигоҳдорӣ ва зиёд намудани селаи мусофирон дар хатсайрҳо харидории воҳидҳои нави воситаҳои нақлиёт ё таъмиру азнавтаҷҳизонии таркиби ҳаракаткунандаи кӯҳна. Барои мисол, ба таври куллӣ навсозии троллейбусҳо бо роҳи "озод намудан аз хатҳои барқӣ" ё насби дастгоҳҳои махсуси барқгирӣ дар истгоҳҳои ниҳоӣ барои онҳо ва харидории бештари электроавтобусҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза, ки замина барои шаҳри "сабз" мубаддал гаштани шаҳри Душанбе мегарданд. Албатта, чунин автобусҳо назар ба автобусҳое, ки пештар дар шаҳр истифода мешуданду мешаванд, гаронтар аст. Барои муқоиса, як автобуси барқӣ ба ҳисоби миёна 2,4-2,6 миллион сомонӣ, автобуси дизелӣ 720-800 ҳазор сомонӣ, микроавтобус 240-250 ҳазор сомонӣ арзиш дорад. Дар баробари ин истифодаи электроавтобус аз нуқтаи назари ташкили ҳаракат нисбатан арзонтар мебошад, зеро ташкили хатти барқ барои троллейбусҳои классикӣ дар ҳудудҳои наве, ки ба шаҳри Душанбе дохил карда шуданд, назар ба харидории электробусҳо гаронтар аст ва ифлосшавии муҳити зист дар шаҳр аз ҳисоби истифодаи автобусҳо ва микроавтобусҳо боис ба паст гардидани иқтидори меҳнатии шаҳрвандони шаҳр мегардад.

2. Такмили харитаи хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятӣ дар асосии гузаронидани тадқиқи селаи мусофирон. Ба ақидаи мо харитаи хатсайрҳои мусофиркашонии автомобилии шаҳрӣ бояд ба талаботи зерин ҷавобгуй бошад:

-мувофиқ будан ба селаи мусофирон дар ҳама самтҳои ҳаракат;

-мувофиқ будан ба системаи ягонаи нақлиётии шаҳр дар фазо ва вақт;

-дар ҳолати тасҳеҳдарорӣ сармояи иловагии зиёдро талаб нанамояд. Ин барои шаҳри Душанбе хеле муҳим мебошад, зеро ҳудуди шаҳр рӯз аз рӯз васеъ ва зарурият ба хатсайрҳои нав бештар мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳангоми таъсиси харитаи хатсайрҳо истифодаи воситаҳои нақлиёти мусофирбарие ба назар гирифта шавад, ки онҳо оқилона истифода бурда шаванд ва истифодаи воситаҳои нақлиётие ба нақша гирифта шаванд, ки масрафи камтар талаб намоянд;

-гашти минималии зиёновар ва максималии истифодабарии воситаҳои нақлиётро вобаста аз меъёри ғунҷоиш таъмин ва бароҳатӣ ба мусофиронро таъмин намояд;

-сари вақт ҷадвали ҳаракат, махсусан барои воситаҳои нақлиёти автобусӣ (электробус) ва троллейбусӣ тартиб ва иҷрои назорат ва танзим он ба роҳ монда шавад.

3. Маълумоти дастрас ба воситаи истифодаи технологияҳои муосири рақмӣ  оид ба ҳаракати таркиби ҳаракаткунандаи мусофирбар дар истгоҳҳо дар вақти воқеӣ таъмин карда шавад.

Чунин мешуморем, ки истифодаи васеи низоми ГЛОНАСС (системаи ҷаҳонии моҳвораи навигатсионӣ) ва GPS (системаи ҷаҳонии ҷойгиршавӣ) барои дастрасӣ ба маълумот оид ба ҳаракати воситаҳои нақлиёти ҷамъиятӣ хеле муфид мебошад. Нақлиёти шаҳри Душанбе, бахусус таксиҳои сабукрав аллакай ба ин низом пайваст шудаанд ва самаранок истифода мебаранд.

Мониторинги дурусти нақлиёт имкон медиҳад, ки хароҷоти нақлиётии корхонаву муассисаҳои нақлиётӣ кам, назорати фаврӣ аз болои воситаҳои нақлиёт амалӣ шавад, ба ҳолатҳои фавқулодда ҳар чӣ зудтар ва дақиқ вокуниш нишон дод ва оқибатҳои манфии онҳоро кам кард.

Истифодаи ин барномаҳо имкон медиҳад, ки аз тарафи масъулин фаъолияти нақлиёти ҷамъиятӣ дар харитаи хатсайрҳо дар вақти воқеӣ тақрибан 80% назорат ва танзим карда шавад.

Хулоса, фаъолияти нақлиёти мусофирбари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе дар давраи таҳлилӣ мусбӣ арзёбӣ шуда, рушди минбаъдаи он низ дар назар мебошад.

Маҷмуан, таҳлили гузаронидашудаи фаъолияти нақлиёти мусофирбар нишон дод, ки дар баробари пешравиҳо дар фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳр, аз он ҷумла дар ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар роҳи рушди инноватсионии фаъолияти нақлиётӣ норасоиҳо ҷой доранд:

-истифодаи воситаҳои нақлиёти микроавтобусии муҳлати хизматашон гузашта ва ба талаботи муосир ҷавобгуй набуда, зиёд шудани миқдори автомобилҳои сабукрави таксомоторӣ ва афзоиш зиёди нақлиёти автомобилии шахсӣ, аз он ҷумла воситаҳои нақлиётии аз ҷиҳати техникӣ ва экологӣ ҷавобгӯй набуда;

-саривақт таъмин нагардидани муассисаҳо бо сӯзишвории баландсифат, истифодаи қисмҳои эҳтиётии арзишашон паст ва бесифат, азнавсозии муассиса;

-афзоиши хароҷоти аҳолӣ барои пардохти роҳкиро аз сабаби бештар истифода бурдани автомобилҳои сабукрави таксомотрӣ ва пурра дар амал татбиқ нагардидани пардохти ғайринақдии хизматрасонии нақлиётӣ, аз он ҷумла дар мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо умуман мавҷуд набудани системаи пардохти электронӣ ба паст гардидани ҷамъоварии даромад ва пардохти андозҳо;

-зиёд шудани хароҷоти буҷаи шаҳр ҷиҳати нигоҳдории ҳамаи нақлиёти мусофирбари шаҳр ва ғ.

Масъалаи дигар ҷамъоварии даромадҳо аз нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ ба шумор меравад, ки хароҷоти муассисаро рӯйпӯш намекунад. Пардохти ҳаққи роҳкиро дар хатсайрҳои автобусӣ ва микроавтобусӣ 2,5 сомонӣ, троллейбусӣ 2,0 сомонӣ ва микроавтобусӣ 2,5 сомониро ташкил медиҳанд, ки азнавбинии онҳо зарур мебошад. Ҷорӣ гардидани низоми ғайринақдии пардохти роҳкиро аз 01.04. 2018 дар нақлиёти ҷамъиятии мусофирбарӣ,

мубрам будани худро нишон дод, вале барои дар амал пурра ҷорӣ гардидани онҳо камбудиҳо ҷой доранд.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳрҳо нишон медиҳад, ки барои интихоби нақлиёти ҷамъиятӣ аз ҷониби мусофирон таъмини қулайии ҷойивазнамоӣ бо он дар муқоиса бо нақлиёти шахсӣ такмилдиҳии сиёсати тарофавӣ, коркард ва татбиқ, чорабиниҳои ташкилӣ, созмон додани хатти ҳаракат ба таври истисно барои нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ, муносибгардонии системаи таваққуф (парковка), коркарди ҷадвали оқилонаи ҳаракати автомобилҳо дар хатсайрҳо дар асоси ҳисоби хусусиятҳои бозори хизматрасонии муассисаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ ва коркарди самтҳои афзалиятноки рушди нақлиёт ва ғайраҳо талаб карда мешавад.

## 2.2. Омилҳои таъсиррасон ба механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо

Таҳлил нишон медиҳад, ки устуворӣ зери таъсири маҷмуи омилҳои муҳити дохила ва берунаи ба устувории амалисозӣ ва рушди инноватсионии хизматрасонии муассисаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ таъсиррасонанда, ташаккул меёбад.

Устуворӣ зери таъсири маҷмуи омилҳои муҳити дохила ва беруна ташаккул меёбад. Таҳти мафҳуми “омил” (аз калимаи лотинии factor – иҷрокунанда, истеҳсолкунанда) сабабҳо, қувваи ҳаракаткунандаи ҳар гуна раванд, ки характери он ё нишонаи алоҳидаи онро муайян менамояд, бояд баррасӣ кард” [92]. Аз тарафи дигар, омилҳо ҳодиса ва тамоюлҳои мушаххасро тавсиф медиҳанд, ки онҳо аз рӯйи соҳаи ахбороти зарурӣ ё қисмати муҳимтарини тадқиқи бозор гурӯҳбандӣ гардидаанд. Раванди интихоби омилҳои устувориро гузаронидан дар асоси ҷудокунии сабабҳое, ки метавонанд онро вайрон намоянд (баландшавӣ ё пастшавӣ), вобаста аз муҳити пайдоиш, хусусият ва самти таъсиррасонӣ, объекти таъсиррасонӣ мақсаднок мебошад.

“Бояд қайд кард, ки омилҳои ба устувории фаъолият ва рушди инноватсионии хизматрасонии МНАМШ таъсиррасонандаро метавон аз рӯйи усулҳо ба иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ (сиёсӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ), аз рӯйи тарз ба омилҳои таъсири мустақим ва ғайримустақим” [56] тақсим кард. Ин омилҳо метавонанд на танҳо барои субъектҳои алоҳидаи нақлиётӣ, инчунин барои тамоми системаи иқтисодиёти миллӣ таъсиррасон, муҳим ва мубрам бошанд.

Аз тарафи дигар, дар давраҳои муайяни таърихӣ таъсири яке тақвият меёбад, аз дигаре суст мегардад. Дар ин маврид қобилияти бухронҳоро паси сар кардан, дар муборизаи рақобатнокӣ ғолиб баромадан, устувории иқтисодиро ҳифз намудани муассисаи нақлиёти автомобилии шаҳрӣ зиёдтар аз таъсири ҷамъи омилҳои дохилӣ, яъне аз ҳолати муҳити дохилии МНА вобаста мебошад.

Ҷамъи омилҳои дохилӣ мақсадҳо, вазифаҳо, сохтор, технология ва кадрҳои МНА дар бар мегирад. Дар кишварҳои дорои иқтисодиёти босубот мутаносибии омилҳои дохилӣ ва беруна ба манфиати охирон гузошта шудааст. Пас, “таҳлили муфлисшавии муассисаҳо дар кишварҳои гуногун нишон медиҳад, ки ба муфлисшавӣ 1/3 омилҳои беруна ва 2/3 омилҳои дохилӣ сабабгор аст. Дар умум ҷудошавӣ ва ихтилоф аз сабаби мақсадҳои муассиса, воситаҳои бадастоварии онҳо, захираҳо, усулҳои ташкили фаъолият ва идоракунӣ барои ноилшавӣ ба мақсадҳо мушоҳида мегардад” [109], ки дар шароити муосир омӯхтани онҳо низ мақсаднок ба шумор меравад.

Омӯзиш ва таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки омилҳои муҳити берунаи корхонаҳо сатҳ ва самтҳои таъсиррасонии гуногун доранд. Ин омилҳоро метавон ба се сатҳ, яъне минтақавӣ, миллӣ ва байналмилалӣ гурӯҳбандӣ намуд. Аз рӯйи самтҳо ин омилҳо босуботкунанда ё бесуботкунанда мешаванд.

Вақтҳои охир таъсири омилҳои беруна, хусусан омилҳои сатҳи байналмилалии самти бесуботкунанда афзоиш ёфтааст. Таъсири омилҳои муҳити беруна ба андозаи назаррас мувозинат ва босуботии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва соҳаҳои алоҳидаро ноустувор, инчунин дар умум ба афзоиши вобастагии иқтисоди миллӣ аз онҳоро ба миён меорад.

Омилҳои муҳити сатҳи миллӣ ва минтақавии муассисаи наклиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ (МНАМШ) ба ду гурӯҳи асосии таъсиррасони мустақим ва ғайримустақим ҷудо мешаванд. Дар ин вобастагӣ таснифи омилҳое, ки ба устувории иқтисодии МНАМШ таъсир мерасонанд, муҳим мешуморем.

Одатан, МНАМШ ҳамчун системаи пӯшидаи истеҳсолӣ дида баромада мешаванд ва амалан таъсири муҳити атроф ба рушди онҳо ба ҳисоб гирифта намешуд. Вобаста ба он муҳити беруна амалан дар муассиса фаъол нест ва ҷустуҷӯйи илмӣ асосан ба самти тадқиқ ва мукаммалгардонии муҳити дохилии МНАМШ равона карда шудааст. Дар шароити иқтисодиёти марказонидашудаи нақшавӣ бо ин ҳолатҳои мазкур розӣ шудан мумкин буд. Аммо дар шароити иқтисоди бозор МНАМШ аллакай ба таъсири муҳити беруна аҳамият надода наметавонанд, зеро имрӯз аҳамият надодан ба муҳити беруна маънои фардо ба муфлисшавӣ гирифтор шудани муассисаро дорад.

Муҳити берунае, ки бевосита устувории фаъолияти МНАМШ-ро муайян менамояд, ба муассиса тавассути омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонад. Амали ҳар як омил метавонад, ки ба таври гуногун ба самаранокии кори он зоҳир гардад. Дар қатори омилҳои беруна ба устувории МНАМШ омилҳои муҳити дохилии муассиса низ таъсир мерасонанд. Схемаи таъсири омилҳои муҳити беруна ва дохилии муассиса ба фаъолият ва рушди устувори инноватсионии хизматрасониҳои МНАМШ дар расми 12 оварда шудааст.

Арзёбии маҷмуи омилҳои муҳити берунаи ба фаъолият ва рушди фаъолияти МНАМШ таъсиррасон нишон доданд, ки ин омилҳо омилҳои объективии муҳити берунаро ташкил медиҳанд. Ба маҷмуи чунин омилҳои объективии муҳити берунаи муассисаҳо таъминкунандагони захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, масолеҳӣ, инчунин мизоҷони хизматрасониҳои муассисаҳои нақлиётӣ, бонкҳо, ширкатҳои суғуртавӣ ва сармоягузорӣ, рақибон тааллуқ доранд.

Дар чунин шароит баррасии нақши қонунгузорӣ ҳамчун омили муҳити берунаи ба рушди МНАМШ таъсиррасонанда муҳим ҳисобида мешавад.

Ҳамаи санадҳои ҳуқуқиро ба санадҳои ҳуқуқии ҷумҳуриявӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ҷудо менамоянд.




**Расми 12 – Омилҳои муҳити беруна ва дохилии ба рушди хизматрасонии МНАМШ таъсиррасонанда**

МНАМШ, ки мусофирбариро бо микроавтобусҳо иҷро менамоянд, бояд бечуну чаро қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи тамоми сатҳҳоро риоя намоянд. Таҳлили санадҳои меъёрию ҳуқуқии сатҳҳои гуногун нишон медиҳад, ки баъзан аз онҳо байни якдигар мухолифат доранд ва ин ихтилофот ҳатто дар санадҳои меъёриву ҳуқуқии сатҳи ҷумҳуриявӣ ба чашм мерасад, ки ба истеҳсолкунандагони хизматрасониҳои нақлиётӣ номуайянии фаъолиятро ба миён меорад.

Фаъолият босамар ва рушди субъектҳои нақлиётии мусофирбар бештар аз таъмин будани онҳо бо захираҳои масолеҳӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ вобастагӣ дорад. Дар ҳар як МНАМШ ҳисоби манбаъҳои истифодашаванда ва

талаботӣ ба таври қатъӣ амалӣ карда мешавад, ки барои истифодаи самараноки онҳо дар раванди амалигардонии фаъолият имкон медиҳад.

Дар таркиби манбаъҳои моддӣ қисматҳои зарурие дохил мешаванд, ки бе онҳо фаъолияти нақлиётиро ба роҳ мондан имконнопазир аст. Дар ин ҷо нақши манбаъҳои меҳнатии МНАМШ-ро ҳамчун истеҳсолкунандаи неъматҳои моддӣ қайд кардан муҳим аст. Омӯзиши манбаъҳои меҳнатӣ чун ҷамъи воситаҳои гуногуни сифат, ки қобилияти меҳнатии шаҳрвандонро муайян мекунад ва бо "қобилият ва шавқи инсон ба меҳнат, саломатӣ, тоқатпазирӣ, устувории системаи асаб, дониш ва тахассусии азбарнамуда, малака ва маҳорати касбӣ, ки дараҷаи тахассуснокиро муайян менамояд, сатҳи сифати дарккунӣ ва фаҳмиш, масъулиятнокии шахс, ҷаҳонбинии иҷтимоии иқтидори меҳнатӣ, шавқу рағбат ба вазифаи ишғолнамуда" зич алоқаманд мебошад зарур аст.

Дар МНАМШ сарчашмаҳо ва захираҳои молиявӣ муҳим арзёбӣ шуда, бонкҳо ва дигар ташкилоти қарзӣ ба фаъолият ва рушди онҳо таъсири калон мерасонанд. Аз сабаби норасоии захираҳои молиявӣ муассаҳои нақлиётӣ маҷбуранд, ки воситаҳои қарзиро ҷалб намоянд ва вобаста ба ин, роҳандозии сиёсати қарзгирии имтиёзноки онҳо хеле муҳим мебошад.

Дар шароити муосир, ки рақамикунонии иқтисодиёт дар ҳама ҷанбаҳо роҳандозӣ ва ташаккул дода шуда истодааст, манбаъҳои ахборотӣ нақши муҳимро мебозанд ва аз сатҳи рақамикунонӣ баланд гардидани самаранокии амалисозии фаъолияти мусассисаҳои нақлиётӣ низ сахт вобаста мебошанд.

Дар баробари рақамикунонии фаъолияти нақлиётӣ самаранокии хизматрасониҳои нақлиётӣ аз шариконе низ вобаста аст, ки ба фаъолият ва рушди устувори муассисаҳои нақлиётӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дарёфт ва ҳамкорӣ бо шарикони нави таҷрибадор ва кордон барои таъмини фаъолият ва рушди устувори муассисаҳои нақлиёти мусофирбар хеле афзалиятнок мебошад.

Омили дигаре, ки ба фаъолияти субъектҳои нақлиёти мусофирбар таъмир мерасонад ин рафтори рақибон дар БХН мебошад, ким онро бояд

ҳамеша омӯхт ва арзёбӣ намуд. Маҳз рақибон бо мусофирбарии рақобатпазир ва бо ташкили шароити муосири меҳнатӣ ба ҳайати кормандон ба рушди муассисаи худ мусоидат менамоянд. Вобаста ба ин, аз тарафи МНАМШ бояд доимо рақобатпазирии мусофирбарӣ баланд бардошта шавад, зеро он дар баробари фаъолият намудан имкони рушдро низ медиҳад.

Омили муҳимме, ки фаъолият ва рушди муассисаҳои нақлиёти мусофирбар аз он ҷумла устувории молиявӣ аз он вобастагӣ дорад, мизоҷон ба ҳисоб меравaнд. Вобаста ба ин, дар раванди ташкили мусофиронбарӣ ба назар гирифтани ин омил аз тарафи муассисаҳои нақлиётӣ хеле муҳим ва аҳаммияти хоса дорад.

Дар умум, муҳити беруна тавассути истеъмолкунандагон ба МНАМШ таъсир расонида, стратегияи онро дар шароитҳои воқеӣ муайян менамояд.

Ошкор намудани нақш ва аҳаммияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ (МИҲМ) барои амалисозӣ ва рушди МНАМШ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҷумҳурӣ мақомоти иҷроияи ҳокимияти ҷумҳуриявӣ (МИҲҶ) ва МИҲМ маҷмуан аз ҳокимияти қонунгузор ва ҳокимияти иҷроия иборат мебошанд. Вазифаи асосии онҳо ба таври марказонидашуда танзим намудани муносибатҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ҷамъият мебошад.

Самти асосии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ин ҳалли масъалаҳои қонунгузорӣ дар самти меҳнат, шуғли аҳолӣ ва сатҳи даромаднокии аҳолии мамлакат, инчунин татбиқи равандҳои меҳнатӣ мебошад. Вобаста ба ин, таъсири ҳокимияти судӣ ба фаъолияти МНАМШ, баҳодиҳии нақши судҳои арбитражӣ, амалигардонии корҳои қонунофар дар соҳаи андозбандӣ, барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва расонидани таъсири он ба фаъолият ва рушди МНАМШ омилҳои таъсири мустақим мебошанд.

Дар шароити муосири муносибатҳои бозорӣ дар баробари гурӯҳи омилҳои объективӣ омилҳои субъективии муҳити беруна низ ба фаъолият ва рушди муассасаҳои нақлиёти мусофирбар таъсири назаррас мерасонанд. Ин гурӯҳи омилҳо ба фаъолият ва рушди МНАМШ таъсири ғайримустақим расонида, ба инкишофи (пастшавӣ) устувории иқтисодии ин субъектҳои

фаъолияти нақлиётӣ мусоидат менамояд. Ба ин омилҳо “ҳолати омилҳои иқтисодӣ, табиӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ғайраҳо” [85] дохил мешаванд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки вазъияти сиёсӣ чун омили берунаи субъективӣ ба фаъолият ва рушди МНА таъсир мерасонад ва рушди муносибатҳо байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ, фаъолият ва рушди соҳибкорӣ, истифодаи моликияти шахсӣ дар самти рушди иқтисодиёти миллӣ аз ин омил сахт вобастагӣ дорад.

Омили дигари муҳимме, ки ба фаъолияти самаранок ва рушди МНАМШ таъсири ғайримустақим мерасонад, вазъи иқтисодии мамлакат мебошад, зеро рушди иқтисоди миллӣ ва рушди МНАМШ бо ҳамдигар алоқамандии ногусастанӣ доранд. Ба рушди МНАМШ таъсири назаррасро марҳилаҳои рушди иқтисодӣ мерасонад. Болоравии иқтисодиёт ба болоравии фаъолнокии субъектҳои фаъолияти нақлиётӣ таъсири мусбӣ расонида, рушди устувори онҳоро таъмин менамояд ва пастшавии он бошад, таъсири манфии худро мерасонад.

Дар шароити нав ба таври назаррас нақши пешрафти илмӣ-техникӣ афзоиш меёбад. Фаъолият ва рушди ягон соҳа ва ё фаъолияти алоҳида дар замони муосир бе назардошти пешрафти илму техника, технологияҳои рақамӣ, ки имкон медиҳанд масрафҳои истеҳсолиро сарфа ва самаранокии истеҳсолотро афзун намуд ғайриимкон мебошад. Дар баробари ин, талабот ба мутахассисони дорои донишҳои замонавӣ ва мутобиқ ба замони муосир баланд гардид.

Яке аз омилҳое, ки ҳам ба омили муҳити дохила ва ҳам ба омили муҳити беруна шомил мебошад ва фаъолият ва рушди МНАМШ бе он ногузир аст, таъминоти иттилоотӣ ё ахбории он мебошад ва баррасии ин омил низ дар алоҳидагӣ ҳамчун як омили асосӣ хеле муҳим мебошад. Албатта, фаъолият ва рушди ягон субъекти хоҷагидорӣ бе таъминоти иттилоотӣ аз муҳити беруна ва дохила дар замони муосири рушди босуръати технологӣ номумкин аст. Илова ба ин, мубрамияти иттилоот бо рушди системаҳои коммуникатсионии муосир ва татбиқи иқтисодиёти рақамӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Дар замони

муосири рушди инноватсионии иқтисодиёт фаъолияти босамар ва рушди устувори ҳар кадом субъекти хоҷагидорӣ аз он ҷумла, МНАМШ аз чигунагии коркарди ахбороти мавҷуда дар муҳити дохила сахт вобастагӣ дорад.

Омили дигари муҳити беруна, ки ба фаъолият ва рушди МНАМШ таъсири ғайримустақим мерасонад ва он низ дар баробари дигар омилҳо дар замони муосир мавқеи калидиро соҳиб аст, омили экологӣ мебошад. Татбиқи мафҳумҳо ва барномаҳои "иқтисоди сабз", "шаҳри сабз" ва дигар мафҳумҳо, ки ба беҳтарсозии муҳити экологии шаҳрҳо равона гардидааст, аз МНАМШ талаб менамоянд, то фаъолият ва рушди ояндаи худро ба ин ҳадафҳо мувофиқ намоянд.

Омӯзиш ва таҳлили омилҳои беруна нишон доданд, ки муассисаҳои нақлиёти мусофирбарро дар замони муосир зарур аст, то мақсадҳо, вазифаҳо, сохтор, технология, ҳайати кадрии худро ба таври зарурӣ ба онҳо муносиб намоянд.

Ҳангоми тадқиқи омилҳо мавқеи хос ба омӯзиши омилҳои дохилӣ, яъне омилҳои муҳити дохилии МНАМШ, ки ба фаъолият ва рушди он таъсир мерасонанд, дода мешавад. Ба ин омилҳо инҳо тааллуқ доранд:

1. Истеҳсолот ҳамчун раванди мураккабе дида баромада мешавад, ки технологияи муосири истифодашаванда дар ҳамлу нақли мусофирон ва бо сатҳи касбии кормандон тавсиф дода мешавад. Дар умум, истеҳсолоти нақлиётӣ омили асосии дохилии муассиса ба шумор рафта, устувории иқтисодии МНАМШ-ро муайян менамояд.

2. Дар таъмини устувории молиявӣ ва иқтисодии МНАМШ нақши муҳимро низоми менеҷменти стратегӣ мебозад, ки он заминаи мусоидро барои баландбардории самаранокии идоракунӣ, татбиқи фаъолият ва рушди бомароми фаъолияти соҳибкорӣ ва пешбинии таъсири манфии муҳити беруна, коркарди чорабиниҳои вобаста ба бартарафсозии таъсироти манфии муҳити беруна вобаста ба мақсадҳои ва вазифаҳои асосии дарозмуддат, тасдиқ намудани самти фаъолият, тақсимоти захираҳои барои расидан ба ин мақсадҳои зарурӣ ба МНАМШ мусоидат менамояд.

3. Маблағҳо имкониятҳои муассисаро дар бар мегирад ва банақшагирии онҳо аз ҷалби сармоягузориҳо, пуррагардонии воситаҳои гардон, истифодаи фоидаҳои бадастомада ва таъмини рушди МНАМШ вобаста аст.

4. Бо мақсади оқилона истифода ва сарф намудани захираҳои истеҳсолӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, восита ва предмети меҳнат, инчунин андозаи МНАМШ сохтори ташкилӣ-идоракунии мувофиқ ва муносиб ба шароити муосир хеле муҳим аст, ки ҳамчун низоми ягонаи идоракунӣ дида мешавад.

5. Ҳайати кормандони МНАМШ ҳамчун омили асосии захираҳои истеҳсолӣ ба назар гирифта мешавад, ки самаранокии фаъолияти муассисаро таъмин менамояд. Аз сатҳи тахассуснокии ҳайати кормандон, касбияти онҳо ва пеш аз ҳама татбиқи сиёсати ҳавасмандгардонӣ, самаранокии фаъолият ва рушди устувори муассиса вобаста мебошад.

6. Рушди инноватсионии субъектҳои нақлиётӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири мусбӣ расонида рақобатнокии онҳоро баланд мебардоранд.

Омилҳои дохилии аз муассиса вобаста ва ба фаъолияти устувори муассисаҳои нақлиётӣ таъсиррасон ба таври схемавӣ дар расми 13 оварда шудаанд. Фарқият дар омилҳои муҳити дохила бевосита аз кори муассисаҳои нақлиёти мусофирбар вобастагӣ дошта, ба фаъолият ва рушди устувори инноватсионии ташкили мусофирбарӣ таъсири назаррас дорад.

Дигар самти муҳим омӯзиши фаъолияти инноватсионии муассисаҳои амалкунандаи нақлиёти мусофирбари шаҳр ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи натиҷаҳои пурсиши роҳбарон ва мутахассисони МНАМШ муқаррар карда шудааст, ки сабаби асосии ба рушди хизматрасонӣ монеъшаванда фаъолияти пасти инноватсионӣ дар муассисаҳо аст.




**Расми 13 – Омилҳои аз фаъолияти муассиса вобаста ва ба рушди хизматрасонии МНАМШ таъсиррасонанда**

Аз ин рӯ, аз ҷониби экспертҳо чунин сабабҳо муайян карда шуданд: набудани механизмҳо доир ба беҳтаргардонии раванди инноватсионӣ (82,5%-

и МНАМШ-и таҳқиқгардида), набудани имкониятҳо (14,0%) барои истифодабарии технологияҳои инноватсионӣ, пурсиши бедалели муассисаҳо доир ба беҳтаргардонии фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии он дар шароити бозор.

Натиҷаи ин таҳқиқот аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки то ба ҳол ба таври назаррас муҳити талаботии инноватсионӣ пурра ташаккул наёфтааст.

Дар ин радиф, аз ҷониби мо шароитҳое қайд карда мешаванд, ки муҳити атрофи берунаро барои хизматрасонии нақлиётӣ ташаккул, инчунин меҳнатталабии бо мушкилот, тағйирпазирӣ, номуайянӣ ва ҳамбастагии омилҳои омӯхташаванда алоқамандро ба шакли муайян баҳо медиҳанд.

Раванди фаъолияти инноватсионии МНА зери таъсири омилҳои муҳити беруна ва арзёбии кори рақибон бояд амалӣ карда шавад.

Дар ҷадвали 2.14 номгӯйи омилҳое, ки ба рушди фаъолияти инновастионии муассисаҳои нақлиёти мусофирбарӣ мусоидат ва ё монеа эҷод менамоянд, оварда шудаанд.

Омили асосии таъминкунандаи самаранокии фаъолияти инноватсионии муассисаҳои нақлиёти мусофирбарӣ ва баландбардории рақобатпазирии онҳо - ҳаҷми манбаъҳои молиявии зарурӣ мебошад.

Ноил гардидани муассисаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ ба фаъолият ва рушди инновастионӣ бе ҷалби сармоягузорӣ масъалаи хеле душвор аст ва аз ин лиҳоз МИҲД ва мақомоти давлатӣ бояд барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ аз ҳисоби сарчашмаҳои гуногуни хориҷӣ чораҳои зарурӣ андешанд, ки ин раванд дар мамлакати мо аз тарафи роҳбарият ва МИҲД шаҳри Душанбе бомаром татбиқ карда шуда истодааст.

**Ҷадвали 2.14-Омилҳои таъсиррасон ба рушди фаъолияти инноватсионии муассисаи нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр**

| №б /т | Гурӯҳи омилҳо | Омилҳои монеаи рушди инноватсионӣ | Омилҳои мусоидаткунандаи рушди инноватсионӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Иқтисодӣ-технологӣ | Маҳдудияти захираҳои молиявӣ барои татбиқи лоиҳаҳои сармоя-гузорӣ; паст будани пояи моддӣ-истеҳсолӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, ис-тифодаи технологияҳои | Мавҷудияти сарчашмаҳои гуногуни устувори сармоягузорӣ, воситаҳои истеҳсолии муосир, технологияҳои пешқадам, аз он ҷум-ла технологияҳои |

| №б /т | Гурӯҳи омилҳо | Омилҳои монеаи рушди инноватсионӣ | Омилҳои мусоидаткунандаи рушди инноватсионӣ |
|---|---|---|---|
| | | ба талаботи замон номатлуб; мавҷуд набудани иқтидорҳои зарурӣ. | рақамӣ; инфра-сохтори лозимаи пешбурди фаъо-лияти хоҷагидорӣ ва фаъолияти илмию таҳқиқотӣ. |
| 2. | Сиёсию ҳуқуқӣ | Бесуботии сиёсӣ дар мамлакат, мавҷудияти маҳдудият аз ҷониби қонунгузорӣ вобаста ба сиёсати зиддиинҳисорӣ, андозӣ ва патентию иҷозатномадиҳӣ, инчунин сертификатсия ва ғайра. | Татбиқи имтиёзҳои меъёрию ҳуқуқӣ, ки ба амалишавии фаъолияти инноватсионӣ ҳавасмандиро ба вуҷуд меорад, инчунин тақвият бахшидани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ. |
| 3. | Ташкилӣ-идоракунӣ | Сохтори ташкилӣ-идоракунӣ бо доштани масъулияти барзиёди марказонидашуда; роҳандозии идоракунии авторитарӣ; таҳлил ва баррасии марказонидаи маълумот ва ахборот; идоракунии бюрократии маҳдуд; меҳнатталабии барзиёди кормандони масъули назоратию танзимкунанда; дуруст роҳандозӣ нашудани фаъолияти банақшагирӣ; номуайянии манфиатҳои иштирокдорони рушди инноватсионии муассиса ва ғ. | Сохтори ташкилию идоракунии ба рушди инноватсионӣ нигаро-нидашуда; тарзи демократии ташкилию идоракунӣ; дастрасии уфуқӣ ба селаи маълумотию ахборотт; фаъолияти банақшагирии дуруст; ғайримарказонӣ, ташкили гурӯҳҳо бо мақсади муайян ва масъалаҳои муайян; ҳавасмандгардонии моддию маънавии кормандон бо мақсади фаъолияти рушди инноватсионӣ. |
| 4. | Иҷтимоию фарҳангӣ ва равонӣ | Қабул надоштани равандҳои ин-новатсионӣ, ки метавонад сабабгори оқибмонӣ аз рушди умумии иқтисоди миллию ҷаҳонӣ ва рушди технологӣ гардад ва мавқеи муассисаро паст гардонад, ба миён омадани зарурати кофтукови фаъолияти нав, азнавамалинамоии усулҳои кухнашудаи фаъолият ва истифодаи рафтори қаблан қолабӣ; тарсу ҳарос аз хавфҳои соҳибкорӣ, тарс аз ҷазо барои нокомӣ ва ғ. | Тақвияти низоми ҳавасманд-гардонии ахлоқии кормандон; додани имкон ба кормандон вобаста ба худтатбиқнамоӣ ва муҳайё намудани муҳити солим барои он; озодии меҳнати эҷодӣ ва фароҳам овардани шароит. Ташаккул додани муҳити му-қаррарии психологӣ-равонӣ дар муассиса. |

*Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф дар асоси адабиёти тахассусӣ ва натиҷаҳои илмӣ тартиб дода шудааст [181, 189, 192].*

Илова ба ин, рақобатнокии субъектҳои нақлиётӣ ҳангоми амалигардонии фаъолияти мусофирбарӣ ба рушди инноватсионӣ мусоидат менамояд, зеро дар ин ҳолат МНА маҷбур аст, ки фаъолияти худро дар самти сарфакунии хароҷоти истеҳсолӣ равона сохта, корҳои вобаста ба гузаронидани таҳқиқоти илмиро ҷоннок ва барои он шароити зарурӣро муҳайё намоянд.

Самтҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ дар НАМШ ба истифода додани намуди нави микроавтобусҳо, харидорӣ, азнавсозӣ ва таҷҳизонидани муассисаҳо бо дастгоҳу таҷҳизоти инноватсионии нигоҳдорӣ ва таъмири воситаҳои нақлиёт, технологияҳои рақамӣ вобаста ба талаботи бозор ва

шароити муосир мебошад. “Таҳқиқ, коркард, пешниҳоди ғояҳо ва натиҷаҳои инноватсионӣ дар самтҳои зикргардида заминаи асосӣ барои паст намудани арзиши аслии мусофирбарӣ тариқи микроавтобусҳо, инчунин беҳтарсозии сифати хизматрасониҳо мегардад” [181]. Дар раванд меъёри экологӣ ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ дода мешавад.

Дар байни омилҳои тавсифдиҳандаи рушди инноватсионии нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ мақоми асосӣ ба иқтидори илмию кадрӣ, ташкили фазои инноватсионӣ дар асоси ҳамгироии МНА соҳа, институтҳои илмию таҳқиқотӣ, макотиби олӣ ва МИҲД дар асоси истифодабарии механизми худтанзимнамоӣ дар бозори хизмати нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ бояд дода шавад [173]. Дар расми 14 омилҳои идораи самараноки фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ пешниҳод гардидаанд.




**Расми 14 -Омилҳои таъсиррасон ба идораи самараноки фаъолияти инноватсионӣ дар МАНМ-и шаҳр**

Бояд қайд намуд, ки ба инобат гирифтани омилҳои овардашуда (расми 14) бо назардошти афкори креативӣ ва сатҳи омодагии касбии кормандони

нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ ба идоракунии самараноки фаъолияти инноватсионӣ мусоидат намуда, дар ин замина самти дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии ҳайати кормандони муассиса бояд аз тарафи роҳбарони муассисаҳои нақлиётӣ бояд дар мадди назар дур намонад.

Хулоса, идоракунии босамари фаъолияти инноватсионии МНАМ-ро як қатор шарту шароитҳои вобаста аз бақайдгирии омилҳои ҳамбастагӣ ва ҳамвобастагии ба татбиқи раванди инноватсионӣ бо мақсади созмон додани амсилаи ягонаи илман асосноки амсилаи идоракунии фаъолияти инноватсионии дар муассисаҳо таъсиррасонанда таъмин мегардонад.

## 2.3. Баҳодиҳии сифати мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе

Фаъолити пурсамари муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва моликият, инчунин мақомоти давлатии назоратию танзимкунанда, пеш аз ҳама аз натиҷаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳо, аз ҷумла мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бармеояд. Ин раванд ҳангоми гузаронидани ҷамъбасти корҳо, инчунин ҳангоми баҳодиҳии сифати хизматрасонии мусофирон дар шаҳрҳо иҷро карда мешавад.

Масъалаи баҳодиҳии сифати мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар солҳои охир вобаста ба рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии соҳаи хизматрасонӣ мубрам аст.

Ҳамчун параметри одитарини сифат метавонад, ки “сатҳи” муайянкунандаи таносуби сатҳи воқеӣ ба меъёр ё эталони заминавӣ хизмат намояд. Ба усули нисбатан универсалӣ ва мукаммали баҳодиҳии сифат ҳамоне тааллуқ дошта метавонад, ки дар асоси он бо ном “функсияи матлуби Харрингтон” истодааст:

$$V=exp\,(-\,exp(-Y)), \qquad (2.1)$$

*ки ин ҷо*

*V – қимати функсияи матлуб;*

*Y – қимати аргумент дар миқёси шартӣ.*

Асоси сохтани функсияи V ғояи табдилдиҳии қиматҳои ҳақиқии баҳодиҳандаи нишондиҳандаҳои сифат дар ҷадвали беандозаи матлуб (афзалӣ) гузошта шудааст. Ҷадвали матлуб ба ҷадвали психофизиологӣ тааллуқ дорад.

Таъйиноти он муқаррар намудани мувофиқати байни қимати нишондиҳандаҳои сифат ва баҳодиҳии сатҳи матлуби ин қимат аст.

Таносуби байни қимати миқёси матлуб ва арзёбии сифат вуҷуд дорад (ҷадвали 2.15). Қимати *V*-и баробари сифр мутлақо ба сатҳи ғайриқобили қабули сифат ва *V*-и баробари як ба беҳтарини он мувофиқат менамояд.

**Ҷадвали 2.15-Мутобиқати қайдҳои стандартӣ дар ҷадвали матлуб бо арзёбии холии сифат**

| Қайдҳои матлуб | Арзёбии сифат |
|---|---|
| 1,0 – 0,8 | Сифати хеле хуб |
| 0,8 – 0,63 | Сифати хуб |
| 0,63 – 0,37 | Сифати қаноатбахш |
| 0,37 – 0,2 | Сифати бад |
| 0,2 – 0 | Сифати хеле бад |

Пас аз аниқ ва асоснок намудани қиматҳои маҳдуд натиҷаҳои боқимонда бо роҳи тартиб додани ҷадвали мувофиқи нишондиҳандаҳо натиҷагирӣ карда мешаванд. Қимтаҳои 0,37 ва 0,63 бо роҳи зерин ба даст оварда шудааст:

$$1\ /\ \varepsilon\ = 0{,}37\ \text{ва}\ 1 - 1\ /\varepsilon\ = 0{,}63.$$

Миқёси арзёбии сифатро зарурати ба панҷ гурӯҳ ё қисмат ҷудо кардан надорад, зеро метавон арзёбии “Сифати бад” ва “Сифати хеле бад” ва арзёбии “Сифати хуб” ва “Сифати хеле хуб”-ро муттаҳид намуд.

Сифатро инчунин бо низоми духола низ арзёбӣ намудан мумкин аст: $V<1/\varepsilon$ – “Сифати бад” ва $V>1/\varepsilon$ – “Сифтаи хуб”.

Ҳудуди поёнии қаноатбахши баҳодиҳӣ бо бузургии V=0 мувофиқат менамояд, аз ин ҷо

$V=exp(-exp(0))=1/\varepsilon$ мешавад.

Ҳамин тариқ, ба сифати номатлуб қимати манфии $Y$, ба сифати қобили қабул бошад, қимати мусбӣ мувофиқат мекунад.

Барои арзёбии сифати мусофирбарии автомобилӣ, аз он ҷумла мусофирбарӣ тариқи микроавтобусҳо усули Харрингтонро истифода мебаранд. Арзёбии сифати нишондиҳандаҳои гуногуни кори НАМ бо усули зерин иҷро карда мешавад:

1. Аз сабаби он ки ҳангоми $Y = -1$ будан $V = 0$ аст, амалан ҳудуди поёнии ҳама гуна нишондиҳандаи арзёбишаванда $Y_{min} = -1$ қабул мешавад.

2. Ҳудуди болоӣ ($Y_{max}$)-ро вобаста аз шартҳои зерин интихоб менамоянд: нишондиҳанда ба таври якхела тағйир меёбад, маҳдудият надорад ё ба таври асимптотӣ 2 ба он наздик мешавад; нишондиҳанда ба ҳудуди худ тариқи асимптотӣ 3 наздик мешавад; нишондиҳанда ба таври асимптотӣ ба ҳадди худ наздик шуда, раванди наздикшавӣ баҳодиҳии дақиқи 4 талаб мекунад.

3. Ҳудуди поёнӣ $y_{min}$ ва ҳудуди болоӣ $y_{max}$-и нишондиҳандаи арзёбишаванда дар воҳидҳои натуралии тағйир ($y$) мувофиқ бо қоидаи зерин аст: $y_{min}$ ба қимати ғайриқобили қабули $y$ баробар буда, $y_{max}$ ба қимати максималӣ ё ҳудудӣ мувофиқ баробар аст.

4. Ҳангоми арзёбии сифати мусофирбарӣ муайянсозии қимати ҳудудии $y$ тавассути тасвири графикии функсияи Харрингтон ё истифодаи ҷадвали 2.16 қулай мебошад.

**Ҷадвали 2.16-Қиматҳои ҳудудии арзёбии сифати нишондиҳандаи таҳлилшаванда**

| Арзёбии сифат | Нишондиҳандаҳои ҳудудӣ |
|---|---|
| Сифати хеле хуб | > ( $y_{min}$ + 2,5 ε) |
| Сифати хуб | ($y_{min}$+1,773 ε)…( $y_{min}$+2,5 ε) |
| Сифати қаноатбахш | ($y_{min}$+ ε)…( $y_{min}$+1,773 ε) |
| Сифати бад | ($y_{min}$ + 0,525ε) … ($y_{min}$+ ε) |
| Сифати хеле бад | < ($y_{min}$+ 0,525 ε) |

Бузургии ёрирасони $\varepsilon$ (қадами тағйирёбии нишондиҳандаи арзёбишаванда)-ро, ки дар ҷадвали 2.16 истифода мешавад, бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$\varepsilon = (y_{max} - y_{min}) / (Y_{max} + 1), \quad (2.2)$$

Барои мисол арзёбии сифати коэффитсиенти гашти пулакии $\beta$-ро дида мебароем. Мувофиқ ба чор қоидаи овардашуда чунин аст:

-ҳудуди болоии нишондиҳандаи арзёбишаванда - $\beta_{max}=1,0;$

-ҳудуди поёнӣ $\beta_{min}=0,45;$

-$y_{min}=1$ *ва* $y_{max}=3$ аст.

Дар асоси маълумоти овардашуда дар расми 15 тариқи графикӣ муайянсозии фосилаҳои ҳудудии сифат сохта шудааст, ки бо ёрии он арзёбии сифати коэффитсиенти гашти пулакӣ гузаронида шудааст.




**Расми 15 – Графики муайянсозии фосилаҳои ҳудудии сифат**

Бо истифода аз графики муайянсозии фосилаҳои ҳудудии сифат (расми 15) қиматҳои ҳудудии зерини арзёбии сифати коэффитсиенти гашти пулакии *$\beta$-ро* муайян месозем (ҷадвали 2.17):

**Ҷадвали 2.17-Қиматҳои ҳудудии арзёбии сифати коэффитсиенти гашти пулакӣ $\beta$**

| Арзёбии сифат | Нишондиҳандаҳои ҳудудии $\beta$ |
|---|---|
| Сифати хеле хуб | > 0,795 |
| Сифати хуб | аз 0,695 то 0,795 |
| Сифати қаноатбахш | аз 0,585 то 0,695 |
| Сифати бад | аз 0,52 то 0,595 |
| Сифати хеле бад | < 0,52. |

Яке аз ҳолатҳои маъмултарин, арзёбии сифати кори микроавтобусҳо аз рӯйи коэффитсиенти пуркунӣ ($\gamma$) ба ҳисоб меравад. Дар ҳолате ки агар $\gamma$ аз ҳад

хурд бошад, ин пурра истифода набурдани микроавтобусҳоро нишон дода, тақсимоти ғайриоқилонаи онҳо дар хатсайрҳоро мефаҳмонад. Дар баробари ин, аз ҳад баланд шудани коэффитсиенти $\gamma$ ба паст гардидани сифати мусофирбарӣ оварда мерасонад. Дар ин ҳолат нишондиҳандаи арзёбишаванда ба ду ҷадвали қиёсӣ тақсим карда мешавад, ки ба самтҳои муқобил нигаронида шудааст. Дар ин маврид дар самтҳои рост ва баръакси ҷадвалҳои қиёсӣ метавонанд миқёсҳои гуногун қабул карда шавад. Ҳудуди фосилаҳо ҳангоми арзёбии сифат ба монанди ҳолати пешина (аз рӯйи график ё бо ёрии ҷадвали 2.16) муайян карда мешаванд.

Бо истифода аз усули Харрингтон арзёбии сифати маҷмӯи нишондиҳандаҳои кори микроавтобусҳо иҷро гардидаанд, ки дар шароити воқеии нишондиҳандаҳо аз ин гурӯҳ нисбат ба якдигар дар ихтилоф метавонанд қарор дошта бошанд ва ин аз гуногунии манфиатҳои иқтисодии мусофирон ва муссисаҳои хизматрасон шаҳодат медиҳад. Дар асоси нишондиҳандаҳои умумии сифат байни мизоҷон ва муассиса созиш имонпазир мебошад.

Арзёбии сифат аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин роҳандозӣ карда мешавад: коэффитсиенти барориши микроавтобусҳо аз МНА ба хатсайр $\alpha$, коэффитсиенти пуркунии микроавтобусҳо $\gamma$, коэффитсиенти истифодаи вақт дар вақти корӣ (дастур) $\tau$, суръати миёнаи ҳаракати микроавтобус $V_c$ *(км/соат)*, басомади ҳаракат *f (авт./соат)*, фосилаи ҳаракати микроавтобусҳо *I (соат)*, коэффитсиенти мунтазамии ҳаракати микроавтобусҳо $K_{мун,}$ нишондиҳандаи самаранокии хизматрасонии микроавтобусҳо $Э_{хизм.}$, коэффитсиенти самаранокии хароҷот $R_x$, *н*ишондиҳандаи умумии сифати кори микроавтобусҳо $S$.

Яке аз нишондиҳандаҳои сифати кори микроавтобусҳое, ки дар хатсайрҳои тасдиқшудаи доимӣ кор мекунанд, иҷрои ҳатмии ҷадвали ҳаракат ба ҳисоб меравад.

Иҷрои ҳатмии ҷадвали ҳаракат арзёбии коэффитсиенти мунтазамии ҳаракатро талаб менамояд, ки барои ҳисоби он инҳирофи миёнаи квадратӣ

истифода мешавад.

Барои натиҷаи зарурӣ ва мақбул ба даст омадан тавсия дода мешавад, ки инҳирофи миёнаи квадратӣ дар якчанд нуқтаҳои хатсайр муайян карда шавад.

$$\sigma_I = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n_н}\left(t_{H_i} - t_{в_i}\right)^2}{n_н}}, \qquad (2.3)$$

*дар ин ҷо*

*$t_{Hi}$ – вақти гузаштани нуқтаи назоратии i аз рӯйи ҷадвали ҳаракат;*

*$t_вi$ – вақти воқеии гузаштан аз нуқтаи назоратии i;*

*$n_н$ – шумораи нуқтаҳои назоратшаванда дар хатсайр.*

Арзёбии сифати мусофирбарии аҳолии шаҳр тавассути микроавтобусҳо бо истифода аз нишондиҳандаи таносуби вақти сарфшуда амалӣ карда мешавад:

$$Э_{хизм} = Т_М/(Т_м + Т_{бм.}), \qquad (2.4)$$

*дар ин ҷо*

*$Т_м$ – сарфи вақти бомаҳсул, соат;*

*$Т_{бм}$ – сарфи вақти бемаҳсул, соат.*

Новобаста аз содагии ҳисобкунӣ нишондиҳандаи сифати мусофирбарӣ миқдори зиёди омилҳоро ба назар мегирад.

Ҳамин тариқ, сарфи вақти бомаҳсулро метавонад, ки тавассути суръати миёнаи ҳаракат $V_c$ ва масофаи миёнаи сафар $l$ ифода намуд:

$$Т_М = l/V_c, \qquad (2.5)$$

Сарфи вақти бемаҳсул вобаста аз масофаи ҳаракати пиёда $l_n$, суръати ҳаракати пиёда ($V_n$), фосилаи ҳаракати микроавтобусҳо ($I$), дарозии миёнаи навбати мусофирон дар истгоҳҳо ($e$), мусофирғунҷоиши микроавтобусҳо ($q$) муайян карда мешавад. Пас,

$$Э_{хизм} = 1/[1 + (2l_n / V_n + I\, e/q)\, V_c/l\,], \qquad (2.6)$$

Боз, як нишондиҳандаи универсалии кори микроавтобусҳо, ки миқдори зиёди омилҳоро инъикос менамояд, коэффитсиенти самаранокии хароҷот ба шумор меравад:

$$R_x = M_\partial / C, \qquad (2.7)$$

*ки ин ҷо*

*$M_\partial$ – меъёри даромаднокӣ, сомонӣ/мус.-км;*

*С – арзиши аслии интиқол.*

Ба сифати нишондиҳандаи умумии инъикоскунандаи манфиатҳои муассисаи хизматрасон ва мусофирон формулаи зеринро истифода мебаранд:

$$Z = R_{x} * Э_{хизм}, \qquad (2.8)$$

Бояд қайд намуд, ки усули пешниҳодгардидаи баҳодиҳии сифати хизматрасониҳои воситаҳои нақлиёти мусофирбар, аз он ҷумла микроавтобусҳо усули нисбатан универсалӣ ва мукаммал буда, муассисаҳои нақлиётӣ метавонанд бо истифода аз маълумоти ҳаррӯзаи дар фаъолияти нақлиётӣ бадастовардаашон бо истифода аз ин усул сифати мусофирбарӣ бо микроавтобусҳоро муайян созанд ва баҳри беҳтарсозии он чорандешӣ намоянд.

Ташкили оқилонаи хизматрасонии аҳолӣ бо микроавтобусҳо ба иттилоот доир ба талабот ба интиқол бо ин намуди нақлиёт замина мегирад. Тарзи асосии ба даст овардани иттилоот - тадқиқот дар маҳалли амалишавии он мебошад. Мақсади таҳқиқот дар хатсайрҳои амалкунанда ба даст овардани иттилоот барои дақиқ намудани шабакаи хатсайр, тартиб додани графикҳои оқилонаи ба хатсайр сар додани таркиби ҳаракаткунанда ва баргаштани он аз хатти сафар, ки хизматрасонии нисбатан баландсифат ва истифодабарии самараноки таркиби ҳаракаткунандаро таъмин менамояд, ба ҳисоб меравад.

Дар рафти таҳқиқот дар 9 хатсайри амалкунандаи шаҳри Душанбе, ки дар онҳо мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо иҷро карда мешавад, аз тарафи мо тадқиқот гузаронида шуд ва дар ин таҳқиқиот пеш аз ҳама муайянсозии селаи мусофирон дар рӯзҳои ҳафта роҳандозӣ карда шуд (ҷадвали 2.18.). Инҳо,

хатсайрҳои 2, 8, 11, 14, 19, 42, 52, 54 ва 56. Хатсайрҳо аз соати $6^{00}$ то $21^{00}$ (ронандагон низ 15 соат бо вақти танаффуси ночиз барои хӯроки нисфирӯзӣ) кор мекунанд.

Динамикаи тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳри Душанбе дар ҷадвали 2.18. (расмҳои 16,17,18,19,20,21,22,23,24,25) ва дар ҷадвали 2.19 дарозии хатсайрҳои болозикр оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.18-Натиҷаи таҳқиқоти селаи мусофирон дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳри Душанбе**

| Хатсайр | Номи хатсайр | Микдори эҳтиёҷотӣ, адад | Ишораи шартӣ | Селаи мусофирон, мус. | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Душанбе | Сешанбе | Чоршанбе | Панҷшанбе | Ҷумъа | Шанбе | Якшанбе |
| 2 | Маҳаллаи Пахтакор – бозори Меҳргон | 30 | I | 4949 | 4850 | 4824 | 4745 | 4507 | 3364 | 2407 |
| | | | II | 4912 | 4813 | 4836 | 4727 | 4462 | 3308 | 2342 |
| 8 | Терминали ғарбӣ – кӯчаи Фучик | 50 | I | 5021 | 5018 | 5016 | 5015 | 4978 | 3576 | 2608 |
| | | | II | 5067 | 5027 | 5024 | 5010 | 4867 | 3567 | 2664 |
| 11 | Кӯчаи Арбобхотун – Истаравшан | 30 | I | 4816 | 4812 | 4865 | 4857 | 4721 | 3564 | 2618 |
| | | | II | 4828 | 4827 | 4834 | 4841 | 4736 | 3552 | 2597 |
| 14 | Чаноро – Пахтакор | 36 | I | 4650 | 4764 | 4825 | 4750 | 4724 | 3244 | 2336 |
| | | | II | 4665 | 4801 | 4829 | 4824 | 4714 | 3261 | 2324 |
| 19 | Терминали Чорбоғ – Пахтакор | 40 | I | 5024 | 5020 | 5004 | 5014 | 4970 | 3380 | 2567 |
| | | | II | 4986 | 4870 | 5018 | 5015 | 4870 | 3660 | 2500 |
| 42 | Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Терминали Ғарбӣ | 45 | I | 5204 | 5234 | 5274 | 5247 | 5228 | 3642 | 2634 |
| | | | II | 5198 | 5262 | 5281 | 5254 | 5198 | 3547 | 2607 |
| 52 | Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Терминали Чорбоғ | 50 | I | 5320 | 5364 | 5387 | 5015 | 5207 | 3697 | 2257 |
| | | | II | 5318 | 5354 | 5365 | 5311 | 5267 | 3725 | 2660 |
| 54 | Маҳаллаи Дарёобод – Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ | 50 | I | 5109 | 5118 | 5144 | 5115 | 5087 | 3572 | 2553 |
| | | | II | 5087 | 5127 | 5157 | 5101 | 5064 | 3563 | 2546 |
| 56 | Ҷанубӣ – Шайнак | 40 | I | 4661 | 4705 | 4724 | 4703 | 4665 | 3264 | 2336 |
| | | | II | 4674 | 4685 | 4718 | 4687 | 4651 | 3242 | 2270 |

*Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаҳои тадқиқи хатсайрҳо ҳисоб карда шудааст. Эзоҳ: I – самти мустақим; II – самти бозгашт.*

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки дар хатсайри №2 маҳаллаи Пахтакор – бозори Меҳргон (ҷадвали 2.18., расми 16), ки дарозии хатсайр 16,8

километрро ташкил медиҳад, селаи мусофирон дар рӯзи душанбе аз ҳама бештар ва дар рӯзи якшанбе аз ҳама камтар мебошад. Илова бар ин, селаи мусофирон ба ҳисоби миёна дар самти мустақим нисбат ба самти муқобил зиёдтар мебошад.




**Расми 16 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайри микроавтобусии №2 Маҳаллаи Пахтакор – бозори Меҳргон**

Таҳқиқоти дар хатсайри №8 Терминали ғарбӣ – кӯчаи Фучик гузаронидашуда (ҷадвали 2.18., расми 17) нишон дод, ки дарозии ин хатсайр 24,4 км буда, дар ин хатсайр селаи мусофирон ба ҳисоби миёна дар самти муқобил нисбат ба самти мустақим зиёдтар мебошад ва инчунин селаи зиёди мусофирон дар рӯзи душанбе ва камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида мегардад.




**Расми 17 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар хатсайри микроавтобусии №8 Терминали Ғарбӣ – кӯчаи Фучик**

Дар хатсайри №11 кӯчаи Арбобхотун – Истаравшан таҳқиқот нишон дод (ҷадвали 2.18, расми 18), ки дарозии хатсайр 11,6 км буда, теъдоди талаботии

микроавтобусҳо 30 ададро ташкил медиҳад ва селаи бештари мусофирон дар рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе, камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида гардида, дар самти мустақим нисбат ба самти муқобил талаботи мусофирон бештар мебошад.




**Расми 18 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар хатсайри микроавтобусии №11 кӯчаи Арбобхотун – Истаравшан**

Таҳқиқоти дар хатсайри №14 Чаноро – Пахтакор гузаронидашуда (ҷадвали 2.18, расми 19) нишон дод, ки дарозии ин хатсайр 17 км буда, теъдоди талаботии микроавтобусҳо 36 ададро ташкил медиҳад. Дар ин хатсайр селаи мусофирон ба ҳисоби миёна дар самти муқобил нисбат ба самти мустақим камтар мебошад ва инчунин селаи зиёди мусофирон дар рӯзҳо чоршанбе ва панҷшанбе ва камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида мегардад.




**Расми 19 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайри микроавтобусии №14 Чаноро – Пахтакор**

Таҳқиқоти дар хатсайри №1, Терминали Чорбоғ – Пахтакор гузаронидашуда (ҷадвали 2.18, расми 20) нишон дод, ки дарозии ин хатсайр

28,4 км буда, дар ин хатсайр селаи мусофирон ба ҳисоби миёна дар самти мустақим нисбат ба самти бозгашт зиёдтар мебошад. Инчунин селаи зиёди мусофирон дар рӯзи душанбе зиёдтар ва дар рӯзи якшанбе камтар мушоҳида гардида, теъдоди талаботии воситаҳои наклиёт 40 ададро ташкил медиҳад.




**Расми 20 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар хатсайри микроавтобусии №19 Терминали Чорбоғ – Пахтакор**

Дар хатсайри №42 - Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Терминали Ғарбӣ таҳқиқот нишон дод (ҷадвали 2.18, расми 21), ки дарозии хатсайр 22,2 км буда, теъдоди талаботии микроавтобусҳо 45 ададро ташкил медиҳад ва селаи бештари мусофирон дар рӯзи чоршанбе ва камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида гардида, дар самти мустақим нисбат ба самти бозгашт талаботи мусофирон бештар мебошад.




**Расми 21 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайри микроавтобусии №42 Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Терминали Ғарбӣ**

Таҳқиқоти дар хатсайри №52 - Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Терминали Чорбоғ гузаронидашуда (ҷадвали 2.18, расми 22) нишон дод, ки дарозии ин хатсайр 26,0 км буда, дар ин хатсайр селаи мусофирон ба ҳисоби миёна дар самти бозгашт нисбат ба самти мустақим зиёдтар мебошад. Инчунин селаи зиёди мусофирон дар рӯзи чоршанбе ва камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида гардида, теъдоди талаботии воситаҳои нақлиёт 50 ададро ташкил медиҳанд.




**Расми 22 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайри микроавтобусии №52 Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Терминали Чорбоғ**

Дар хатсайри №56 - Маҳаллаи Ҷанубӣ – Шайнак таҳқиқот нишон дод (ҷадвали 2.18, расми 23), ки дарозии хатсайр 20,8 км буда, теъдоди талаботии микроавтобусҳо ба 40 адад баробар аст ва селаи бештари мусофирон дар рӯзи чоршанбе ва камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида гардида, дар самти мустақим нисбат ба самти муқобил талаботи мусофирон бештар мебошад.




**Расми 23 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайри микроавтобусии №54 Маҳаллаи Дарёобод – Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ**

Таҳқиқоти дар хатсайри №56 - Терминали дарвозаи Ҷанубӣ – Шайнак гузаронидашуда (ҷадвали 2.18, расми 24) нишон дод, ки дарозии ин хатсайр 13,5 км буда, дар ин хатсайр селаи мусофирон ба ҳисоби миёна дар самти мустақим нисбат ба самти бозгашт зиёдтар мебошад. Инчунин селаи зиёди мусофирон дар рӯзи чоршанбе ва камтарин дар рӯзи якшанбе мушоҳида гардида, теъдоди талаботии воситаҳои наклиёт 40 ададро ташкил медиҳад.




**Расми 24 – Тасвири графикии тағйирёбии селаи мусофирон дар давоми рӯзҳои ҳафта дар хатсайри микроавтобусии №56 -Ҷанубӣ – Шайнак**

Дар маҷмуъ таҳлили таҳқиқоти хатсайрҳо (ҷадвали 2.18, расми 25) нишон медиҳад, ки селаи мусофирон дар самти мустақим нисбат ба самти бозгашт зиёдтар буда, асосан дар хатсайрҳои таҳқиқшуда рӯзҳои душанбе ва чоршанбе селаи мусофирон нисбат ба дигар рӯзҳо зиёдтар мебошад ва селаи аз ҳама ками мусофирон рӯзи якшанбе мушоҳида мегардад.




**Расми 25 – Тамоюли тағйирёбии миёнаи селаи мусофирон дар давоми ҳафта дар хатсайрҳои микроавтобусии шаҳри Душанбе,%**

**Ҷадвали 2.19-Дарозии хатсайрҳо**

| Рақами хатсайр | 2 | 8 | 11 | 14 | 19 | 42 | 52 | 54 | 56 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дарозӣ, км. | 16,8 | 24,4 | 11,6 | 17,0 | 28,4 | 22,2 | 26,0 | 20,8 | 13,5 |

*Сарчашма: МД “Душанбенақлиётхадамотрасон”*

Хатсайрҳо дар соатҳои “байнипикӣ” (байнисеродамӣ) самаранок кор мекунанд, дар соатҳои “пик” (серодамӣ) норасоии таркиби ҳаракаткунанда барои қонеъгардонии талаботи мусофирон мушоҳида мешавад. Дар хатсайр бо вуҷуди афзудани шумораи микроавтобусҳо натиҷаҳои дилхоҳ ба даст намеояд, ки он ба зиёдшавии анбуҳи нақлиёт ва пастшавии интенсивнокии ҳаракат мусоидат менамояд.

Маълумоте, ки аз натиҷаи тадқиқот ба даст омадааст, ба як қатор тарафҳои мусбӣ ва манфии кори микроавтобусҳо ишорат менамояд.

Микроавтобусҳои пайдошуда дарҳол ҷойи холии бозори нақлиётии шаҳрро пур карданд. Онҳо суръати баланди кофии дастраскуниро дар муқоиса бо нақлиёти мусофирбари шаҳр, яъне автобусҳои синфи якум пешниҳод карданд ва зуд мавқеи худро дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилии мусофирбар ишғол намуданд.

Ба тарафҳои мусбии дар боло зикргардида нигоҳ накарда, микроавтобусҳо як қатор сифатҳои манфиро низ доро мебошанд.

Дар раванди ҳаракат ронандагони микроавтобусҳо 65% бештар аз ронандагони автобусҳои синфи якум аз як хатти ҳаракат ба дигараш мегузаранд. Ронандагони микроавтобусҳо ба суръати баланди робитавӣ на аз ҳисоби камшавии шумораи истгоҳҳо, балки аз ҳисоби сифати суръатнокии автомобилҳо комёб мешаванд. Рафтори дағалонаи ронандагони микроавтобусҳо, ки аз сабаби рақобатнокӣ барои гирифтани мусофирон дар роҳ ва кӯшиши ҳар чӣ бештар амалӣ сохтани сафар пайдо мешавад, ба зуд-зуд рух додани ҳолатҳои садамавӣ оварда мерасонад.

Микроавтобусҳо бисёр вақт бо ҳолати техникии ба талабот ҷавобгӯ набуда ба роҳ мебароянд, ки он аз набудани назорати ҷиддии ҳолати техникӣ дар сатҳи талаботи муқарраршуда шаҳодат медиҳад.

Набудани истгоҳҳои таҷҳизонидашуда барои микроавтобусҳо ва мавҷудияти истгоҳҳои ғайринақшавӣ зуд-зуд ба зиёд гардидани ҳолати садамавӣ дар роҳ оварда мерасонад ва ба он таъҷилан тормоз додан пас аз суръатгирӣ ва вайрон кардани қаторнокии ҳаракат сабаб мешавад.

Ташкили равандҳои ғайриқонунӣ ва мусофирбарӣ дар ҳолати рост истодани мусофирон дар микроавтобусҳо аз лиҳози қонунгузорӣ вайронкунии раванди он буда, ба паст шудани бароҳатӣ ва бехатарии сафар оварда мерасонад, ки дар маҷмуъ сифати хизматрасониро коҳиш медиҳад.

Набудани кондуктор дар дохили нақлиёт ба ронанда уҳдадориҳои иловагиро гузошта, иҷрои он диққати ронандаро ба дигар тараф мекашад. Ронандагон ҳамарӯза 10-12 соат бе ягон танаффус барои хӯроки нисфирӯзӣ кор мекунанд, ки бо ҳамин тамоми меъёрҳои мавҷудаи меҳнатро вайрон мекунанд. Ин ба мондашавӣ ва оқибат ба эҳтимоли пайдошавии ҲРН оварда мерасонад, ки оқибати он зиёни молиявӣ мебошад. Он далелеро қайд кардан зарур аст, ки истифодаи миқдори зиёди микроавтобусҳо дар нуқтаи исти онҳо ҳолати бе ин ҳам ғайриқаноатбахши экологиро боз ҳам бадтар мегардонад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ ҲАМЛУ НАҚЛИ МУСОФИРОН БО МИКРОАВТОБУСҲО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

## 3.1. Ташаккули стратегияи рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо

Фаъолияти нақлиёти автомобилии мусофирбар дар замони мусоир бо мушкилоти ҷиддии характери ҳуқуқӣ, ташкилию техникӣ дошта дучор ва ба мушкилотҳои зерин рӯ ба рӯ мегардад: нокифоя будани самаранокӣ ва сатҳи пасти хизматрасониҳои нақлиётӣ ба аҳолӣ; зиёд шудани аҳолӣ ва сермошинӣ дар шабакаҳои роҳҳои автомобилгард, паст гардидани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёти мусофирбар ва болоравии давомнокии вақти сафари мусофирон сабаб мегардад; зиёдшавии ҳолатҳои садамавӣ; зиёд шудани партови газҳои гулхонаӣ, зиёни экологии нақлиёт ба муҳити зисти шаҳр ва ғ.

Дурнамои рушди нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 дар асоси самтҳои рушди иҷтимоию иқтисодии нақлиёт, пеш аз ҳама бояд омили асосии таъминкунандаи устувории иқтисодиёти миллӣ, минтақаҳои алоҳида ва беҳдошти некуаҳволии аҳолӣ тарҳрезӣ мегардад. Илова ба ин, бояд банақшагирии фаъолияти нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе ба намуди системаи ягонае созмон дода шавад, ки шароити мусоидро барои шаҳрвандон ва риояи стандартҳои амалкунандаи сифати хизматрасонии нақлиёти шаҳрӣ кафолат диҳад, дар баробари ин мониторинги даврии ошкорои сифати хизматрасонии мусофирон тавассути нақлиёти мусофирбари шаҳрро таъмин намояд; афзоиши дастрасӣ ва сифати хизматрасонии нақлиёти автомобилии шаҳрӣ ва барқӣ барои аҳолӣ то соли 2030 беш аз 20 фоиз ва дар маҷмуъ иқтисодиёти кишвар тақрибан 10 фоизро таъмин намояд; сифати баланд ва зичии зарурии роҳ ва инфрасохтори роҳу нақлиёт бо назардошти зичии аҳолӣ бояд мувофиқ ба сатҳи ҷаҳонӣ таъмин гардад; то соли 2030 бояд системаи терминалҳои мултимодалӣ ва хатҳои нақлиётӣ созмон дода шуда, сатҳи баланди рушди алоқаҳо ва занҷирҳои технологиро таъмин намояд; нақлиёти мусофирбари истифодаи умум дар шаҳри Душанбе бояд мавқеи калидиро

ишғол намуда, на камтар аз 75-80% ҳаҷми умумии мусофирбариро таъмин намояд; нақлиёти ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе аз лиҳози дастрасӣ ва нишондиҳандаҳои сифати хизматрасонӣ бояд ба истифодаи воситаҳои нақлиёти инфиродӣ алтернативаи воқеӣ гардад. Сиёсати нақлиётӣ, пеш аз ҳама дар шаҳри Душанбе ва минтақаҳои наздишаҳрӣ дар марҳилаи миёнамуҳлат ва дурнамо бояд аз тадбиқи вазифаи рушд бо назардошти эҳтиёҷоти аҳолӣ ба мусофирбарии нақлиёти ҷамъиятӣ ва рушди инфрасохтори он нигаронида шавад.

Рушди нақлиёти автомобилӣ ва нақлиёти барқии шаҳри Душанбе бояд вобаста аз ҳадафҳо ва афзалиятҳое, ки дар супоришҳо, фармонҳо ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дурнамои рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳри Душанбе ва Тоҷикистон, тамоюли рушди иқтисоди ҷаҳон ва арзёбии истифодаи таҷрибаи рушди шаҳрҳои пешрафтаи ҷаҳон амалӣ карда шавад.

Вобаста ба ин, стратегияи рушди инерсионӣ (ғайрифаъол) ва интенсивӣ (шиддатнок ё гузаштан ба сифатан намудҳои нави нақлиёт) шаҳрҳоро ҷудо менамоем.

Стратегияи рушди интенсивӣ аз сенарияҳои *гузаштан ба намуди нави нақлиёт аз ҳисоби воситаҳои худии иштирокчиёни бозор бо тасҳеҳдорорӣ ба тарофаҳо (1)*; *гузаштан ба намуди нави нақлиёт аз ҳисоби воситаҳои худии иштирокчиёни бозор бо ҷуброни ҳатмии фарқияти байни хароҷот ва тарофаҳо аз тарафи МИҲД шаҳри Душанбе (2)* ва сенарияи *гузаштан ба намуди нави нақлиёт аз ҳисоби истифодаи якҷояи воситаҳои иштирокчиёни бозор ва воситаҳо аз дигар сарчашмаҳо (3)* иборат мебошад.

Пешгӯии шароити сенарияҳо ва параметрҳои асосии рушди нақлиёти автомобилӣ барои шаҳри Душанбе дар ду вариант коркард карда шуданд. Ин варианти сенарияи ибтидоӣ (базавӣ) ва сенарияи оптимистӣ (муносиб) аст.

Ин аст, ки ҳадафҳоро вобаста ба рушди мусофирбарӣ тавассути микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ҷудо менамоем:

**Ҳадафҳои экологӣ:**

1. Гузаронидани микроавтобусҳои истифодашаванда ба намудҳои муосири сӯзишворӣ.

2. Гузаштан ба истифодаи микроавтобусҳои ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои экологӣ.

**Ҳадафҳои технологӣ:**

1. Гузаштан ба истифодабарии микроавтобусҳои муосир аз рӯйи дараҷаи овоз, бароҳатӣ ва ғ.

2. Ҷиҳозонидани воситаҳои нақлиёт бо ГЛОНАСС/GPS.

3. Гузаштан ба низоми ғайринақдии пардохти ҳаққи роҳкиро ба воситаи кортҳои пластикӣ.

4. Баландбардории дараҷаи бехатарӣ дар микроавтобусҳо (зиддитеррористӣ, мусофирон, ҳаракат дар роҳ).

**Ҳадафҳои иҷтимоӣ:**

1. Беҳсозии имиҷи шаҳр.

2. Баландбардории қаноатмандии мусофирон вобаста ба сифати хизматрасонӣ.

3. Истифодаи микроавтобусҳое, ки ба интиқоли шаҳрвандони маъюб ва камҳаракат мутобиқанд.

4. Ташаккули механизми самараноки суғуртакунонии бехатарии мусофирон.

5. Баландбардории самаранокии кор бо кадрҳо дар нақлиёт.

**Ҳадафҳои иқтисодӣ:**

1. Индексатсияи тарофаҳо қатъиян мувофиқи қонунгузорӣ.

2. Ташкили шароити мусоид барои рушди рақобат дар бозори мусофирбарӣ.

3. Шаффофияти фаъолияти иқтисодии МНА.

4. Рушди инфрасохтори муосир дар МНА (устохонаҳои таъмирӣ, нуқтаи назорати тиббӣ ва ғ.).

5. Истифодаи танҳо қувваи кории тахассуснок, пеш аз ҳама ронандагон.

Дар асоси арзёбии сенарияҳои гуногун мо пешниҳодотро нисбат ба рушди нақлиёти шаҳр дар Душанбе зарур медонем (ҷадвали 3.1).

**Ҷадвали 3.1-Самтҳои асосии сенарияҳои рушди нақлиёти мусофирбар дар шаҳри Душанбе**

| Параметрҳо | Соли 2025 | Соли 2030 | |
|---|---|---|---|
| | | Инертси-онӣ | Интенсивӣ (нақлиёти устувор) |
| 1. Суръати миёнаи ҳаракати автомобилҳо (км/соат), ("пик"-и саҳарӣ) | 19,00 | 15,00 | 18,00 |
| 2. Суръати миёнаи ҳаракати нақлиёти автомобилии ҷамъиятӣ (км/соат), ("пик"-и саҳарӣ) | 15,50 | 11,70 | 19,20 |
| 3. Вақти умумии дар хатсайрҳо сарфгардида, ҳамарӯза (аз ҷониби ронандагон ва мусофирон), соат | 3400,0 | 680,0 | 400,0 |
| 4. Ҳиссаи аҳолии шаҳр, ки дар масофаи 500 метр аз таваққуфгоҳҳои намуди нақлиёти босуръати ҷамъиятӣ зиндагӣ мекунанд, % | 7,0 | 17,0 | 45,0 |
| 5. Ҳиссаи аҳолии бо велосипед ва электросамокатҳо ҳаракаткунанда аз теъдоди умумии сафарҳои иҷрогардида, % | Камтар аз 0,5 | 1,5 | 6,0 |

*Манбаъ: дар асоси ҳисобҳои муаллиф тартиб дода шудааст.*

Ҳоло рушди нақлиёти ҷамъиятии оммавиро ба намуди шабакаи интегратсия кардашуда дида мебароем (ҷадвали 3.2).

Ҳангоми коркарди сенарияҳои болоӣ, чӣ хеле қайд карда шуд, мавқеи махсус ба рушди нақлиёти автомобилии шаҳрӣ, аз он ҷумла микроавтобусҳо дода мешавад.

**Ҷадвали 3.2-Арзёбии тараққиёти нақлиёти ҷамъиятӣ ба намуди шабакаи интегратсия кардашуда**

| Нишондиҳандаҳо | Нақлиёти релсии сабук | Нақлиёти автомобилии босуръат |
|---|---|---|
| Сатҳи баррасишаванда | Дар рӯйи замин ё зери замин | Дар рӯйи замин |
| Бартариҳо | Ғунҷоиши зиёд ва суръати нисбатан баланд | Инфрасохтори омода |
| Суръат | 30-35 км/соат | 25-30 км/соат |
| Ғунҷоиш | 250 ва зиёда мусофир | 80-140 |
| Масофа | 500-700 метр | 400-600 метр |
| Манбаи нерӯдиҳӣ | Барқ | барқӣ, гази табиӣ, сӯзишвории карбюраторӣ, сӯзишвории дизелӣ |
| Миқдори хатҳои нақлиётӣ | 2 хат | Аз 2 то 8 хат |

*Сарчашма: аз тарафи муаллиф пешниҳод шудааст.*

Аз амалия бармеояд, ки мусофирбарӣ дар кишварҳои рӯ ба рушдоварда воқеияти системаи нақлиётӣ буда, бо истифодаи микроавтобусҳо ба роҳ монда шудааст. Мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, чӣ гунае ки таҷрибаи давлатҳои Амрикои Шимолӣ, Осиё ва Африқо нишон медиҳад, бо сабаби мулоҳизакорӣ ва беназоратӣ дар нақлиёти ҷамъиятӣ ва шаҳришавии аз ҳад зиёд ба миён омадааст. Шуруъ аз солҳои ҳафтодум истифодаи микроавтобусҳо дар Амрикои Шимолӣ, Осиёву Африқо паҳн гардид. Дар мамлакатҳои рушдёфта истифодаи микроавтобусҳо барои мусофирбарӣ асосан барои пурнамоии холигии бамиёномада аз ҳисоби намудҳои нақлиёти шаҳрии анъанавӣ истифода карда мешавад.

Дар замони муосир, такмили стратегияи сиёсати нақлиёти ҷамъиятиро барои шаҳри Душанбе зарур мешуморем. Сиёсати нақлиётӣ вобаста ба идоракунии нақлиёти ҷамъиятӣ аз ду равиш асос мегирад. Якум равиш барои корхонаҳои нақлиёти мусофирбарии хусусӣ ва воситаҳои нақлиёти мусофирбарии шахсӣ, яъне воситаҳои нақлиёти микроавтобус ва равиши дуюм барои ККВД шаҳр, яъне дорандагони автобусҳо ва троллейбусҳои шаҳри Душанбе истифода бурда мешавад.

Ба операторони шахсӣ фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр бо иҷрои амалиёти муайяни вобаста ба танзимдарории мусофирбарӣ маҳдуд мегардад. Аз тарафи мақомоти дахлдори мақомоти маҳаллии шаҳри Душанбе пешакӣ тарофаҳо барои мусофирбарӣ ва хатсайрҳои ҳаракат муайян карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки усули ташкили шабакаи хатсайрҳо дар шаҳри Душанбе камбудиҳои муайянро доро мебошанд.

Баъди муайян намудани хатсайр муассисаи давлатии “Душанбенақлиётхадамотрасон” ҳамчун шахси ваколатори МИҲД шаҳри Душанбе озмуни кушод барои фаъолият дар ин хатсайр дар байни интиқолдиҳандагон эълон, ташкил ва мегузаронад. Дар давлатҳои хориҷа чунин тарзи интихоби интиқолдиҳандагонро “франшиза ба хатсайр” (route franchising) меноманд.

Мақсад аз баргузории озмун барои субъектҳои нақлиётии хизматрасон ба даст овардани ҳуқуқи фаъолият дар хатсайрҳои нақлиёти ҷамъиятӣ ва ҷамъоварии пардохти ҳаққи роҳкиро дар давраи муайян мебошад. Барои мисол, дар Бишкек ин муҳлат аз 3 то 8 сол, дар Махачқалъа то 5 сол ва дар шаҳри Душанбе ба муҳлати то 1 сол муқаррар гардидааст. Критерияҳои асосии интихоби интиқолдиҳанда, яъне ба истилоҳ ғолиби озмун, дида баромадани дархости интиқолдиҳандагони ба озмун таклиф пешниҳодкарда мебошад. Шартҳои озмун аз рӯйи критерияҳои зиёди сифативу ташкилӣ роҳандозӣ карда мешавад, ба монанди соли барориши таркиби ҳаракаткунандаҳои нақлиёти мусофирбар, ҷавобгуй будан ба талаботи экологӣ, вазъи техникӣ ва ҳолати таҷҳизонидашудаи салон, инфрасохтори истеҳсолии интиқолдиҳандагон, ба монанди таваққуфгоҳ ва муассиса, сифати иҷрои шартномаҳои то озмун басташуда ва ғ.

Ҳарчанд критерияҳои болозикри сифат ва интихоби интиқолдиҳандагон хеле зиёд мебошанд, вале дар асл аз тарафи мақомоти дахлдори нақлиётӣ бо истифодаи намуди автобусҳо, яъне микроавтобусҳо сурат мегирад. Ҳатто талаботи минималие, ба монанди ранги ягонаи воситаи нақлиёт, мавҷудияти ҳатмии ҳавополак ва синну соли микроавтобусҳо, ки камтар ҳам бошад, сифати мусофирбариро метавонад болотар бардорад, талаб карда намешавад. Яъне дар амалия ба хулоса омадан мумкин аст, ки мақомоти дахлдори нақлиётии шаҳри Душанбе ҳангоми гузаронидани озмун вобаста ба интихоби интиқолдиҳандагон барои пайдо намудани ҳуқуқи фаъолият дар ин ё он хатсайр худ беихтиёр мусофирбариҳои сифати пастро фармоиш медиҳанд, яъне механизми ҳавасмандгардонии интиқолдиҳандагон ҳангоми идоракунии рақобат дар доираи сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ амал намекунад.

Яке аз масъалаи муҳимми ҳамкории байни мақомоти маҳаллии нақлиётӣ ва интиқолдиҳандагон масъалаи маблағгузории ташкили мусофирбарӣ мебошад. Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҳокимияти иҷроияи мақомоти маҳаллии шаҳри Душанбе, ки имрӯз амал мекунанд, вобаста ба ин масъала омадааст, ки сарчашмаи асосии маблағгузории ин гуна интиқол аз ҳисоби

фурӯши чиптаҳо (роҳкиро) ва даромади бадастомада роҳандозӣ карда мешавад.

Фаъолияти зиёди корхонаҳои нақлиётӣ дар хатсайрҳои микроавтобусӣ, инчунин мавҷудияти хатсайрҳои такрории зиёд дар нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе боиси рақобати шадиди ронандагон дар хатсайрҳо барои мусофирон гардида, дар натиҷа сабабгори таваққуфи зиёди микроавтобусҳо дар истгоҳҳо, бастани микроавтобусҳои рақибон, берун аз истгоҳҳо фаровардан ва савор кардани мусофирон ва ба истилоҳ «мусобиқаи мусофирбарӣ» мегардад.

Дар маҷмуъ сиёсати нақлиётӣ дар самти муофирбарӣ бо микроавтобусҳо амалан ягон уҳдадориҳои МИҲД, аз он ҷумла уҳдадории вобаста ба маблағгузории интиқолро дар назди ширкатҳои нақлиётӣ пешбинӣ намекунад. Аз амалия дида мешавад, ки чунин сиёсат имкони ҷалб намудани интиқолдиҳандагонро барои қонеъгардонии миқдории талабот ба мусофирбарӣ дода, аз ҷиҳати сифат қонеъкунанда нест. Ширкатҳои интиқолдиҳанда тавонистанд ҳаҷми мусофирбариро таъмин намоянд, вале дар самти таъмини сифати мусофирбарӣ натавонистанд шароити мусоидро муҳайё созанд. Нисбат ба корхонаҳои коммуналии воҳиди давлатии шаҳрӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ сиёсати андаке дигарро пеш мегиранд.

Якум тафовут дар он аст, ки МНА-и шаҳрӣ ҳуқуқи бемуҳлатро барои хизматрасонии хатсайрҳои худ доранд, зеро расмиёти озмунӣ дар ин хатсайрҳо гузаронида намешаванд. Ин масъала махсусан дар шаҳрҳое, ки МНАМШ худро доранд, муҳим мебошад. Барои мисол, ҳукумати шаҳри Бишкек ба таври сунъӣ рақобатро дар хатсайрҳо маҳдуд месозад ва мавқеи нақлиёти шаҳриро аз шахсӣ ҳифз менамояд.

Дуюм тафовут дар он мебошад, ки мақомоти шаҳр кӯшиш менамоянд, интиқолдиҳандагони шаҳрӣ, яъне давлатиро аз ҳисоби воситаҳои буҷавӣ дастгирӣ намоянд. Барои мисол, агар дар Бишкек мақомот барои рушди нақлиёти барқӣ (троллейбус) сармоягузорӣ кунанд, дар шаҳри Душанбе

мақомот барои рушди нақлиёти автобусӣ (синфи якум) ва нақлиёти барқӣ ба таври ҳамешагӣ сармоягузорӣ карда истодаанд.

Бо назардошти ҳолати қаблан омӯхташуда (боби 2, параграфи 1)-и ҳолати муосири нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе метавон хулоса намуд, ки навсозии нақлиёти троллейбусӣ начандон метавонад масъалаҳои мавҷударо ҳал намояд. Воситаҳои буҷавии шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ асосан барои нигоҳдории дастгоҳи идоракунӣ сарф карда мешаванд. Барои кумаки молиявӣ (субсидия)-и интиқоли шаҳрӣ маблағҳои ночиз харҷ карда мешавад. Яке аз хусусиятҳои фаъолият ва рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳрҳо маҳдудияти аз ҳад зиёди ҳаҷми буҷаи шаҳр мебошад [156]. Назди масъулини шаҳрҳо вазифаи мушкиле вобаста ба таъмини сифати баландтарини хизматрасониҳои нақлиётӣ бе ҷалби маблағҳои буҷавӣ меистад.

Ҳалли ин масъала бо пайдо шудани камбудиҳои муайян дар сиёсати нақлиётии шаҳр мушоҳида мегардад: мавҷуд набудани банақшагирии маҷмуавии хатсайрҳо; мавҷуд набудани маблағгузории буҷетӣ дар ҳолати мавҷудияти батанзимдарории тарофавӣ; ба инобат гирифтан ё ба таври сунъӣ ҳифз намудани манфиати муассисаҳои нақлиётии давлатӣ; ба таври зарурӣ талаб накардани сифати мусофирбарии муассисаҳои хусусии нақлиётӣ ва истифодаи нокифоя ва ё пурра истифода набурдани механизми харидҳои давлатӣ ва шаҳрӣ новобаста аз шакли моликият ва ба миён овардани идоракунии рақобати корхонаҳо новобаста аз шакли моликият.

Ҳама гуфтаҳои боло заминае мешаванд барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ аз тарафи корхонаҳои хусусӣ бо мақсади аз даст надодани даромад ва сарфаи хароҷот ҷиҳати харидории микроавтобусу автобусҳои нав, ки онро надоранд. Муассисаҳои нақлиётии давлатӣ бошанд, бо истифода аз маблағҳои буҷҷетӣ метавонанд харидории воситаҳои нақлиётии навро роҳандозӣ намоянд ва дар баробари ин, ронандагони ин воситаҳои нақлиётӣ, танҳо бо мақсади зиёдтар ба даст овардани даромад кор карда, риояи ҷадвали ҳаракат ва муомилаи хубро бо мусофирон дуюмдараҷа медонанд ё умуман риоя намекунанд.

Илова бар ин, чунин ташкили интиқол имкони истифодаи шаклҳои дигари пардохти ҳаққи роҳкиро, хатсайрҳо ва ҷадвалҳои муттаҳидшударо аз байн мебарад.

Ҳалли ин масъалаҳо бе такмили сиёсати нақлиётии шаҳри Душанбе ва ислоҳот дар муносибатҳои шартномавии байни МИҲД ва ширкатҳои хусусӣ ғайри имкон намебошад. Ба ақидаи мо, дар сиёсати нақлиётии шаҳри Душанбе ислоҳот дар ду марҳила роҳандозӣ карда шавад.

Дар рафти *марҳилаи якуми* ислоҳот тавсия медиҳем, ки татбиқи чунин чорабиниҳои вобаста ба банақшагирии фаъолияти нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе, аз қабили аз нав банақшагирии шабакаи хатсайрҳо ва тартибдиҳии харитаи хатсайрҳо, банақшагирии ҷадвали ҳаракати микроавтобусҳо, автобусу троллейбусҳо, тарофаҳо, низом ва тартиби пардохти ҳаққи роҳкиро амалӣ карда шавад.

Дар *марҳилаи дуюм* мақомоти масъули шаҳрдориро зарур аст, ки субъектҳои хоҷагидории амалкунанда ва навро барои хизматрасонӣ дар хатсайрҳо дар асоси қоидаҳои нав сафарбар намоянд.

Дар рафти марҳилаи якум бо назардошти хусусиятҳои миллию маҳаллӣ бояд аз ҳисоби маблағҳои буҷаи шаҳри Душанбе “ҳуҷҷати банақшагирии интиқоли мунтазам” коркард ва рӯйи кор оварда шавад. Дар ин ҳуҷҷат бояд харитаи хатсайрҳои муносиб, намуди воситаҳои нақлиёти мусофирбар, ҷадвали асосноккардашудаи ҳаракати таркиби ҳаракаткунандаи мусофирбар, инчунин талабот ба сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ дар хатсайрҳо дарҷ карда шавад. Илова бар ин, ҳуҷҷат бояд фарогири талабот ба воситаҳои нақлиёти микроавтобусӣ буда, дар ибтидоии иҷрои шартнома бояд танҳо микроавтобусҳои нав фаъолият намуда, дар он талабот оид ба салони микроавтобусҳо нишон дода шавад. Ранг ва дигар талаботи ҳатмӣ барои кузови микроавтобусҳо ва барои таъмини талаботи гурӯҳи камҳаракати аҳолӣ ва ғайраҳо бошад.

Масъалаи дигаре ки дар ин барнома ҷойи асосиро ишғол мекунад, ҳамаҷониба ба нақша гирифтани маблағгузории фаъолияти нақлиёти

ҷамъиятӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Бояд хароҷоти солонаи муассисаҳои иҷрокунандаи мусофирбарӣ барои ҳар кадом хатсайр дар давоми сол, аз қабили хариди воситаҳои нақлиёт, музди меҳнати кормандон, хароҷоти истифодабарии микроавтобусҳо ва ғайра муайян ва ба нақша гирифта шавад. Баъдан, ин ҳисобкуниҳо метавонад ҳамчун асос барои муайянсозии нархи шартномаи ибтидоӣ дар байни мақомоти маҳаллӣ ва интиқолдиҳандагон истифода бурда шавад. Дар баробари ин зарур аст, ки хароҷоти солонаи буҷаи шаҳрӣ ҷиҳати таъмини кори тамоми системаи нақлиётӣ, яъне коркард ва чопи чиптаҳои ягонаи электронӣ, нигоҳдории нуқтаҳои истгоҳӣ, мониторинги кори интиқолдиҳандагон, чоп ва насбкунии схемаи хатсайрҳо ва ҷадвали ҳаракати воситаҳои нақлиётӣ ҳисоб карда шавад. Пас аз анҷоми чунин корҳо бо назардошти пешгӯии талабот ба хизматрасониҳои нақлиёти ҷамъиятӣ зарурати пешгӯии даромадҳо аз фурӯши чиптаҳо пеш меояд, ки бояд ҳатман роҳандозӣ ва дар ин ҳуҷҷат дарҷ карда шавад.

Амалӣ шудани марҳилаи мазкур бояд барои муайян намудани тарофаҳои мусофирбарӣ барои ҳар кадом хатсайр ва принсипи асосӣ ҳангоми банақшагирии хатсайрҳо ва тарофаҳо дар онҳо, ҷадвали ҳаракати воситаҳои нақлиёт, ҳамзамон талаботи корхонаҳои мусофирбар, пеш аз ҳама таъмини даромаднокии мақсаднок дар шабакаи хатсайрҳо дар назар дошта шавад. Чӣ хеле дар боло қайд карда шуд, ҳаҷми буҷети шаҳри Душанбе маҳдуд мебошад, аз ин лиҳоз оқилона мебуд, агар ҳангоми банақшагирӣ ҳаҷми даромадҳо аз фурӯши чиптаҳо нисбат ба ҷамъи хароҷот барои мусофирбарӣ дар давоми сол бештар мебуд. Ин барои татбиқи самти такмили мусофирбарӣ дар шаҳрҳо ниҳоят муҳим мебошад. Дар баробари ин, бояд ба назар гирифт, ки даромаднокии мақсаднок ҳамчун омили маҳдудкунандаи сифати имконпазири хизматрасониҳои нақлиётӣ мегардад, зеро баландбардории сифат худ хароҷот аст ва ҳарчӣ мо мехоҳем сифат боло равад, хароҷот низ боло рафта, даромаднокӣ кам мегардад.

Ба даст овардани даромаднокии мақсаднок ва дар баробари ин баланд намудани сифати мусофирбарӣ коре аст мушкил, вале онро метавон бо роҳи

кам кардани хароҷот дар асоси муносибгардонии хатсайрҳои шабеҳ дар фосилаи байни соатҳои “пик” ва ё баланд бардоштани сатҳи тарофаҳо сурат мегирад.

Дар асоси натиҷагирӣ аз марҳилаи якум нақшаи умумии фаъолияти нақлиёти микроавтобусӣ дар шаҳр бо назардошти асосноксозӣ ва тасдиқи нишондиҳандаҳои сифатӣ ва молиявӣ амалӣ мегардад.

Ҳангоми *марҳилаи дуюм* чорабиниҳои ба нақша гирифташуда дар асоси татбиқ ва амсилаи нави ҳамкории мақомоти дахлдори нақлиётии шаҳр ва интиқолдиҳандагон сурат мегирад. Инчунин, амсилаи нави ҳамкорӣ мунтазам гузаронидани музоядаҳо ва бастани шартномаҳо барои хизматрасонии хатсайрҳои муайян дар муҳлати 5-8 сол таҳия мегардад. Истифодаи шакли музоядавии интихоби интиқолдиҳандагон ва бастани шартномаҳои дутарафа ба таври принсипиалӣ муҳим мебошад.

Фарқияти шакли музоядавии интихоби интиқолдиҳанда дар хатсайри муайян аз шакли озмуни кушодаи амалкунанда пеш аз ҳама дар он мебошад, ки интихоби ғолиби музояда на вобаста аз критерияҳои беҳтарини сифатӣ, балки аз нуқтаи назари пешниҳоди тарофаи мусофирбарии минималӣ интихоб карда шуда, дар баробари ин уҳдадориҳои мақомоти маҳаллӣ нисбат ба маблағгузории интиқол нишон дода мешавад. Ин шакли интихоби интиқолдиҳандагон имкон медиҳад, ки дар ҳуҷҷатгузориҳои музоидавӣ ба таври муфассал талаботи ҳатмӣ ба иштирокчии музояда нишон дода шавад.

Барои ғолибони музояда минбаъд дар ҳолати иҷрои шартнома маблағгузорӣ аз тарафи буҷаи шаҳри Душанбе мунтазам роҳандозӣ карда шуда, маблағи аз ҳисоби фурӯши чиптаҳо воридшаванда, ки ба таври чиптаҳои электронии ягона роҳандозӣ карда мешавад, ба буҷаи шаҳри Душанбе ворид мешавад. Чунин амсилаи молиявии иштироккунандагони фаъолияти нақлиётӣ дар нақлиёти ҷамъиятии шаҳр аз ширкатҳои интиқолдиҳанда маблағгузориро бартараф месозад. Дар баробари ин, муҳлати амали шартномаҳо ба ақидаи мо, бояд вобаста аз муҳлати хизмати воситаҳои нақлиёти мусофирбар, яъне микроавтобусҳо муқаррар карда шавад. Барои микроавтобусҳо он ба 5-6 сол

баробар аст ва барои автобусҳои стандартӣ, яъне синфи 1 ба 8-10 сол баробар аст.

Чунин имкон дар “Қоидаҳои нақлиёти автомобилӣ оид ба такшил ва амалӣ намудани ҳамлу нақли мусофирон ва боғоҷ бо нақлиёти автомобилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” [7] инъикос карда шудааст.

Чунин тарзи ташкили хизматрассониҳо имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама муносибати тезу тунди байни ронандагон барои ҷалби мусофирон бартараф карда шуда, ҳаракати онҳо ба як низоми муайяни вақт, коҳиш додани танбашавии воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо аз ҳисоби кам гардидан ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон, татбиқи модели шарикӣ ҳавасмандиро барои муассисаҳои интиқолдиҳанда риояи ҷадвали ҳаракати воситаҳои нақлиёт, саривақт ва босифат хизматрасонии воситаи нақлиёт мегардад. Аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ин раванд ба таври ҳамешагӣ назорат карда мешавад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ бо ба зимма гирифтани хавфи молиявӣ маблағҳои бадастомадаро аз ҳисоби фурӯши чиптаҳои ягонаи электронӣ ба буҷаи шаҳр ворид мегардонад. Дар ин ҳолат, ҳаҷми умумии даромадҳо аз фурӯши чиптаҳои электронӣ аз ҳамаи хатсайрҳо бояд барои пардохти арзиши шартномаҳои басташуда бо ширкатҳои мусофирбарӣ кифоягӣ кунанд. Дар ҳолати баръакс, зарурати аз буҷаи шаҳрӣ гирифтани воситаҳои иловагӣ пеш меояд. Зарур мебошад, ки назорати пардохти ҳаққи роҳкиро ба воситаи чиптаҳои электронӣ аз тарафи мақомоти дахлдор амалӣ карда шавад.

Ташкили хизматрасонии хатсайрҳои автобусӣ дар асоси музояда хеле муҳим буда, ба корхонаҳои хусусӣ ва давлатӣ (шаҳрӣ) шартҳои якхела пешниҳод карда шавад. Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи имтиёзии ККВД оид ба хизматрасонии хатсайрҳои алоҳида бояд бекор карда шуда, аз онҳо талаб карда шавад, ки дар музояда барои хизматрасонии якчанд хатсайрҳо иштирок намоянд.

Дар баробари ин, дар шартномаҳои басташаванда бояд дар байни мақомоти маҳаллӣ ва ККВД мусофирбар бо мақсади ҷудо намудани салоҳият ва ухдадориҳои байниякдигарӣ ба таври муфассал ухдадориҳои дутарафа,

барои мақомоти шаҳрӣ маблағгузории шартнома ва барои ККВД иҷрои фармоиш ва хариди воситаҳои нақлиёт ҳаматарафа нишон дода шавад.

Ин амсилаи ташкил ва идоракунии интиқоли автобусӣ дар амалияи давлатҳои хориҷа *«шартнома барои хатсайр»* (gross cost route-based contract) номида мешавад.

Истифодаи бомуваффақияти амсилаи пешниҳодгардидаи татбиқи шартномаҳо дар хатсайрҳои нақлиёти автомобилиро дар мисоли шаҳри Москваи Федератсияи Россия, ки дар соли 2015-2016 аввалин маротиба дар мусофирбарӣ тариқи микроавтобусҳо татбиқ карда шуда буд, мушоҳида намудан мумкин аст. Ислоҳоти гузаронидашуда дар ин шаҳр нишон дод, ки ҳолати техникии автобусу микроавтобусҳо беҳтар гардида, сифати мусофирбарӣ аз тарафи ронандагон бо истифодаи чиптаи ягонаи электронии шаҳрӣ дар тамоми хатсайрҳо татбиқ карда шуд.

Татбиқи самтҳои пешниҳодгардидаи такмили ташкили идоракунии мусофирбарӣ бояд бо кӯшиши муайян аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллии шаҳри Душанбе вобаста ба ҳавасмандгардонии интиқолдиҳандагони фаъолияткунанда ва нав барои ширкат дар музояда ҳамгиро бошад.

Яке аз масъалаи дигари ҳалталаб ҷалби ширкатҳои нави нақлиётӣ барои иштирок дар музояда ва фаъолияти минбаъдаи онҳо дар ин самт мебошад, зеро барои иштирок ва фаъолияти онҳо монеаҳои вобаста ба ҷалби сармоягузорӣ мавҷуд аст, ки онро метавон тавассути "ҷорӣ намудани барномаҳои давлатии қарзи имтиёзнок ё иҷораи воситаҳои нақлиёти микроавтобусӣ барои иҷрои шартномаҳои маҳаллии нақлиётӣ ҳал кард" [181].

Татбиқ намудани самтҳои такмили ташкили идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо бояд пайгирона, бе такондиҳӣ ва бамиёноварии норозигиҳои интиқолдиҳандагон нисбати мақомоти ҳукмрон татбиқ карда шавад. Барои татбиқи стратегияи пешниҳодгардидаи такмили ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, арзёбии самаранокии он ва баҳодиҳии натиҷаи бадастомада метавон фаъолиятро дар хатсайрҳои алоҳидаи озмоишӣ

(пилотӣ) оғоз намуд. Татбиқи ин чорабинӣ ба мақомоти дахлдори нақлиёти шаҳр шароит фароҳам меорад, ки самараи мусбӣ ва ё манфии такмили ташкил ва идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо таҳлил ва арзёбӣ карда шуда, дар ҳолати пеш омадани зарурат чораҳои ислоҳӣ пешбинӣ шавад. Инчунин, пурра гузаштан ба амсилаи нави ҳамкории фармоишгар ва ширкатҳои интиқолдиҳанда дар асоси амалӣ намудани шартномаҳои басташуда зарур мебошад.

Аз тарафи дигар, микроавтобусҳо намуди асосии нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе ба ҳисоб рафта, системаи нақлиётии шаҳрро ташаккул ва рушд менамоянд. Маҳз микроавтобусҳо ҳастанд, ки таъминкунандаи асосии хизматрасониҳои нақлиёти ҷамъиятӣ буда, талаботи рӯзафзуни аҳолӣ ба мусофирбариро қонеъ мегардонанд. Дар баробари бартариҳо ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо камбудиҳои миқдорӣ хос мебошанд. Аз он ҷумла, бояд қайд намуд, ки ҳарчанд ширкатҳои хусусии нақлиётӣ бо истифода аз микроавтобусҳо талаботи рӯзафзуни аҳолиро дар шаҳри Душанбе аз ҷиҳати миқдорӣ қонеъ намуда истодаанд, вале аз лиҳози сифатӣ хизматрасонии онҳо ба талаботи муосири мусофирбарӣ на он қадар ҷавобгӯй мебошад.

Яке аз сабабҳои асосии чунин ҳолат сиёсати нақлиётии мақомоти шаҳрӣ дар самти ташкил ва идоракунии нақлиёти ҷамъиятии шаҳр ба ҳисоб меравад. Мақомоти шаҳрдорӣ пеш аз ҳама кумаки худро барои фаъолияти ККВД расонида, фаъолияти ширкатҳои хусусиро, ки бо истифода аз микроавтобусҳо фаъолияти нақлиётиро роҳандозӣ менамоянд нодида мегиранд ва онро чун манбаи асосии рушди нақлиёти ҷамъиятии шаҳри Душанбе намебинанд. Айни замон, ки микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе барои мусофирбарӣ васеъ истифода бурда мешаванд ва мавқеи калидиро ишғол менамоянд, мақомоти дахлдор бояд барои баланд бардоштани сифати мусофирбарӣ аз тарафи ширкатҳои хусусии нақлиётӣ чораҳои мушаххас андешанд ва барои такмили идоракунии мусофирбариашон таваҷҷуҳи зарурӣ намоянд.

Дар амалия татбиқ намудани ин пешниҳодот дар асоси банақшагирии касбии фаъолияти нақлиётӣ дар шаҳр ва такмили низоми ҳамкории байни

мақомоти шаҳрдорӣ ва ширкатҳои хусусии нақлиётӣ дар асоси шартнома амалӣ кардан бамаврид мебошад.

## 3.2. Амсилаи иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба хизматрасонии микроавтобусҳо ва пешгӯии онҳо

Дар шароити муосир ва рақамикунонӣ мавқеъ ва нақши нақлиёти шаҳрӣ бо назардошти таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои нақлиётӣ, фаъолият ва рушди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо истифода аз воситаҳои нақлиётии гуногун дар хатсайрҳои тарҳрезигардида, инчунин ба воситаи нақлиёти автомобилии сабукрави таксомоторӣ дар шаҳри Душанбе тақвият меёбад. Таҳлилҳои гузаронидашуда дар боби дуюми кори таҳқиқотии мазкур нишон доданд, ки ҳиссаи зиёдро дар ташкили идоракунии мусофирбарии мамлакат, аз он ҷумла шаҳри Душанбе НАМ ишғол менамояд. Ташкили идоракунии ҲНАШ аз ҷониби ККВД ва нақлиёти автомобилии хусусӣ аз рӯйи тарофаҳои аз ҷониби МИҲМ муқарраргардида амалӣ карда мешавад.

Дар шаҳри Душанбе фаъолияти мусофирбарӣ мувофиқи фармоиш ва дастури МИҲД тавассути шабакаи мувофиқа гардонидашудаи хатсайрҳо, ки дар асоси омӯзиши селаи мусофирон муайян карда шудааст, роҳандозӣ мешавад. Омӯзиш ва таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт нишон доданд, ки аз ҷиҳати сохтори ташкили идоракунии интиқоли автомобилии мусофирон, ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ дар шаҳрҳо нишон дод, ки дар мамлакат мавқеи намоёнро шаҳри Душанбе ишғол менамояд. Чӣ хеле аз таҳлили гузаронида маълум гардид, ҳаҷми МАШ соли 2023 дар шаҳри Душанбе 356,2 млн. мусофирро ташкил дод, ки он ба 94,1% аз ҳаҷми умумии мусофирбарӣ баробар аст.

Шабакаи хатсайрҳои мусофирбарии фаъолияткунанда ва рушдёбандаи шаҳр дар асоси татбиқ ва риояи ҳатмии нишондиҳандаҳои муайяни ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирбарӣ ва ҳаракат дар роҳ бо таъмини амният, мувофиқатии инфрасохтори роҳу нақлиётии он, аз ҷумла инфрасохтори

энергетикии шаҳр пешниҳод карда мешавад. Ташкил ва идораи мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе бо назардошти хатсайрҳои қаблан таҳия ва муайянгардида, инчунин ҷадвалҳои тасдиқгардидаи ҳаракати воситаҳои нақлиёт (ҳарчанд иҷроишаш ғайриқаноатбахш мебошад) барои рӯзҳои ҳафта татбиқ карда мешавад.

Таҳлили ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки дастур ва фармоишоти МИҲД бе назардошти пурраи талаботи аҳолӣ ба мусофирбарӣ ва бе истифода аз натиҷаҳои омӯзиши селаи мусофирон роҳандозӣ карда мешавад, зеро таҳқиқоти зарурии селаи мусофирон дар хатсайрҳои амалкунанда дар солҳои тӯлонӣ ба таври зарурӣ гузаронида нашудааст. Ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон дар шаҳри Душанбе дар асоси маълумот доир ба миқдори воситаҳои нақлиётии мусофирбар, тарофаҳои пешаки муайянгардида ва шакли пардохти онҳо роҳандозӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, қайд кардан бамаврид мебошад, ки дар низоми фаъолияткунандаи ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо аз сабаби асоснок набудан ва ё умуман муайян набудани нишондиҳандаҳои фаъолият, аоснокии тарофаҳои амалкунанда, инчунин номуайян будани меъёрҳои хароҷоти истифодабарии воситаҳои нақлиётӣ ва арзиши аслии ҳамлу нақл, пурра иҷро нагардидани баъзан аз фармоишҳои мақомоти дахлдор, ки яке аз онҳо пурра дар амал иҷро нагардидани пардохти ғайринақдии ҳаққи роҳкиро як зумра камбудиҳо мавҷуданд.

Барои ҳалли масъалаҳои болозикр ва дигар мушкилоте, ки дар дигар бобҳо ва зербобҳо ошкор карда шуданд, аз мақомоти дахлдори нақлиёти шаҳри Душанбе такмили низоми ташкили идоракунии мусофирбариро дар шаҳр тақозо мекунанд. Вобаста ба ин, омӯзиш ва ошкор кардани омилҳоеро, ки барои ташаккулёбии талаботи аҳолии шаҳр ба мусофирбарӣ асос шуда метавонанд, муҳим меҳисобем ва ин омилҳо ба таври схемавӣ дар расми 26 оварда шудаанд.




**Расми 26 – Омилҳои ташаккулёбии талаботи аҳолии шаҳр ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо**

Таҳлилҳо ва арзёбии ҳолати кунунии фаъолияти нақлиёти мусофирбари шаҳр нишон дод, ки дар коркарди тавсияҳо доир ба беҳтар гардонидани ташкили идоракунии интиқоли нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр бо микроавтобусҳо интихоби омилҳои ба онҳо таъсиррасонанда марҳилаи муҳим мебошад.

Барои муайянсозии омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти нақлиёти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо усулҳои гуногун, аз он ҷумла усули ташхисӣ, яъне муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба талаботи мусофирон ба ҳамлу нақли микроавтобусӣ бо ҷалби коршиносон истифода бурда мешавад. Сатҳи мувофиқатии хулосаи ҳар кадом коршинос ва ё мумайиз дар асоси арзёбии коэффитсиенти конкордатсия (W)-и Кендал муҳим мебошад.

Аз тарафи мо ба сифати коршиносон мутахассисони ККВД нақлиётӣ ва ширкатҳои хусусӣ, МД “Нақлиёти автомобилӣ ва хизматрасонии логистикӣ”, инчунин коршиносон ва олимони макотиби олии мамлакат ҷалб гардиданд. Аз натиҷаи пурсиши коршиносон арзёбии омории қимати W-и Кендал “бо ёрии

$\chi^2$ Пирсон, ки $\chi^2$ – ба тақсимот бо адади озоди (m-1) итоат менамояд” гузаронида шуд.

Мувофиқи натиҷаҳои ҳисоб мо чунин натиҷаҳоро ба даст овардем:

$$W= 0{,}564;\ \chi^2_{расч.}=167{,}82;\ \ \chi^2_{табл}\ (\alpha =0{,}07,\ k=m-1=25) = 34{,}50;$$

$$\chi^2_{расч} =167{,}82> \chi^2_{табл.}= 34{,}50.$$

Аз натиҷаҳои бадастомада бармеояд, ки миёни мумайизон ҳангоми интихоби омилҳо мувофиқат дида мешавад.

Ҳангоми амсиласозии иқтисодию риёзии муайян намудани талабот ба мусофирбарии автомобилӣ дар шаҳри Душанбе бо микроавтобусҳо гузаронида мешавад, ки дар асоси интихоби гузаронидашуда омилҳои муҳимтарини ба ҳаҷми хизматҳои расонидашаванда (У - ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, млн. мус.) таъсиркунандаро мо ҷудо намудем: $X_1$ – шумораи умумии аҳолӣ дар ш. Душанбе, млн.нафар; $X_2$ – таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар ш. Душанбе, бо ҳисоби ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ; $X_3$ – даромади миёнаи аҳолии ш. Душанбе, сомонӣ; $X_4$ – аъзои миёнаи оила дар ш. Душанбе, нафар; $X_5$ – маҷмуи маҳсулоти миллӣ ба ҳар сари аҳолии ш. Душанбе, сомонӣ; $X_6$ – ҳаҷми гардиши моли чакана дар ш. Душанбе, млн. сомонӣ; $X_7$ – хароҷоти хонаводагӣ барои пардохти ҳаққи мусофирбарӣ (ба 1 нафар аъзои оила дар давоми моҳ), сомонӣ; $X_8$ – хароҷоти воқеии буҷети ш. Душанбе барои нақлиёт млн. сомонӣ.

Дар ҷадвали 3.3 параметрҳои ибтидоӣ барои гузаронидани таҳлили кореллятсиониву регрессионии ташаккули талабот ба мусофирбарии шаҳри Душанбе бо микроавтобусҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.3-Тамоюли тағйирёбии нишондиҳандаи омилҳои ба ҳаҷми умумии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо расонидашаванда таъсиррасон дар давоми солҳои 2010-2023 дар шаҳри Душанбе**

| Солҳо | Ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе , млн. мус. (У) | Шумораи умумии аҳолӣ дар ш.Душанбе, млн. одам, ($X_1$) | Таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар ш.Душанбе, бо ҳисоби ба ҳар 1000 нафар аҳолӣ ($X_2$) | Даромади миёнаи аҳолии ш.Душанбе, сомонӣ ($X_3$) | Аъзои миёнаи оила дар ш.Душанбе, нафар ($X_4$) | Маҷмуи маҳсулоти миллӣ ба ҳар сари аҳолии ш. Душанбе, сомонӣ ($X_5$) | Ҳаҷми гардиши моли чакана дар ш.Душанбе, млн. сомонӣ ($X_6$) | Хароҷоти хонаводагӣ барои пардохти ҳаққи ҳамлу нақли мусофирбарӣ (ба 1 нафар аъзои оила дар давоми моҳ), сомонӣ ($X_7$) | Хароҷоти воқеии буҷети ш.Душанбе барои нақлиёт млн. сомонӣ ($X_8$) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 153,0 | 0,7311 | 53,0 | 255,21 | 4,9 | 7214,5 | 1005,0 | 8,35 | 8,95 |
| 2011 | 150,1 | 0,748 | 54,0 | 272,03 | 4,9 | 8516,4 | 1153,6 | 8,52 | 11,17 |
| 2012 | 152,5 | 0,7643 | 60,0 | 278,48 | 4,9 | 9790,6 | 1589,4 | 11,60 | 12,84 |
| 2013 | 149,5 | 0,7758 | 60,0 | 309,25 | 4,9 | 11451,0 | 2204,4 | 11,80 | 12,04 |
| 2014 | 150,6 | 0,7886 | 66,0 | 361,75 | 5,0 | 12009,1 | 2628,3 | 12,0 | 11,70 |
| 2015 | 160,4 | 0,8027 | 67,0 | 372,6 | 5,0 | 13138,7 | 2950,5 | 11,52 | 13,80 |
| 2016 | 161,6 | 0,8162 | 73,0 | 380,7 | 5,1 | 13166,4 | 3321,8 | 13,60 | 15,14 |
| 2017 | 168,9 | 0,8314 | 69,0 | 409,14 | 5,2 | 14337,2 | 3742,2 | 14,10 | 21,31 |
| 2018 | 191,4 | 0,8464 | 68,0 | 409,85 | 5,3 | 16459,6 | 4464,3 | 14,62 | 28,3 |
| 2019 | 220,4 | 0,8634 | 68,0 | 559,64 | 5,4 | 17708,1 | 5583,2 | 14,8 | 43,7 |
| 2020 | 203,7 | 1,1854 | 80,0 | 696,1 | 4,7 | 17866,3 | 6357,2 | 15,14 | 66,8 |
| 2021 | 216,3 | 1,2018 | 61,0 | 903,91 | 4,8 | 15839,3 | 7990,4 | 11,59 | 79,1 |
| 2022 | 234,3 | 1,2211 | 82,0 | 1147,52 | 4,8 | 18587,5 | 9352,4 | 13,57 | 121,1 |
| 2023 | 244,2 | 1,2426 | 88,0 | 1715,92 | 4,9 | 21449,4 | 10621,0 | 14,83 | 123,8 |

*Сарчашма: дар асоси Омори солонаи шаҳри Душанбе.-Душанбе: АСПРТ, 2024.-447с. тартиб дода шудааст*

Бо истифода аз ин нишондиҳандаҳо ва истифодаи барномаи стандартӣ, аз тарафи мо амсилаи иқтисодию риёзии талаботи аҳолии шаҳри Душанбе ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо таҳия гардид, ки натиҷаи он дар Замимаи 1 ва ҷадвали 3.4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.4 - Натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар ш. Душанбе**

| Амсилаи иқтисодию риёзӣ мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе | Омилҳо |
|---|---|
| $У=-369,596+138,0058*X_1-0,78412*X_2$ $+0,003753*X_3+90,23318*X_4+3,31791*$ $X_5-10,9161*X_6-0,75134*X_7$ $+0,954873*X_8$ <br> $R = 0,991375$; $R^2= 0,982825$ | У – ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, млн. мус.<br>$X_1$ – шумораи умумии аҳолӣ, млн.нафар<br>$X_2$ -таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар ш.Душанбе, бо ҳисоби ба ҳар 1000 нафар<br>$X_3$ – даромади миёнаи аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_4$ - аъзои миёнаи оила дар ш.Душанбе, нафар<br>$X_5$ – маҷмуи маҳсулоти миллӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сомонӣ<br>$X_6$– ҳаҷми гардиши моли чакана, млн. сомонӣ<br>$X_7$ - хароҷоти хонаводагӣ барои пардохти ҳаққи ҳамлу нақли мусофирбарӣ (ба 1 нафар аъзои оила дар давоми моҳ), сомонӣ<br>$X_8$ – хароҷоти воқеии буҷети ш.Душанбе барои нақлиёт, млн. Сомонӣ |

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 3.4 бузургии коэффитсиенти маҷмуавии коррелятсия – 0,991375 ва коэффитсиенти детерминатсия – 0,982825 аз адекватнокии амсилаи таҳиягардидаи ҳаҷми мусофирбарии шаҳри Душанбе бо микроавтобусҳо шаҳодат медиҳад.

Дар амсилаи риёзии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо омилҳои $X_1$ – шумораи умумии аҳолӣ, млн.нафар, $X_3$ – даромади миёнаи аҳолӣ, сомонӣ, $X_5$ – таъминнокии аҳолӣ бо автомобилҳои сабукрави шахсӣ дар ш.Душанбе, бо ҳисоби ба ҳар 1000 нафар, $X_6$– ҳаҷми гардиши моли чакана, млн. сомонӣ, $X_7$ - хароҷоти хонаводагӣ барои пардохти ҳаққи ҳамлу нақли мусофирбарӣ (ба 1 нафар аъзои оила дар давоми моҳ), сомонӣ ба ҳаҷми мусофирбарӣ таъсири манфӣ доранд, ки онро бо он асоснок намудан мумкин аст, ки бо баланд гардидани даромади аҳолӣ қисми зиёди мусофирон аз хизматрасонии

автомобилҳои сабукрави таксомоторӣ истифода мебаранд ва рӯз ба рӯз зиёд гардидани шумораи ин намуд воситаи нақлиёти дар шаҳр худ гувоҳи гуфтаҳои болозикр мебошад. Яке аз сабабҳои асосии истифодаи зиёди хизматрасониҳои автомобилҳои сабукрави таксӣ ин болоравии даромади аҳолӣ бошад, сабаби дигар ин нисбат ба тарифҳои ҷаҳонӣ хеле паст будани арзиши ин намуд хизматрасониҳо мебошад.

Гузашта аз ин, амсилаи бисёромилаи регрессионӣ қиматнок аст ва барои муайян намудани талаботи аҳолии шаҳри Душанбе ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо имкон медиҳад ва ҳисобҳои гузаронидашудаи пешгӯии талабот дар ҷадвали 3.5 ва расми 27 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.5-Натиҷаҳои пешбинии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар ш. Душанбе дар давраи то соли 2030**

| Нишондиҳанда | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 | Соли 2030 нисбат ба соли 2026 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми хизматрасонии микроавтобусӣ дар ш. Душанбе, млн. мус. | 270,8 | 279,6 | 288,4 | 297,4 | 306,5 | 113,17 |

*Сарчашма: ҳисоби муаллиф*




**Расми 27 – Тасвири графикии пешгӯйии ҳаҷми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2025-2030**

Мувофиқи маълумоти ҷадвали 3.5 ва расми 26 дар соли 2030 дар муқоиса ба соли 2026 ҳаҷми хизмати нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳрӣ тавассути микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ба 13,17% меафзояд ва ин

коркарди тавсияҳо барои рушди устувори инноватсионии муассисаҳои нақлиётии шаҳрро дар асоси такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар самти татбиқи стратегия ва барномаҳои шаҳри Душанберо тақозо менамояд. Илова бар ин, мақомоти дахлдори нақлиётии шаҳр ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд натиҷаҳои бадастомадаро такмил ва рушди инфрасохтори нақлиёти шаҳр ва корхонаҳоро дар марҳилаҳои оянда ба инобат гиранд.

## 3.3. Роҳҳои такмили механизми ташкили идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе

Натиҷаи таҳлилу баррасии фаъолияти нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳри Душанбе муайян карда шуд, ки сатҳу сифати хизматрасонӣ дар ин самт, аз он ҷумла бо истифода аз нақлиёти мусофирбарии микроавтобусӣ қонеъкуннада набуда, механизми ташкили идоракунии лн такмилро тақозо менамояд. Дар ин ҳолат ба таври зарурӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва рушди фаъолияти нақлиётӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ғайриимкон аст.

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт ва зиёдшавии аҳолии шаҳри Душанбе накш ва мақоми НАМШ рӯз аз рӯз афзун мегардад, зеро нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ пеш аз ҳама характери иҷтимоӣ дошта асосан он ба қишри осебпазири ҷомеа, яъне шуруъ аз кормандони соҳаи буҷҷетӣ то ба нафақахуру толибилмони макотиби миёна, донишҷӯёни коллеҷу техникум ва донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва ғ. таъсири зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ дорад. Аз сабаби он, ки маҳз қисми асосии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо аз тарафи ширкатҳои хусусӣ анҷом дода мешавад зарурияти беҳдошти механизми ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар ин самт хеле муҳим мебошад. Вобаст ба ин, яке аз самтҳои такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта коркарди механизми аз ҷиҳати илмию амалӣ асосёфтаро тақозо менамояд.

Имрӯз дар шаҳри Душанбе рушди соҳибкорӣ дар соҳаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ҳамчунон дар ташаккул ва рушди рақобат дар самти мусофирбарӣ назаррас буда, асосии рушди нақлиётро дар назар дорад. Дар ин раванд, баҳисобгирии ҳиссаи қиёсии соҳибкорони инфиродӣ дар БХНМ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе бо суръати назаррас рӯ ба афзоиш дорад.

Дар шароити рушди инноватсионӣ дар соҳаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо фаъолияти соҳибкорӣ ба бахши асосии рушди стратегии БХНМ табдил ёфтааст ва мутаассифона, дар ин бахши ҳаётан муҳим барои шаҳр мушкилоте мавҷуданд, ки ба рушди он халал ворид месозанд:

-мукаммал набудани асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва сатҳи нокифояи ҳифзи манфиатҳои соҳибкорон дар раванди ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо.

-нокифоягии дастрасии субъектҳои хусусии фаъолияти соҳибкории нақлиётӣ ба воситаҳои молиявию қарзӣ барои таъмини воситаҳои гардон, навсозии парки микроавтобусӣ ва сармоягузорӣ барои рушди онҳо;

-дастрасии маҳдуди соҳибкорон барои фаъолият дар хатсайрҳо;

-сатҳи пасти техникии воситаҳои нақлиётии микроавтобусии соҳибкорон ба онҳо имкон намедиҳад, ки сифати қонеъкунандаи мусофирбариро дар шаҳр таъмин намоянд;

-мавҷудияти ҳамлу нақли ғайриқонунӣ ва надоштани маълумоти боэътимоди оморӣ вобаст ба ҳаҷми мусофирбарӣ ва набудани механизми дақиқи мониторинги фаъолияти тиҷоратии субъектҳои соҳибкории фаъолияти нақлиётӣ.

Ба ақидаи муаллиф “дастгирии давлатӣ дар соҳаи рушди соҳибкорӣ дар нақлиёти мусофирбар бо микроавтобусҳо дар шаҳру ноҳияҳо дар асоси татбиқи принсипҳои зерин ба роҳ монда шавад:

-дастрасии сохторҳои соҳибкорӣ ҳангоми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ба инфрасохтори молиявию нақлиётӣ, ташкилӣ ва платформаи рақамӣ;

-таъмини мунтазами субъектҳои хоҷагидорӣ ба асосҳои меъёрии қонунгузории Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти маҳаллии шаҳру ноҳияҳо ва дастрасии онҳо;

-пурра қонеъ гардонидани муроҷиати субъектҳои соҳибкорӣ нисбати дастгирӣ дар доираи барномаҳои давлатӣ ва мувофиқати онҳо ба қонунгузорӣ ва рақобатпазирӣ дар ҷумҳурӣ, ошкоро будани дастгирии соҳибкорӣ ҳангоми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шароити муосири хизматрасонии нақлиётӣ ва ғайра.

Ба ақидаи мо, имрӯз яке аз самтҳои асосии рушди соҳибкорӣ дар асоси амалӣ намудани прнсипҳои болозикр фароҳам овардани шароити мусоиди молиявию иқтисодӣ ба субъектҳо мебошад. Дар ин раванд баланд бардоштани самаранокии истифодаи шаклҳои дастгирии муосири давлатии субъектҳои соҳибкорӣ муҳим дониста мешавад” [177].

Барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта вобаста ба рушди соҳибкорӣ дар самти ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо, амалӣ намудани самтҳое, ки дар расми 28 оварда шудаанд, зарур дониста мешавад.




**Расми 28 – Самтҳои рушди фаъолияти соҳибкорӣ ҳангоми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе**

Ақидаи мо дар он аст, ки ҳадафи асосии расидан ба ташаккули рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонии нақлиётӣ бо микроавтобусҳо ҳамчун механизми фароҳам овардани муҳити рақобатпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳаи нақлиётӣ аз рӯйи барномаҳо мебошад. Барномаи мазкур имкони рушди соҳибкориро дар нақлиёти автомобилӣ ва инфрасохтори роҳ бо фароҳам овардани шароиту механизмҳои муосир дар бар мегирад.

Ҳамзамон, ҳангоми такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ворид шудани субъектҳои соҳибкорӣ ба бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва кам кардани монеаҳои маъмурӣ, танзими вазифаҳои назоратии мақомоти давлатӣ ташкили механизми самараноки дастгирии давлатӣ зарур мебошад ва самти рушди низоми дастгирии соҳибкорӣ дар ин соҳаи нақлиёти мусофирбар бояд гардад.

Ҷиҳати беҳтар намудани ташкили низоми соҳибкорӣ бо микроавтобусҳо дар қаламрави кишвар таҳияи стратегии рушди он, бозбинии тадбирҳои андоз оид ба дастгирии соҳибкорон тавассути татбиқи механизмҳои имтиёзноки андозбандӣ ба роҳ монда шаванд. Ҳамон гуна, ки муаллиф қайд мекунад: “...дар ин раванд бо мақсади муқаррар намудани имтиёзҳо, аз қабили имтиёзҳо аз андоз аз даромад, аз молу мулк ва пардохтҳои иҷтимоӣ барои субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи нақлиёти мусофирбар бо микроавтобусҳо зарур мебошад.

Самти дигари рушди соҳибкорӣ дар ин бозор бояд фароҳам овардани шароити зарурӣ барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ, инчунин барои хизматрасонии канори роҳ мебошад” [177].

Аз тарафи дигар, дар шароити муосири рушди соҳибкорӣ дар соҳаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе набояд аз тамоюлҳои ҷаҳонӣ қафо монд. Бо ин мақсад дар ин самт муҳайё намудани шароит барои рушди инноватсионии соҳибкорӣ зарур мебошад. Ҳамзамон, раванди такмил ва таҳияи меъёрҳои техникию экологӣ ба роҳ монда шуда, онҳо ба амалӣ шудани лоиҳаҳои инноватсионии субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи инфрасохтори нақлиётии шаҳри Душанбе нигаронида шудаанд.

Ба гуфтаи муаллиф: “...ба ҳайси механизми дастгирии молиявию иқтисодӣ ва сармоягузории фаъолияти соҳибкорӣ дар пешниҳоди хизматрасонии нақлиёти мусофирбар, аз он ҷумла ташкили чунин намуди хизматрасониҳо тавассути микроавтобусҳо дар ҷумҳурӣ аз имкониятҳои шарикии давлат ва бахши хусусиро ҳисобидан мумкин аст. Ин механизм ҳамкории давлат ва бахши хусусиро ҷиҳати амалӣ намудани чорабиниҳои аз ҷиҳати иҷтимоию манфиатовар дар бар мегирад. Ҳамзамон, ин механизм ба намудҳои мухталиф дар асоси созишномаҳои дутарафа, фаъолияти муштарак дар минтақаҳои иқтисодӣ, инчунин дигар шаклҳои маблағгузории муштараку татбиқи лоиҳаҳоро дар бар мегиранд” [177].

“Аз таҷрибаи ҷаҳонӣ бармеояд, ки истифодаи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати хизматрасонии нақлиёти мусофирбари микроавтобусҳо ҳангоми ҷалби сармояи иловагӣ барои татбиқи лоиҳаҳо ва ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиёт дар шаҳру минтақаҳо зарур доништа мешавад” [189, 192].

Бо назардошти он, ки фаъолияти нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе як самти шарикии бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим мебошад, зарур мешуморем, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар ин самт мавриди омӯзиш ва тадбиқ қарор дода шавад. Мувофиқи таҳлил “...дар бисёр кишварҳо ҳолатҳои ҳуқуқие мавҷуд аст, ки муносибати алтернативии пешбурди соҳибкориро дар нақлиёт таъмин намуда, ҳангоми ивазшавии рақобати маҳдуд ба рақобати комил, интиқолдиҳандагон барои иҷрои хизматрасонии нақлиётӣ мутобиқи принсипҳои озмун интихоб мешаванд” [192]. Мутаассифона ин муҳит, яъне муҳити ҳуқуқии муносиб ба ҳуқуқи моликият ва масъулият ҷиҳати тадбиқи фаъолияти самараноки шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба мусофирон дар кишвари мо тавассути микроавтобусҳо то андозае таъмин ва рушд наёфтааст ва ё ба як низоми самаранок фаъолияткунанда ташаккул наёфтааст.

Вобаста ба таҳлилҳои гузаронидашуда, рушди соҳибкорӣ дар бахши ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар шаҳри Душанбе ва умуман дар мамлакат дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ тавассути тадбиқи вазифаҳои зерин ҳал намудан имконпазир аст (расми 29).

Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба мусофирон бо микроавтобусҳо дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шаҳри Душанбе

- фароҳам овардани шароит барои иштироки васеи бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ дар муайян намудани афзалиятҳои рушд дар соҳаи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо
- бо ҷалби мутахассисон ва коршиносони соҳа кор карда баромадани ҳуҷҷати дарозмуддат, ки фаъолияти якҷояи бахши хусусӣ ва давлатиро дар самти фаъолияти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳоро дар шаҳри Душанбе ба расмият дарорад ва масъалаҳои ҳалталаби вобаста ба ташкилию идоракунӣ, моддию техникӣ ва молиявии кумак ба бахши хусусиро дар ин самт муайян менамояд
- ташкил ва истифодаи механизми шарикии байни бахши давлатӣ ва бахши хусусӣ, аз ҷумлаи таъсиси фондҳои махсус, ташкили семинарҳо ва конфронсҳо вобаста ба фаъолияти якҷоя ва омодакунии кадрҳо
- рушди дастрасӣ ба технологияҳои иттилоотию техникии ҳамкории объектҳои инфрасохтори нақлиётии шаҳр бо назардошти рақамикунонии фаъолияти якҷоя
- ба миён овардани шароити муфиди роҳандозии тадбирҳои инноватсионӣ дар ҷараёни муносибатҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ бо мақсади такмили ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо
- татбиқи фаъолияти якҷояи мақомоти дахлдори шаҳрдорӣ ва субъектҳои фаъолияти соҳибкории нақлиётӣ дар самти такмил ва рушди инфрасохтори ҳамгиройӣ вобаста ба таъмин ва дастгирии фаъолияти ҳамгиро оид ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе

**Расми 29 – Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба мусофирон тавассути микроавтобусҳо дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар шаҳри Душанбе**

Таҳияи механизми дастгирии иттилоотӣ-машваратии соҳибкорон бо мақсади мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо машғуланд, ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкорӣ аҳамияти беназир дорад.

Ҳоло рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҳангоми мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ба омодагии нокифояи роҳбарони соҳа ва сатҳи пасти тахассусии онҳо вобаста аст.

Ҳамзамон, маърифати пасти баъзе аз ронандагон ва кондукторон, ки яке аз масъалаи доғи рӯз мебошад, ба мушкилоти дар боло зикргардида вобастагӣ дорад.

Бо мақсад ҳалли ин масъала зарур мешуморем, ки мақомоти дахлдори соҳавӣ якҷоя бо муассиаҳои таълимии соҳавӣ ташкили даврагии таълимии семинарҳои ахборотию методӣ ва омӯзиширо бо фарогирии тамоми ҷанбаҳои ташкил ва идораи тиҷоратӣ дар нақлиёти мусофирбар, аз он ҷумла бо микроавтобусҳоро роҳандозӣ намоянд.

Вобаста ба ин, чорабиниҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодгардидаро дар ин самт ҷонибдорӣ менамоем:

-банақшагирӣ ва гузаронидани конфронс, семинарҳо ва мизҳои мудаввар бо иштироки соҳибкорон, мақомоти давлатӣ, мутахассисони соҳибкор дар самти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳрҳо;

-таҳияи механизми таъмини дастрасии соҳибкорон ба маводди иттилоотию методӣ доир ба банақшагирии бизнес бо назардошти хусусиятҳои соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба мусофирон ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ;

-истифодаи захираҳои воситаҳои ахбори умум ҷиҳати паҳн намудани ғояҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба мусофирон тавассути нақлиёти истифодаи умум ва аз он ҷумла тавассути микроавтобусҳо;

-банақшагирӣ ва гузаронидани семинарҳо ва курсҳои омӯзишӣ бо ҷалби мутахассисони соҳавӣ дар байни ронандагон, кондукторон ва дигар кормандони соҳа вобаста ба маданияти муоиширату дар хатсайрҳо ва тартиби рафтору масъулияти онҳо ва ғ.” [177].

Дар шароити рақобатпазирӣ ҷорӣ намудани механизми мониторинги фаврӣ ва назорати самараноки соҳибкорӣ ҳангоми хизматрасонии нақлиётӣ

тавассути таксиҳои хатсайрӣ ба мақсад мувофиқ буда, такмили ташкил ва идораи ин равандро тақозо менамояд.

Аз баррасии натиҷаи кори бозори хизматрасонии нақлиёти мусофирбар бо микроавтобусҳо бармеояд, ки имрӯз он мавриди рушд қарор дошта, баррасии тадбирҳои муносибро дар асоси баҳисобгирии омилҳои трансформатсионӣ зарур донистан бамаврид аст.

Дигар аз самтҳои такмили механизми ташкили идоракунии интиқоли НАМШ ташкили ҳамлу нақли корпоративӣ бо истифода аз микроавтобусҳо мебошад, ки айни замон васеъ истифода бурда мешавад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, пеш аз ҳама зарур мешуморем, ки барои татбиқи такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ моликияти давлатиро дар МНАМШ асосӣ, яъне корхонаҳои коммуналии воҳиди давлатӣ ҳифз намуда, марҳила ба марҳила раванди ислоҳоти маҷмӯавии системаи НАМШ татбиқ намудан зарур аст.

Барои такмили марҳилавии ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе, аз нуқтаи назари мо зарур аст:

1. Ҳифз ва рушд додани системаи мусофирбарии иҷтимоии аҳолии шаҳр тавассути рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар самти НАМ бо микроавтобусҳо бо назардошти тақвият бахшидани механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

2. Ташкили шароитҳои мусоид ва ба замони ҳозира мувофиқи иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои ҳифз ва рушди НАМШ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он.

3. Коркард ва пешниҳоди чораҳои мухталиф бо назардошти татбиқи сиёсати ҷорӣ намудани платформаи рақамӣ, тарҳрезӣ ва татбиқи усулҳои инноватсионии механизми ташкили идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва ғ.

Дар умум бозори хизматҳои нақлиёти мусофирбари шаҳри Душанбе сегментҳои зеринро дар бар мегирад (ҷадвали 3.6):

**Ҷадвали 3.6-Сегментҳои асосии фаъолияти НАМШ дар шаҳри Душанбе**

| № | Намудҳои интиқол | Таркиби хизматҳои расонидашаванда | Иҷрокунандаи интиқол |
|---|---|---|---|
| 1. | Мусофирбарии мунтазам бо автобусҳо | Интиқоли мунтазами мусофирон ва бағоҷ бо автобусҳои дараҷаи 1, ки до-рои на кам аз ду дар буда, дар хатсайр-ҳои муқарраргардида ва ҷадвали пеша-кӣ тасдиқгардида фаъолият намуда, мусофир ва бағоҷ мекашанд ва дар нуқтаҳои исти муайнгардида мусофир мегиранд, мусофир мефароранд. | Интиқол аз тарафи ККВД-и шаҳр иҷро карда мешавад. |
| 2. | Мусофирбарии мунтазам бо микроавтобусҳо | Интиқоли мунтазами мусофирон ва ба-ғоҷ бо автобусҳои дараҷаи 2 (ва ҳам 3) дар хатсайрҳои муқарраршуда ва ҷад-вали пешакӣ тасдиқшуда, ки дар нуқ-таҳои исти муайнгардида ва берун аз онҳо мусофир гирифта, мефароранд. | Интиқол аз ҷониби ККВД-и шаҳр ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ иҷро карда мешавад. |
| 3. | Мусофирбарии мунтазам бо троллейбусҳо | Интиқоли мунтазами мусофирон ва бағоҷ бо троллейбусҳо дар хатсайрҳои муқаррагардида ва ҷадвали пешакӣ тасдиқгардида, ки дар нуқтаҳои исти муайнгардида мусофир мегиранд ва мусофир мефароранд | Интиқол аз тарафи ККВД-и шаҳр иҷро карда мешавад. |
| 4. | Мусофирбарӣ бо таксомоторҳои сабукрав | Интиқоли мусофирон ва бағоҷ, ки бо фармоиши мизоҷон иҷро карда мешавад | Интиқол аз ҷониби субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (паркҳои таксомоторӣ) ва соҳи-бони автомобилҳои ин-фиродӣ иҷро мешавад. |
| 5. | Мусофирбарӣ бо кирояи автомобилҳои сабукрав ва микроавтобусҳо | Интиқоли мусофирон ва бағоҷ бо кирояи автомобилҳои сабукрав ва микроавтобусҳо бо ронанда ва бе ронанда | Субъектҳои фаъолия-ти соҳибкории кироя-диҳанда ва шахсони воқеӣ |
| 6. | Мусофирбарӣ бо авто-мобилҳои сабукрав ва микроавтобусҳои шахсӣ | Интиқоли мусофирон ва бағоҷ бо воситаҳои нақлиёти шахсӣ | Шахсони инфиродӣ |
| 7. | Интиқоли номунтазами автомобилии мусофи-рон ва бағоҷ бо авто-бус ва микроавтобусҳо | Мусофирбарӣ ва интиқоли бағоҷ, ки бо ташаббуси шахсии субъекти иҷрокунандаи интиқол нақл иҷро карда мешавад. | ККВД, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва шахсони инфиродӣ |
| 8. | Мусофирбарии корпоративӣ | Интиқоли мусофирон ва бағоҷ ба кормандони муассиса ва ташкилоти шаҳр, инчунин дар вақти ташкил намудани чорабиниҳои гуногун. | ККВД, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва шахсони инфиродӣ дар доираи иҷозатнома |
| 9. | Хизматрасониҳои нақлиётӣ-ирсолӣ | Хизматрасонии нақлиётӣ-ирсолӣ ба аҳолии шаҳр. | ККВД, субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ |
| 10. | Таъминоти нақлиётии шаҳр | Қонеъгардонии талаботи шаҳр ба мусофирбарӣ дар ҳолатҳои зарурӣ вобаста ба ташкили чорабиниҳои давлатӣ ва шаҳрӣ, бартарафсозии оқибатҳои офатҳои табиӣ ва ғ. | ККВД, ширкатҳои хусусӣ |

Ҷадвали пешниҳодгардида барои масъулин, коршиносон ва шахсони манфиатдор имкони объективона арзёбии фаъолияти нақлиёти мусофирбариро фароҳам меорад.

Самтҳои муҳимтарини такмили механизми ТИМ бо микроавтобусҳо дар ш. Душанберо пешниҳод менамоем:

1. Фароҳам овардани шароити муфиди рушди мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр:

- муҳайё намудани шароит барои ҷалби субъектҳои нави нақлиётӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият дар самти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва беҳдошти сифати хизматрасонӣ;

- зиёд намудани фармоишҳои иҷтимоӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ вобаста ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳои ширкатҳои хусусӣ ва ҳавасгардонии молиявии онҳо;

- ташкили шароити мусоид барои иштироки фаъоли субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар самти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар озмунҳо вобаста ба гирифтани ҳуқуқ барои хизматрасонии хатсайрҳо дар шаҳр ва тақвият бахшидани рақобатнокӣ ва баланд бардоштани сифати мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе;

- гузаронидани таҳлил ва мониторинги доимии хатсайрҳои амалкунанда ва таҳқиқоти селаи мусофирон дар онҳо. Ин имон медиҳад, ки сари вақт раванди мусофирбарӣ танзим карда шавад.

2. Такмили сиёсати молиявӣ-тарофавии вобаста ба мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо:

- ташкил ва роҳандозии гурӯҳи корӣ бо иштироки коршиносон, намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва намояндагони субъектҳои фаъолияти нақлиётии хусусӣ доир ба муайянсозии хароҷоти нақлиётӣ, тарофаҳои мусофирбарӣ, сиёсати буҷавию молиявии ширкатҳои хусусӣ ва инчунин муайянсозии усулҳои индексатсияи тарофаҳо;

- бо мақсади мониторинги дурусти ҳолати молиявии муассисаҳо ва мақсадҳои андозбандӣ пурра ҷорӣ намудани пардохти ғайринақдии ҳаққи роҳкиро дар тамоми сегментҳои фаъолияти нақлиёти мусофиркашонии шаҳри Душанбе ва назорати иҷрои пурраи он;

- ташкили фонди мақсадноки шаҳрӣ барои таъмини устувории молиявии ширкатҳои нақлиётӣ ва рушди системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр.

3. Коркард ва амалӣ гардонидани низоми мувофиқ гардонидашудаи мусофирбариҳо бо сохтори ташкилӣ-идоракунии фаъолияти нақлиёти истифодаи умумишаҳрӣ:

- роҳандозии шароити ягона новобаста за шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият барои ҳамаи субъектҳои системаи нақлиёти ҷамъиятӣ бо мақсади рушди рақобат ва баландбардории сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ;

- такмили механизми самараноки созмондиҳии шабакаи ягонаи хатсайрҳо бо мақсади фароҳам овардани шароит барои идоракунии самараноки нақлиёти автомобилии мусофирбари шаҳр ва танзими давлатии хизматрасонии нақлиётии аҳолӣ дар шаҳри Душанбе;

- бо мақсади гузаронидани чорабиниҳои таҷрибавӣ, вобаста ба такмили ташкили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ҷудо намудани хатсайрҳои алоҳидаи таҷрибавӣ ва такмилдиҳии ташкили раванди фаъолияти нақлиётӣ дар онҳо;

- фаъолият ва рушди низоми ягонаи автоматонидаи ташкили идоракунии рушди НАМШ дар асоси рақамикунонии соҳа;

- бо мақсади кам намудани вақти ҳаракати микроавтобусҳо дар хатсайрҳо ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо, инчунин халал ворид накардан ба фаъолияти дигар иштироккунандагони ташкили ҳаракат дар роҳ, ҷорӣ намудани нуқтаҳои исти иловагӣ (нуқтаҳои истӣ байнӣ ё фосилавӣ) барои микроавтобусҳо бо ҷалби маблағҳои нисбатан кам ва назорати иҷрои ҳатмии он аз тарафи ронандагон ва мусофирон.

4. Бо ҷалби мақомоти дахлдори ташкили идоракунӣ, инчунин тарафҳои манфиатдор такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии таъмини мунтазами самараноки фаъолияти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо:

- тақвият бахшидани ҳамгирооии мақомоти дахлдори шаҳри Душанбе ва қонунгузор оид ба такмили меъёрҳои ҳуқуқӣ дар самти ташкили идоракунии

ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо бо назардошти рақамикунонии фаъолияти нақлиётӣ;

- содагардонии андозбандии ширкатҳои нақлиётии мусофирбарӣ бо мақсади кам намудани сарбории маблағгузорӣ аз буҷети шаҳр.

Барои такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе ва татбиқи марҳила ба марҳилаи он аз рӯйи самтҳои овардашуда, инчунин натиҷаи таҳлили сохтори амалкунандаи ташкилии идоракунии НАМШ дар шаҳри Душанбе, ки номукаммалии онро нишон медиҳад, зарур мешуморем, ки дар сохтори ташкилӣ-идоракунии НМШ созмон додани хадамоти назорати сифат ва рақамикунонии нақлиёт, хадамоти ҳаракат дар роҳ ва шуъбаи мусофирбарии нақлиёти автомобилии хусусӣ мақсаднок мебошад. Сохтори ташкилии пешниҳодшаванда дар шаҳри Душанбе аз ҷониби мо дар расми 30 оварда шудааст.

Бо мақсади самаранок роҳандозӣ намудани фаъолияти ҳамаи зерсохторҳои сохтори пешниҳодгардидаи ташкили идоракунии нақлиёти мусофирбар дар шаҳри Душанбе зарурат пеш меояд, ки вазифаҳо ва уҳдадориҳо дар байни онҳо дуруст муайян карда шавад. Вобаста ба ин мақсаднок меҳисобем, ки мақомоти марбутаи шаҳр дар шахсияти идораи нақлиётӣ, нигоҳдории роҳҳо ва коммуникатсияи шаҳр сиёсати ягонаи нақлиётии шаҳри Душанберо пеш бурда, аз ҳама пеш фаъолияти худро дар самти банақшагирии фаъолияти нақлиёти ҷамъиятии шаҳр дар миёнамуҳлат ва дурнамо, арзёбии ҳамешагии вазъи демографии шаҳр, муайянсозии ҳаҷми маблағгузорӣ барои ҳамлу нақли иҷтимоӣ, такмили ҳамешагии асосҳои меъёрию ҳуқуқии назоратро дар фазо вақт, инчунин раванди мусофирбарии тиҷоратӣ амалӣ мегардонад.




**Расми 30 – Сохтори пешниҳодшавандаи ташкили идоракунии нақлиёти мусофирбар дар шаҳри Душанбе**

МД “Душанбенақлиётхадамотрасон” бошад, дар банақшагирӣ, пешгӯйӣ ва татбиқи сиёсату стратегияи рушди нақлиёти мусофирбари ҷамъиятии шаҳр ва буҷаи нақлиёти шаҳрӣ, истифодаи самараноки маблағҳоро дар раванди тақсим ва назорат иштирок намуда, шабакаи хатсайрҳои интиқоли мусофиронро муайян ва коркард менамояд, шароити мусоидро барои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ дар самти фаъолияти нақлиётӣ новобаста шакли моликият таъмин менамояд, мониторинги фаъолияти МНАМШ мегузаронад ва барои қонеъгардонии талаботи аҳолии шаҳр ба мусофирбарӣ ва фармоишҳо МИҲД шаҳр озмунҳо барои дарёфти ҳуқуқи фаъолият дар хатсайрҳоро мегузаронад.

Самти асосии фаъолияти МНА-и давлатӣ ва хусусӣ новобаста аз шакли моликияташон амалигардонии фаъолияти нақлиётӣ дар самти интиқоли мусофирон ва бағоҷ мебошад.

Масъалаи асосӣ дар самти ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ташкили озмунҳо барои фаъолият дар хатсайрҳои муайян мебошад, ки ба тариқи мушаххас пешниҳодот дар зербоби 3.1. оварда шуданд.

Масъалаи дигари ҳалталаб маърифати пасти иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо – ронандагон, кондукторон, мусофирон, пиёдагардон, кормандони мақомоти даxдори назоратӣ, аз ҷумла кормандони БДА, хадамоти танзим ва назорат дар соҳаи нақлиёт, инчунин танзимгарони хатсайрӣ мебошад. Яке аз сабабҳои асосии ба миён омадани тамбашавии зиёди воситаҳои нақлиётӣ дар шаҳр ва ҲРН омили инсонӣ ё худ маърифати пасти ҳуқуқиву мадании иштироккунандагони ҳаракат дар роҳ аст, ки бе ҳалли ин масъала баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ номумкин мебошад ва МИҲД ва сохторҳои нақлиётӣ ва марбутаро мебояд дар ин самт чораҳои таъхирнопазирро ба мисли бе санҷиши мувофиқатии ронанда надодани иҷозатнома барои фаъолият, ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат барои кормандони нақлиёт, овезаву варақаҳои тарғиботӣ дар воситаҳои нақлиётӣ ва нуқтаҳои ист ва ғайра амалӣ гардонанд.

Яке аз масъалаҳои муосири такмилталаб системаи ягонаи автоматонидаи ташкили идоракунии НМШ дар заминаи беҳсозии робитаи байни МИҲД шаҳр ва МНА мебошад. Вобаста ба ин, пеш аз ҳама, мебояд дар заминаи ин робита насб ва таҷҳизонидани воситаҳои нақлиёт, нуҳтаҳои ист, инчунин нуқтаҳои назоратӣ бо асбобҳои назоратию ченкунӣ оид ба назорат ва ҷамъоварии маълумот роҳандозӣ карда шавад. Ин ба мақомоти назоратӣ имкон медиҳад, ки иҷрои уҳдадориҳои аз ҷониби МНА қабулшуда ва рафти пардохти ҳаққи роҳкиро аз тарафи мусофирон ва иштироки ронанда дар он ба таври ҳамешагӣ ва лозима назорат карда шавад.

Бо мақсади такмили механизми ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва баландбардории самаранокии фаъолияти муссисаҳои нақлиётӣ бо назардошти таҳқиқоти гузаронидашуда чорабиниҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

- мақомоти дахдори нақлиётӣ риояи меъёрҳои техникӣ ва талаботи таъмини бехатарию экологиро қатъиян назорат ва сари вақт ширкатҳои хусусии нақлиётиро бо иҷозатнома ва сертификатҳо таъмин намоянд;

- дар раванди татбиқи сиёсати давлатӣ нисбат ба рақамикунонии нақлиёт пурзӯр намудани назорати қатъии сифати хизматрасониҳо ва таъмини бехатарии мусофирон ташкили зерсохторҳои нақлиётӣ вобаста ба назорати сифат ва рақамикунонии нақлиёт, инчунин ташкили ҳаракат дар роҳ ва шуъбаи мусофирбарии нақлиёти автомобилии хусусӣ дар сохтори идоракунии нақлиёти ҷамъиятӣ;

- қатъиян ва одилона дар асоси озмун вобаста намудани хатсайрҳои мусофирбарӣ ва тақсимоти дурусти воситаҳои нақлиёт вобаста аз натиҷаи таҳқиқоти селаи мусофирон;

- роҳандозии чорабиниҳо вобаста ба азхуднамоии селаи мусофирон ва таъсиси тавaққуфгоҳҳои иловагӣ (байни истгоҳӣ) барои микроавтобусҳо дар фосилаи байни нуктаҳои исти асосӣ бо гузоштани нишонаҳо ва хатҳои муайян ва то ба ронандагону мизоҷон расонидани он бо истифода аз лавозимоти ташвиқотиву тарғиботӣ.

Яке аз масъалаҳои мубрами замони муосир рақамикунонии иқтисодиёт, аз он ҷумла НАМШ, ки корҳо дар ин самт дар шаҳри Душанбе бевосита бо суръат идома дорад ва дар ин самт якчанд консепсия ва барномаҳои давлатӣ низ тасдиқ ва роҳандозӣ шуда истодаанд.

Вобаста ба санаду меъёрҳои амалкунанда ва татбиқи барномаҳои амалкунанда, инчунин арзёбии фаъолияти НАМШ ш. Душанбе ба масъалаҳои ҳалталаби аввалиндараҷа дар фаъолияти НАМШ ба ақидаи мо дохил мешаванд: сатҳи баланди садама ба омили инсонӣ, номукамалии механизми ташкили идораи мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, миқдори зиёди интиқоли ғайриқонунунӣ ва пардохти нақдинаи роҳкиро, набудани имкони ба таври фаврӣ идора намудани фаъолияти нақлиёти мусофирбар вобаста аз ҳолатҳои муайян аз маркази ягона бо истифода аз унсурҳои иқтисодиёти рақамӣ, сатҳи пасти таъминоти иттилоотӣ, ҳамоҳангсозии кори субъектҳои нақлиётӣ ва

нокифоягии мониторинги ҳолати инфрасохтори нақлиёти мусофирбар, арзёбии давраи ҳаётӣ ва ғ.

Дар ин замина, дар доираи кори таҳқиқотии мазкур вобаста ба рақамикунонии мусофирбарии автомобилии шаҳрӣ ва амалисозии “Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар стратегияву барномаҳои қабулшуда дарояндаи наздик барои рақамикунонии нақлиёти мусофирбари автомобилии шаҳр пешниҳод менамоем, ки чунин чорабиниҳо бояд татбиқ карда шаванд:

- таъсиси маркази ягонаи ташкили идоракунии мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо ва коркарди низоми амсиласозии раванди фаъолияти микроавтобусҳо дар хатсайрҳо дар асоси истифодаи зеҳни сунъӣ бо мақсади назорат ва танзими фаъолияти самараноки микроавтобусҳо, инчунин таъмини бехатарии ҳаракати онҳо дар роҳҳо автомобилгард;

- ҷорӣ намудани пардохти ягонаи электронии ҳақи роҳкиро бо истифода аз сити кортҳо барои ҳама намуди нақлиёти ҷамъиятӣ ва назорати ҷиддии иҷрои он аз тарафи иштирокунандагони фаъолияти нақлиётӣ, ки ин баланд шудани сифати интиқол, таъмини бехатарӣ, арзёбии даромади МНАШ, инчунин дуруст муайян намудани селаи мусофирон ва ташкили хатсайри мувофиқ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок сабаб шуда метавонад;

- муайян намудани маоши ронанда аз ҳисоби фоизи даромад боиси ҳавасмандӣ мегардад;

- ташкили фазои ягонаи рақамӣ барои таъмини маълумоти саривақти, инчунин рақамикунонии мақомоти давлатӣ дар самти фаъолияти мусофирбарӣ бо микроавтобусҳо, ки баланд бардоштани амнияти ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро таъмин менамояд;

- насби камераҳои назоратӣ дар дохил ва беруни воситаҳои нақлиётии микроавтобусӣ бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракт дар роҳ, назорати пардохти ғайринакдии ҳаққи роҳкиро, инчунин муносибати иштирокчиёни фаъолияти нақлиётӣ (ронанда-мусофир, мусофир-ронанда);

- навкунии парки микроавтобусҳои аз ҷиҳати экологӣ безарар ва каммасраф, инчунин аз ҷиҳати техникӣ пешрафта;

- “омодасозии мутахассисони касбӣ дар самти технологияҳои рақамӣ барои соҳаи нақлиёт дар тамоми зинаҳои таҳсилот ва ташкили курсҳои такмили ихтисос вобаста ба татбиқи иқтисодиёти рақамӣ барои кормандони соҳаи ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳри Душанбе” [181].

Ба ақидаи мо дар амал татбиқ намудани чорабиниҳо ва тавсиҳои пешниҳодгардида оиди такмили механизми ташкили ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дарояндаи наздик имкон медиҳад, дар шаҳри Душанбе бехатарии ҳаракат дар роҳҳо таъмин ва сифати хизматрасонӣ бо микроавтобусҳо беҳтар гардида, сарфаи маблағҳои буҷетӣ таъмин карда шуда, маданияти хизматрасонӣ ва самаранокии ташкили идораи мусофирбарӣ зиёд мегардад ва аҳамияти иҷтимоию иқтисодии ин раванд афзун мегардад.

# ХУЛОСА

Дар асоси таҳқиқоти баанҷомрасонидашуда ба чунин хулоса ва тавсияҳо ноил гардидем:

1. Дар замони муосири босуръат афзоиш ёфтани аҳолии шаҳри Душанбе самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва инфрасохтори он бевосита аз сатҳу сифати мусофирбарӣ ва дараҷаи ташкили идоракунии он сахт алоқаманд мебошад. Таҳлил ва арзёбии дар таҳқиқот доиргардида имкони муайян намудани мақом ва накши ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дар системаи нақлиёти ҷамъиятии шаҳр дар шароити рушди инноватсиониро дод. Аз таҳқиқот бармеояд, ки имрӯз вазни қиёсии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтоубсҳо дар шаҳри Душанбе 65%-ро ташкил намуд, ки хеле зиёд мебошад. .

2. Дар диссертатсия муайян карда шудааст, ки имрӯз дар шаҳри Душанбе дар раванди мусофирбарӣ ва арзёбии масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии масоили зиёд мавҷуд аст ва ҳалли онҳоро мо саривақтӣ мешуморем. Инчунин, дар диссертатсия асосҳои методӣ ва принсипҳои ташкили идораи нақлиёти автомобилии мусофирбарӣ микроавтобусӣ дар шаҳрҳо ҳамчун объекти таҳқиқ қарор дода шуда, сабабҳои асосии номукаммалии он ошкор ва масоили мавҷуда ҳангоми ташкили идоракунии мусофирбарӣ дар шаҳр тавсиф гардидааст. Муаллиф ҳалли мушкилоти ошкоргардидаро дар таҳияи тавсияҳо доир ба такмил додани механизми ташкили идоракунии мусофирбарии автомобилӣ дар шаҳр мебинад.

3. Дар рисола омӯзиши таҷрибаи хориҷии механизми ташкили идораи мусофирбарӣ дар шаҳрҳо иҷро гардида, дар асоси он тавсияҳо нисбат ба истифодабарии таҷрибаи мазкур дар шаҳри Душанбе пешниҳод гардиданд.

4. Ҳолати кунунӣ ва рушди мусофирбарӣ бо нақлиёти автомобилӣ, инчунин бо микроавтобусҳо шаҳри Душанбе дар асоси истифодабарии асосҳои консептуалии рушди системаи амалкунандаи нақлиётӣ арзёбӣ карда шуда, омилҳои асосии арзёбикунандаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодии МНАМШ бо назардошти шарикии бахши давлатию хусусӣ ошкор ва

пешниҳод карда шуданд.

